ISSN 3105-370X (PRINT)
3105-8213 (ONLINE)

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТ, ҶОМЕА ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

# CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW (SCIENTIFIC JOURNAL)

**2026. №1(9)**

**ДУШАНБЕ, 2026**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ “МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТ, ҶОМЕА ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР”**

**Муассиси маҷалла: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Маҷалла соли 2023 таъсис дода шудааст**

**Масъулият оид ба мухтаво ва саҳеҳияти иттилооти дар мақолаҳо истифодашударо дар маҷаллаи мазкур ба муаллиф вогузор карда мешавад.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.iutet.tj).
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №314/МҶ-97 аз 27.11.2023 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДБССТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
Сомонаи маҷалла: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ “АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА”**

**Учредитель журнала: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

**Журнал основан в 2023 г.**

**Ответственность относительно содержания и достоверности использованной информации несет автор статьи в данном журнале.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.iutet.tj).
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №314/МҶ-97 от 27.11.2023 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре МУТПТ.
Адрес Издательского центра: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Сайт журнала: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**SCIENTIFIC JOURNAL “CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW”**

**Journal Founder: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**The journal was founded in 2023.**

**The author of the article in this journal is responsible for the content and reliability of the information used.**

The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.iutet.tj).
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate №314/МҶ-97 of 27.11.2023
The journal is being prepared for publication at the IUTET Publishing Center.
Address of the Publishing Center: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734055
Journal website: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Tel.: (+992 37) 234-88-02

**© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**
**© International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**САРМУҲАРРИР**

**Асрорзода Убайдулло Саттор -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР**

**Қудратов Некруз Абдунабиевич -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

**Илмҳои ҳуқуқшиносӣ (5.5.)**

**Иброҳимов Солеҳҷон** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ходими пешбари Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи ходими пешбари Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Меликов Умрилло Асадуллоевич -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафеда ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Буризода Эмомалӣ Бозор -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Нематов Акмал Р** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Раҷабов Саидумар Адинаевич -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Зоир Ҷурахон Маҷид** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Бобозода Ҷамрод** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи молия ва иқисоди Тоҷикистон

**Исмоилов Шавкат Маҳмудович** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи молия ва иқисоди Тоҷикистон

**Минбалеев Алексей Владимирович -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии Доншгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Москва ба номи О.Е. Кутафина

**Салиева Роза Наильевна** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Казан.

**Ҷабборов Фарҳодҷон Нозимович -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими калони Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Наботзода Сиёвуш Холмурод -** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Илмҳои педагогӣ (5.3.)**

**Хоҷа Қурбон Тоҳирӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Мирзоев Абулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Назаров Холназар Давлатназарович -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷноновна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Ализода Сабрина Тилла** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**<u>Илмҳои сиёсӣ (5.6.)</u>**

**Қурбонова Зулфия Маҳмаднабиевна** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муҳаммадизода Парвиз Абураҳмон** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, директори Институти фалсафа ва сиёсатшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Каримов Шамсиддин Турсунматович** - доктори илмҳои сиёсаӣ, профессори

**Мирсаидов Фаридун Аврорович.** - номзади илмҳои сиёсаӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Амиров Толиб Шарипоич** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Матробиён Матроб Хуррам** - ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, котиби масъул

## ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР

**Асрорзода Убайдулло Саттор** — доктор экономических наук, профессор, ректор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

## ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА

**Кудратов Некруз Абдунабиевич** — доктор юридических наук, профессор, начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

## ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ

**Юридические науки (5.5.)**

**Иброхимов Солехджон** — доктор юридических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Бобоҷонзода Исрофил Хусейн** — доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом теоретических проблем государства и права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** — доктор юридических наук, профессор кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Буризода Эмомали Бозор** — доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом истории государства и права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Нематов Акмал Р.** — доктор юридических наук, профессор, главный учёный секретарь Национальной академии наук Таджикистана.

**Раджабов Саидумар Адинаевич** — доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом международного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Зоир Джурахон Маджид** — доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом государственного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Бобозода Джамрод** — доктор юридических наук, профессор Таджикского университета финансов и экономики.

**Исмоилов Шавкат Махмудович** — доктор юридических наук, профессор Таджикского университета финансов и экономики.

**Минбалеев Алексей Владимирович** — доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой информационного права и цифровых технологий Московского государственного юридического университета имени О.Е. Кутафина.

**Салиева Роза Наильевна** — доктор юридических наук, профессор Казанский федеральный университет

**Джабборов Фарходжон Нозимович** — кандидат юридических наук, старший научный сотрудник Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана.

**Наботзода Сиёвуш Холмурод** — кандидат юридических наук, депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

### Педагогические науки (5.3.)

**Ходжа Курбон Тохири** — доктор педагогических наук, профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Мирзоев Абдулазиз Раджабович** — доктор педагогических наук, профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Умаров Абдурахмон Саидахмадович** — доктор педагогических наук, профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Назаров Холназар Давлатназарович** — кандидат педагогических наук, доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Акрамова Мохрухсор Хамиджоновна** — кандидат педагогических наук, доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Ализода Сабрина Тилла** — кандидат педагогических наук, доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

### Политические науки (5.6.)

**Курбонова Зулфия Махмаднабиевна** — доктор политических наук, профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Мухаммадизода Парвиз Абдурахмон** — доктор политических наук, профессор, директор Института философии и политологии Национальной академии наук Таджикистана.

**Каримов Шамсиддин Турсунматович** — доктор политических наук, профессор.

**Мирсаидов Фаридун Аврорович** — кандидат политических наук, доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Амиров Толиб Шарипович** — кандидат политических наук, доцент Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Матробиён Матроб Хуррам** — старший научный сотрудник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, ответственный секретарь.

## EDITOR-IN-CHIEF

**Asrorzoda Ubaydullo Sattor** — Doctor of Economics, Professor, Rector of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

## DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF

**Kudratov Nekruz Abdunabievich** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

## MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD

### Legal Sciences (5.5.)

**Ibrohimov Solehjon** — Doctor of Law, Professor, Leading Research Fellow at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Bobojonzoda Isrofil Husein** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theoretical Problems of State and Law at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Melikov Umrillo Asadulloevich** — Doctor of Law, Professor of the Department of Law at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Burizoda Emomali Bozor** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of History of State and Law at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Nematov Akmal R.** — Doctor of Law, Professor, Chief Scientific Secretary of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Rajabov Saidumar Adinaevich** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of International Law at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Zoir Jurakhon Majid** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Constitutional (State) Law at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Bobozoda Jamrod** — Doctor of Law, Professor at the Tajik University of Finance and Economics.

**Ismoilov Shavkat Makhmudovich** — Doctor of Law, Professor at the Tajik University of Finance and Economics.

**Minbaleev Alexey Vladimirovich** — Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Information Law and Digital Technologies at Kutafin Moscow State Law University.

**Salieva Roza Nailevna** — Doctor of Law, Professor of Kazan State University

**Jabborov Farhodjon Nozimovich** — Candidate of Law, Senior Researcher at the Institute of State and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Nabotzoda Siyovush Kholmurod** — Candidate of Law, Deputy of the Assembly of Representatives of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan.

**Pedagogical Sciences (5.3.)**

**Khoja Kurbon Tohiri** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Mirzoev Abduaziz Rajabovich** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Umarov Abdurahmon Saidahmadovich** — Doctor of Pedagogical Sciences, Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Nazarov Kholnazar Davlatnazarovich** — Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Akramova Mokhrukhsor Hamidjonovna** — Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Alizoda Sabrina Tilla** — Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Political Sciences (5.6.)**

**Kurbanova Zulfiya Mahmadnabievna** — Doctor of Political Sciences, Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Muhammadizoda Parviz Abdurahmon** — Doctor of Political Sciences, Professor, Director of the Institute of Philosophy and Political Science of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Karimov Shamsiddin Tursunmatovich** — Doctor of Political Sciences, Professor.

**Mirsaidov Faridun Avrorovich** — Candidate of Political Sciences, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Amirov Tolib Sharipovich** — Candidate of Political Sciences, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**Matrobiyon Matrob Khurram** — Senior Research Fellow of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Executive Secretary.

УДК: 343.32

# ЗАРУРИЯТИ ҚАБУЛИ БАРНОМАИ НАВИ ДАВЛАТИИ МУҚОВИМАТ БА ҶИНОЯТКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2030

**ҚУДРАТОВ Н.А.**
*сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. E-mail: nek-kudratov@mail.ru*

**НАЗАРЗОДА Р.Ғ.**
*мудири кафедраи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Донишгоҳи славянии росияву Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*

Дар тадқиқоти мазкур зарурати таҳия ва қабули Барномаи нави давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030 аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст. Дар мақола вазъи муосири ҷинояткорӣ, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки ба динамика ва сохтори ҷиноятҳо таъсир мерасонанд, таҳлил гардида, маҳдудиятҳо ва мушкилотҳои барномаҳои амалкунандаи қаблӣ нишон дода шудаанд. Муаллифон асоснок намудаанд, ки таҳдидҳои муосир, аз ҷумла шаклҳои нави ҷинояткории муташаккил, фаромиллӣ, киберҷинояткорӣ ва таъсири равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷинояткории ноболиғон ва ғайра талаб менамоянд, ки сиёсати давлатӣ дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ таҷдиди назар гардад. Дар мақола зарурати равиши низомнок ва ҳамгирошуда бо такя ба робитаи «маориф – шуғл – тарбияи ҳуқуқӣ – пешгирии иҷтимоӣ», таҳкими ҳамкории байниидоравӣ, истифодаи механизмҳои муосири ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ таъкид гардиааст. Хулоса бар он аст, ки қабули Барномаи нави давлатӣ барои солҳои 2026–2030 метавонад ҳамчун воситаи муҳими таъмини амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа хизмат намояд.

**Калидвожаҳо:** ҷинояткорӣ, муқовимат ба ҷинояткорӣ, барномаи давлатӣ, пешгирии ҷиноятҳо, сиёсати давлатии ҷиноятӣ, амнияти миллӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, пешгирии иҷтимоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# НЕОБХОДИМОСТЬ ПРИНЯТИЯ НОВОЙ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПРОГРАММЫ ПО БОРЬБЕ С ПРЕСТУПНОСТЬЮ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН НА ПЕРИОД 2026-2030 ГОДОВ

**КУДРАТОВ Н.А.**
*Начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор. E-mail: nek-kudratov@mail.ru*

**НАЗАРЗОДА Р.Г.**
*Заведующий кафедрой уголовно-процессуального права Российско-Таджикского славянского университета, кандидат юридических наук.*

Данное исследование научно и практически обосновывает необходимость разработки и принятия новой Государственной программы борьбы с преступностью в Республике Таджикистан на 2026–2030 гг. В статье анализируется текущее состояние преступности, социально-экономические и правовые факторы, влияющие на динамику и структуру преступности, а также выявляются ограничения и проблемы ранее реализованных программ. Авторы утверждают, что современные угрозы, включая новые формы организованной преступности, транснациональную преступность, киберпреступность и влияние социально-

экономических процессов, подростковую преступность и т. д., требуют пересмотра государственной политики в области профилактики и борьбы с преступностью. В статье подчеркивается необходимость системного и комплексного подхода, основанного на взаимосвязи «образование – трудоустройство – правовое воспитание – социальная профилактика», укрепления межведомственного сотрудничества, использования современных правовых механизмов и повышения роли гражданского общества. В заключение делается вывод о том, что принятие новой Государственной программы на 2026–2030 годы может служить важным инструментом обеспечения национальной безопасности, социальной стабильности и устойчивого развития общества.

**Ключевые слова:** преступность, борьба с преступностью, государственная программа, профилактика преступности, государственная уголовная политика, национальная безопасность, правовое просвещение, социальная профилактика, Республика Таджикистан.

## THE NEED TO ADOPT A NEW STATE PROGRAM TO COMBAT CRIME IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE PERIOD 2026-2030

**KUDRATOV N.A.**
*Head of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor. E-mail: nek-kudratov@mail.ru*

**NAZARZODA R.G.**
*Head of the Department of Criminal Procedure Law of the Russian-Tajik Slavic University, Candidate of Legal Sciences.*

This study provides a scientific and practical justification for the development and adoption of a new State Program for Combating Crime in the Republic of Tajikistan for 2026–2030. The article analyzes the current state of crime, the socioeconomic and legal factors influencing the dynamics and structure of crime, and identifies the limitations and challenges of previously implemented programs. The authors argue that modern threats, including new forms of organized crime, transnational crime, cybercrime, the influence of socioeconomic processes, juvenile delinquency, etc., require a revision of state policy in the field of crime prevention and combating. The article emphasizes the need for a systemic and comprehensive approach based on the relationship between education, employment, legal education, and social prevention, strengthening interagency cooperation, utilizing modern legal mechanisms, and enhancing the role of civil society. The article concludes that the adoption of a new State Program for 2026–2030 can serve as an important tool for ensuring national security, social stability, and the sustainable development of society.

**Key words:** crime, fight against crime, state program, crime prevention, state criminal policy, national security, legal education, social prevention, Republic of Tajikistan.

Бе таҳлили дахлдори вазъияти криминологии давлат мубориза ву муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ самарабахш буда наметавонад. Омӯзиши таҷрибаи фаъолияти таҳлилии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дарк накардани омилҳои ба ҳолати ҷинояткорӣ таъсиркунанда ва тағйироти эҳтимолии онҳо дар оянда аксар вақт сабаби қабули қарорҳои нодуруст мегардад. Маълумот дар бораи вазъиятиояндаи ҷинояткорӣ доимо дар маркази диққати аҳли ҷамъият мебошад. Зеро, ҷинояткорӣ, раванди пасту баландшаваии он, пайдо шудани шаклҳои нави ҷинояткорӣ (киберҷиноятҳо) ба яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ табдил ёфтааст ва дар оянда ин раванд идома меёбад, ҳатто бо суръати баланд.

Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ бо мақсади амалӣ намудани чораҳои маҷмӯӣ ва саривақтии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ таҳия карда мешавад. Мақсади асосии чунин барномаҳо паст намудани

сатҳи ҷинояткорӣ дар мамлакат тавассути такмил додани фаъолияти сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба огоҳкунии кирдори зиддиҳуқуқӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчунин, бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадам дар самти муқовимат ба кирдори ғайриҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ иборат мебошад. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ санади стратегии давлатӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар кишвар таҳия ва амалӣ мегардад. Ин Барнома дорои хусусияти маҷмӯӣ ва дарозмуддат буда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкории байналмилалиро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ таъмин менамояд.

Зарурати таҳия ва қабули Барнома аз он сарчашма мегирад, ки ҷинояткорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ пайваста тағйир ёфта, шаклҳои муосири хавфнок, аз ҷумла терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккилона ва фаромиллӣ, киберҷинояткорӣ, савдои одамону кӯдакон, коррупсия ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, ба амнияти миллӣ ва суботи ҷамъиятӣ таҳдид менамоянд. Барои муқовимати муассир ба чунин таҳдидҳо, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, дастовардҳои илмӣ ва технологияи нав зарур буда, чораҳои комплексӣ ва саривақтӣ бояд андешида шаванд.

Мақсадҳои асосии Барнома аз паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ ва коҳиш додани паёмадҳои манфии он; такмил додани заминаи ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; густариши корҳои профилактикӣ дар миёни аҳолӣ, бахусус ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир; баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ; таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеаи байналмилалӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои трансмиллӣ иборатанд.

Принсипҳои амалисозии Барнома ба қонуният, демократия, инсондӯстӣ, масъулияти тарафайн миёни шахс ва давлат, шаффофият, ҳамгироии чораҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин истифодаи васеи имкониятҳои илм ва технология асос ёфтаанд.

Дар натиҷаи татбиқи Барнома интизор меравад, ки сатҳи ҷинояткорӣ коҳиш ёбад, сохтори он тағйироти мусбӣ ёбад, қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ таҳким гардад, эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ боло равад ва амнияти миллӣ дар шароити мураккаби ҷаҳонӣ таъмин гардад.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти худ ба масъалаи пешгирии ҷинояткорӣ диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз як чанд барномаи умумӣ ва стратегияҳои махсусро қабул ва амалӣ намудааст» [4, с. 8-9]. Аз ҷумла, Фармони раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1994, таҳти № 235 “Дар бораи чораҳои пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткории муташаккилона”, Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯргардонии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар солҳои 1996-1997, Барнома оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ ва пурзӯр намудани тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2003, Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 ва самти асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023, Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012», Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025, Барномаи давлатии муқовимат ба

ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030.

Таҳлили омори расмии содиршавии ҷиноятҳо шаҳодати онанд, ки як қатор барномаҳои давлатии қабулгардида ба сатҳи интизории самаранокӣ ноил нагардида, татбиқи онҳо бо мушкилоти институтсионалӣ, норасоии ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва заъфи механизмҳои мониторинг ва арзёбӣ рӯ ба рӯ мебошанд, ки дар маҷмӯъ ба коҳиш наёфтани нишондиҳандаҳои ҷинояткорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

*Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои сатҳи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024*

| Миқдор ва намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо | Сол | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Миқдори умумии ҷиноят-корӣ дар ҶТ | 23460 | 24118 | 22481 | 21319 | 22315 | 113693 |
| Одамкушӣ | 107 | 103 | 128 | 57 | 75 | 470 |
| Авбошӣ | 1325 | 1224 | 1227 | 1414 | 1663 | 6853 |
| Ҷиноятҳои вобаста ба мод-даҳои нашъамандӣ | 625 | 651 | 607 | 622 | 780 | 3285 |
| Ҷиноятҳои экстремистӣ | 1091 | 761 | 991 | 1228 | 1494 | 5565 |
| Роҳзанӣ | 33 | 38 | 38 | 19 | 28 | 156 |

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025 С. 199* [8]

Ба назари мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд Барномаи нави давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои давраи 2026–2030 қабул карда шавад ва он бо ҳолатҳои зерин зарур ва асоснок мебошад:

1. **Мутобиқсозӣ ба таҳдидҳои нав.** Барномаи амалкунанда (2021–2030) бо вуҷуди натиҷаҳои мусбат, ниёз ба таҷдиди назар ва мутобиқсозӣ ба таҳдидиҳои нав дорад. Дар шароити тағйирёбии динамикаи ҷинояткорӣ ва зуҳури шаклҳои нави ҷинояткорӣ (киберҷинояткорӣ, ҷиноятҳои молиявии трансмиллӣ, экстремизми рақамӣ), идомаи барнома дар марҳилаи солҳои 2026–2030 имкон медиҳад, ки чораҳои қаблан андешидашуда такмил ёфта, ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ ва технологӣ мутобиқ гарданд.

Давом додани сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ барои давраи солҳои 2026–2030 зарурати объективӣ мебошад, зеро таъмини амният ва суботи иҷтимоӣ танҳо бо тадбирҳои яквақта таъмин намегардад. Сиёсати давлатӣ бояд давомдор, пайгир ва мутобиқшаванда бошад, то ки ба шароити нав, тағйироти иҷтимоӣ ва таҳдидҳои муосир ҷавобгӯ гардад. Барномаҳои қаблан қабулшуда (солҳои 1996-1997, 2000-2003, 2008–2015) нишон доданд, ки сиёсати барномавӣ метавонад ба беҳтар шудани вазъи ҷинояткорӣ мусоидат намояд. Аммо, таҷриба собит кардааст, ки бо анҷоми як барнома таҳдидҳо аз байн намераванд, балки шаклу моҳияти онҳо тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки сиёсати давлатӣ бо марҳилаҳои пайдарпай идома ёбад, то натиҷаҳои мусбӣ таҳким ёфта, камбудиҳои қаблӣ ислоҳ шаванд. Шакл ва хусусиятҳои ҷинояткорӣ дар шароити муосир тағйир ёфта истодаанд, ба монанди рушди киберҷинояткорӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба технологияҳои рақамӣ; афзоиши экстремизм дар фазои маҷозӣ; тавсеаи ҷиноятҳои иқтисодии трансмиллӣ ва коррупсия; муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва оқибатҳои иҷтимоии нашъамандӣ; зиёдшавии ҷинояткории ноболиғон ва гурӯҳҳои осебпазир.

Барномаи солҳои 2026–2030 бояд механизмҳои нав, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳлили криминологӣ ва ҳамкории байналмилалиро барои муқовимат ба

чунин таҳдидҳо дар бар гирад. Давомнокии сиёсати давлатӣ на танҳо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки дар ҳамгироии онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва ВАО ифода меёбад. Ин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ хусусияти маҷмӯӣ ва самаранок касб намояд. Ҳамин тариқ, давомнокии сиёсати давлатӣ ва мутобиқсозии он ба таҳдидҳои нав барои давраи солҳои 2026–2030 шарти асосии таҳкими қонуният, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Давлат бояд сиёсати барномавиро ҳамчун абзори стратегӣ истифода бурда, онро пайваста ба шароити нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ мутобиқ созад.

**2.** *Ҳамгироии принсипҳои илмӣ ва технологияи нав.* Пешрафти илм ва рақамисозии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҷинояткорӣ низ таъсири бевосита мерасонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар Барномаи солҳои 2026–2030 таҷрибаи илмию амалии даҳсолаи гузашта ҷамъбаст гардида, бар асоси таҳлилҳои криминологӣ ва прогностикӣ (ояндабинӣ) чорабиниҳои нав, аз ҷумла истифодаи зеҳни сунъӣ, системаҳои иттилоотии пешгирӣ ва мониторинг, ба роҳ монда шаванд. Дар паёми Пешвои миллат қайд намуданд, ки «Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд. Маҷлиси Олии ҶТ-ро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯйӣ намояд» [10; 14; 15]. Дар ҳақиқат, пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ на танҳо омили рушди иқтисодӣ, балки василаи муҳими пешгирии барвақтии ҷинояткорӣ низ маҳсуб меёбанд. «Истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳлили омори ҷинояткорӣ, муайянсозии гурӯҳҳои хавфнок, мониторинги равандҳои иҷтимоӣ, инчунин пешгӯии омилҳои виктимологӣ имкон медиҳад, ки тадбирҳои пешгирикунанда нисбат ба ҷинояткорон сари вақт, ҳадафнок ва самарабахш амалӣ гарданд» [7].

Истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус дар самти муборизаву муқовимат ба ҷинояткорӣ, дорои аҳамияти амалӣ ва мубрамро касб намуда истодааст. Д.В. Пшиченко ибрози андеша менамояд, ки «қобилиятҳои нармафзорҳо дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бартарии назаррасе нисбат ба қобилияти инсонӣ дар самти сабт, пешгирӣ ва вокуниши барвақт ба қонуншиканиро фароҳам меоранд» [11, с.928].

Дар шароити кунунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд тадриҷан ба истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ рӯ оварда, онҳоро дар як қатор самтҳои марбут ба амнияти ҷамъиятиву давлатӣ, мониторинги рақамӣ ва таҳлили иттилоотӣ ба таври фаъол ҷорӣ намоянд. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ яке аз самтҳои наву самараноки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таъмини амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар замони муосир, ки ҷиноятҳо низ характери мураккаб ва рақамӣ мегиранд, зеҳни сунъӣ метавонад дар таҳлили ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят, муайян кардани намудҳо ва пешгӯии рафторҳои ҷинояткорона нақши муассир бозад.

Ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ба таври густарда дар корҳои муаллифони хориҷӣ инъикос ёфтаанд. «Саҳми корҳои илмии В.С. Овчинский ва Е.С. Ларина дар муайяннамоии имкониятҳои технологияи муосир дар раванди пешгирии ҷинояткорӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Онҳо зеҳни сунъиро ҳамчун технология, ки таъиноти сесамтаро дорад, арзёбӣ мекунанд ва он метавонад дар самтҳои маданӣ, низомӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ истифода шавад» [5, С. 374]. Хусусияти фарқкунандаи ҷинояткории муосир дар он зоҳир мегардад, ки он қобилияти ҷалб ва истифодаи дастовардҳои пешрафтаи технологиро доро бошад.

«Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи зеҳни сунъӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ аслан бар пояи системаи PredPol (Predictive Policing) асос ёфтааст, ки эҳтимоли содир шудани ҷиноятро дар макон ва вақти муайян бо таҳлили маълумоти таърихии қонуншиканӣ пешгӯӣ менамояд. Алгоритми дигар COMPAS (Correctional Offender Management Profiling for Alternative Sanctions) мебошад, ки барои арзёбии хатари ретсидив ё такрори ҷиноят аз ҷониби маҳкумшудагон ва айбдоршавандагон бо истифода аз таҳлили омилҳои гуногун истифода мешавад. Барномаи

ShotSpotter бошад, садои тирпарониро тавассути сенсорҳо сабт карда, макони ҳодисаро дақиқ муайян менамояд» [3, с. 45]. Ба ақидаи Н.А. Қудратов ва Т.М. Гайратов «бо истифодаи зеҳни сунъӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд сӯҳбатҳо, матнҳо ва муросилоти электронӣ бо шубҳаи омодагӣ ба содир кардани ҷиноятро таҳлил намоянд. Таҳлили нутқ ва сабтҳои овозӣ яке аз самтҳои пешрафтаи истифодаи зеҳни сунъӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ ва таҳдидҳои амниятӣ мебошад, ки ба таври фаъол дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти амниятии кишварҳои пешрафта истифода мешавад. Ин раванд иборат аз коркарди автоматикӣ ва семантикии паёмҳои садоӣ ва матнҳои гуфторшуда буда, бо истифодаи технологияи шиносоии овоз, табдили он ба матн (speech-to-text), таҳлили мазмун ва муайянсозии аломатҳои хавфнок ё шубҳанок анҷом дода мешавад» [3, с. 42-43].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда 70 рисолаҳои илмӣ дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ омода ва дифоъ карда шудаанд. Қисмати асосии ин рисолаҳои тавсияҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузорӣ мебошад. Вале, муттасифона, таҳлилҳо нишон доданд, ки аксарияти ин пешниҳодҳои илман асосноккардашуда дар амалия ва ё қонунгузорӣ татбиқ нашудаанд. Ҳол он, ки мақомоти дахлдор ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ бояд ба таври фаъол аз донишу таҷрибаи ин олимон васеъ истифода барад.

Ҳамин тавр, ҳамгироии принсипҳои илмӣ ва технологияи нав дар сиёсати давлатӣ оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2026–2030 аҳамияти фавқулода муҳимро дорад, зеро дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ шаклу усулҳои ҷинояткорӣ низ тағйир меёбанд. Давлат бояд ба истифодаи дастовардҳои илми криминология, ҳуқуқшиносӣ, психологияи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои дахлдор такя намояд, то ки сиёсати пешгирӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ хусусияти назариявӣ-асоснок ва ҳамзамон амалии самаранок пайдо кунад.

Технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, системаҳои автоматии мониторинг ва арзёбӣ, таҳлили маълумотҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ, имкон медиҳанд, ки равандҳои ҷинояткорӣ сари вақт ошкор гардида, хатари онҳо пешакӣ пешбинӣ шавад. Бо истифода аз ин имконот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд стратегияи худ ва воситаҳои тафтишро такмил дода, ба муқовимати муассиртар ва фаврӣ ноил гарданд.

Ҳамзамон ҷорӣ намудани усулҳои илмӣ дар соҳаи таҳлили оморӣ ва криминологӣ шароит фароҳам меорад, ки тамоюлҳои ҷинояткорӣ амиқтар фаҳмида шуда, қарорҳои идорӣ ва ҳуқуқӣ бар асоси далелу ҳисобҳои воқеӣ қабул карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳамгироии принсипҳои илмӣ ва технологияи нав на танҳо воситаи иловагӣ, балки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар марҳилаи солҳои 2026-2030 ба шумор бояд равад, ки он метавонад ба баланд бардоштани сатҳи қонуният, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидат намояд.

**3.** *Афзоиши ҷинояткории ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир.* Зиёдшавии ҷинояткории ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир нигаронкунанда буда, ба равандҳои мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи маҳдуди назорати иҷтимоӣ, коҳиши нақши муассисаҳои тарбиявию оилавӣ, мушкилоти таълиму шуғл, инчунин нокифоягии тадбирҳои пешгирикунандаи давлативу ҷамъиятиро алоқаманд мебошад, ки дар маҷмӯъ зарурати бознигарӣ ва такмили барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати ҷавонон ва механизмҳои барвақтии пешгирии ҷинояткориро тақозо мекунад.

*Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои сину солии содиршавии ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024*

| Сол. Синну сол | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 14-15 | 160 | 138 | 99 | 125 | 141 | 663 |
| 16-17 | 597 | 611 | 643 | 521 | 616 | 2988 |
| 18-24 | 2495 | 2386 | 2076 | 2189 | 2759 | 11905 |
| 25-29 | 2692 | 3018 | 2320 | 2315 | 2865 | 13210 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 5944 | 6153 | 5138 | 5150 | 6381 | 28766 |

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025 С. 200* [8]

Раванди ҷаҳонишавӣ, бо вуҷуди имкониятҳо ва ҷанбаҳои мусбате, ки барои рушди муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фароҳам меорад, ҳамзамон дорои паёмадҳои манфие низ мебошад, ки ба амнияти милли давлатҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонид. Аз ҷумла, «воридшавии унсурҳои фарҳанги бегона, ташвиқи фаҳшу зӯроварӣ, бераҳмӣ, бетафовутӣ, худхоҳӣ ва рӯҳияи бартариҷӯӣ тавассути филмҳои синамогардонии хориҷӣ, намоиши мусобиқоти варзишии дорои хусусияти хашиновар, аз ҷумла набардҳои тан ба тан (UFC, IMMAF, WMMAA, MMA World, Bellator MMA, ONE Championship (One FC), ), инчунин паҳншавии бозиҳои компютерии гуногун (Counter-Strike ва Grand Theft Auto (GTA), Roblox, EA Sports MMA, Carmageddon [13])», ба мафкураи ҳанӯз пурра ташаккулнаёфтаи ҷавонону наврасон таъсири манфӣ расонида, заминаҳои фосидшавии арзишҳои ахлоқию иҷтимоии онҳоро ба вуҷуд меоранд.

«Яке аз омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳо дар байни ҷавонон таъсир мерасонад, ин паҳншавии густурдаи бозиҳои компютерӣ мебошанд. Истифодаи бозиҳои компютерӣ, бахусус он навъҳое, ки дорои унсурҳои зӯроварӣ, таҷовузкорӣ ва беқадргардонии арзишҳои ахлоқию инсонианд, ба рафтори иҷтимоии ҷавонон ва наврасон таъсири манфӣ мерасонанд ва метавонад яке аз омилҳои мусоидаткунанда дар содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо гарданд» [12, с. 193-194; 2, с. 30]. Истифодаи мунтазам ва беназорати чунин бозиҳо боиси коста гардидани назорати худидоракунӣ, паст шудани сатҳи ҳисси масъулиятшиносӣ, одат кардан ба истифодаи зӯроварӣ ҳамчун меъёри муқаррарии рафтор ва заифшавии арзишҳои ахлоқӣ мегардад. Дар баробари ин, вобастагии равонӣ ба муҳити маҷозӣ метавонад муносибатҳои воқеии иҷтимоиро маҳдуд намуда, эҳсоси бетафовутӣ ба қонун ва меъёрҳои ҷамъиятиву ахлоқиро таҳким бахшад. Ҳамин тавр, дар шароити набудани назорати муассири оилавӣ, таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ, паҳншавии бозиҳои компютерии дорои хусусияти зӯроварӣ, таҷовузкорӣ ва ғайриахлоқӣ метавонад ҳамчун яке аз омилҳои ғайримустақими афзоиши каҷрафторӣ (девиантӣ) ва ҷинояткорӣ, махсусан дар байни гурӯҳҳои синну солии осебпазир, баромад намояд.

Counter-Strike яке аз бозиҳои компютерие мебошад, ки саропо дорои унсурҳои зӯроварӣ, таҷовузкорӣ ва беқадргардонии арзишҳои ахлоқию инсонӣ мебошад. Ин бозӣ дар кишварҳое чун Бразилия манъ карда шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ВКД [6] низ паҳн намудани ин бозиро манъ кардааст.

Таҳдиди ҷиддии замони муосир дар самти шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ин вусъат ёфтани маҳз истифодаи бозиҳои компютерӣ ҳамчун воситаи паҳн ва таблиғи идеологияи зӯроварӣ, экстремизм ва терроризм, махсусан дар миёни наврасон ва ҷавонон, мебошад. «Чунин бозиҳои компютерӣ, ки хусусияти экстремистӣ доранд, ба монандӣ The Shitposter дар Зеландияи Нав, For Freedom Ichkeriya: BAMUT ва Roblox дар Россия, Wolfenstein ва Wolfenstein II: The New Colossus дар Олмон, Manhunt дар ҳамаи давлатҳо, Six Days in Fallujah дар баъзе давлатҳои Шарқи наздик манъ карда шудаанд» [13]. Ин бозиҳои компютерӣ аксаран зери ниқоби фароғат ва рақобат пешниҳоди ҷавонон мегарданд, дар шуури ҳанӯз комилан ташаккулнаёфтаи ҷавонон тасаввуроти таҳрифшуда оид ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, майл ба ҳалли низоъҳо тавассути хушунат ва зӯровариро тақвият мебахшанд. Дар натиҷа, арзишҳои ҳалли осоиштаи баҳсҳо, муколама ва таҳаммулпазирӣ тадриҷан коста гардида, рӯйгардонӣ аз роҳҳои қонунию мусолиматомези ҳалли мушкилот дар ҳаёти воқеӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин ҳолат хавфи ифротишавии рафтор ва ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротиро ба таври ҷиддӣ меафзояд.

Гуруҳҳои террористиву экстремистӣ дар шароити муосир аз бозиҳои маъмулии компютерӣ ҳамчун воситаи пинҳонии сафедкунии идеологияи терроризму экстремизм, мағзшӯии ҷавонон, ҷалби онҳо ба сафи худ ва ҳатто таъмини дастгирии молиявии фаъолияти террористиву экстремистӣ истифода мебаранд. Бо роҳи ворид намудани рамзҳо, қаҳра-

монсозии зӯроварӣ, саҳнаҳои бозие, ки амалҳои террористиро «оддӣ» ё «қаҳрамонона» нишон медиҳанд, ҷавонон тадриҷан ба муҳити идеологии радикалӣ ҷалб карда мешаванд. Ҳамзамон, истифодаи харидуфурӯшҳои дохилибозӣ, тӯҳфаҳои рақамӣ ва низомҳои пардохтҳои онлайн метавонад ҳамчун манбаи ғайримустақими маблағгузории шабакаҳои террористиву экстремистӣ хизмат намояд. Ин раванд хавфи ҷиддиро барои амнияти миллӣ ва рушди солими ҷаҳонбинии ҷавонон ба вуҷуд оварда, зарурати таҳкими назорати ҳуқуқӣ, маърифати рақамӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти пешгирии ифротишавӣ тақозо мекунад.

Дар ҳамин замина, пешгирӣ бояд пеш аз ҳама ба таҳкими саводи рақамӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, назорати муҳтавои бозиҳои компютерӣ, баланд бардоштани нақши оила ва муассисаҳои таълимӣ дар шинохти барвақтии аломатҳои ифротишавии рафтор равона карда шавад. Ҳамзамон, ҷалби ҷавонон ба фаъолиятҳои созанда, аз қабили варзиш, фаъолияти илмӣ, эҷодкорӣ ва технологияҳои бехатари рақамӣ имкон медиҳад, ки фазои маҷозӣ на ҳамчун воситаи тундгароӣ, балки ҳамчун абзори рушди зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо истифода гардад. Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки барои ҳифзи ҷавонону наврасон ва пешгирӣ намудани содиршавии ҷиноятҳо аз тарафи онҳо фаъолияти марказҳое, ки чунин бозиҳои компютериро пешниҳод мекунанд, қатъ карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳо аслан аз тарафи шахсоне, ки дорои маълумоти миёна мебошанд, содир карда мешаванд. Дар Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноят-корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ба масъалаи маърифатнокии аҳолӣ, бахусус гирифтани таҳсилот, фароҳам овардани шароити дахлдор барои гирифтани таҳсилот аз ҷониби ҷавонон диққати зарурӣ дода нашудааст.

*Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои сатҳи маълумотнокии ҷинояткорон дар солҳои 2020-2024*

| Таҳсилот / ҷинс | Сол | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Маълумоти миёна | 14280 | 14527 | 14156 | 13095 | 14465 | 70523 |
| Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус | 1808 | 2400 | 1373 | 2235 | 2034 | 9850 |
| Мардон | 15081 | 14470 | 15037 | 13786 | 13602 | 71976 |
| Занон | 1618 | 1890 | 1743 | 1728 | 1600 | 8579 |

*Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025 С. 200* [8]

Миқдори зиёди шахсони дорои маълумоти миёна дар сохтори ҷинояткорон (соле то 14~15 ҳазор нафар) нишон медиҳад, ки сатҳи нокифояи донишҳои касбӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ яке аз омилҳои асосии хавфи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои барномаҳои минбаъдаи давлатӣ дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ ин маънои онро дорад, ки диққати асосӣ бояд ба такмили сифати таҳсилоти миёна, таҳкими тарбияи ҳуқуқӣ, рушди малакаҳои зиндагӣ, шуғл ва касбомӯзии ҷавонону наврасон равона гардад. Мавҷудияти ҳиссаи муайяни шахсони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус дар миёни ҷинояткорон (аз 1373 то 2400 нафар) гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо таҳсил худ кафолати пешгирии ҷиноят нест. Ин нишондиҳанда низ барои барномаҳои минбаъда аҳаммият дорад, зеро зарурати пайвастани сиёсати маориф бо тарбияи ахлоқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таъмини шуғли арзанда ва назорати иҷтимоиро таъкид мекунад. Тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2020-2024 собит месозад, ки Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ва дигар барномаҳо бештар хусусияти умумӣ доранд ва ба гурӯҳҳои мушаххаси хавфноку осебпазир (аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ) мутобиқ карда нашудаанд.

Ҳамин тавр, ин маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар барномаҳои давлатии пешгирии ҷиноятгорӣ бояд робитаи мустақими «маориф – шуғл – тарбияи ҳуқуқӣ – пешгирии иҷтимоӣ» ба назар гирифта шуда, барои ҳар зинаи таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва самаранок таҳия карда шаванд. Ин ҳолатро бо чунин формулаи умумии пешгирии ҷиноятгорӣ ифода кардан мумкин аст:

ПҶ = f (М + Ш + ТҲ + ПИ)

ки дар он:

ПҶ - сатҳи пешгирии ҷиноятгорӣ;

М - сатҳи рушди маориф;

Ш - сатҳи шуғли устувори аҳолӣ;

ТҲ - дараҷаи тарбияи ҳуқуқӣ;

ПИ - сатҳи пешгирии иҷтимоӣ.

Шарҳи ин формулаи умумии пешгирии ҷиноятгорӣ чунин мебошад. Формулаи пешниҳодшудаи ПҶ = f (М + Ш + ТҲ + ПИ) моҳияти муносибати мутақобилаи омилҳои асосии иҷтимоиву тарбиявиро дар раванди пешгирии ҷиноятгорӣ инъикос менамояд. Дар ин формула сатҳи пешгирии ҷиноятгорӣ (ПҶ) ҳамчун натиҷаи ҷамъбастии таъсири як қатор унсурҳои калидӣ баррасӣ мегардад, ки ҳар кадоми онҳо дар коҳиш додани хавфи рафтори ҷиноятӣ нақши мустақил, вале ҳамзамон баҳампайванд доранд.

Омили маориф (М) ҳамчун пояи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва малакаҳои иҷтимоии шахс баромад намуда, баланд будани сатҳи маориф ба афзоиши шуурнокӣ, худшиносӣ ва қобилияти интихоби рафтори қонуниятнок мусоидат намуда, заминаи эҳтимолии гаравидан ба ҷиноятро коҳиш медиҳад.

Шуғли устувори аҳолӣ (Ш) яке аз омилҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодии пешгирии ҷиноятгорӣ мебошад. Таъмини шуғли устувор ба қонеъ гардидани ниёзҳои моддӣ, таҳкими суботи иҷтимоӣ ва коҳиш ёфтани ангезаҳои иқтисодии ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

Тарбияи ҳуқуқӣ (ТҲ) дараҷаи огоҳии шахсро аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, уҳдадориҳо ва ҷавобгарӣ инъикос намуда, сатҳи баланди он ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ва эҳтиром ба қонунро ташаккул дода, рафтори пешгирикунанда нисбат ба қонунвайронкунӣ ба вуҷуд меорад.

Пешгирии иҷтимоӣ (ПИ) маҷмӯи тадбирҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва равониро дар бар мегирад, ки ба коҳиши омилҳои хавфнок, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва мутобиқшавии иҷтимоии шахс равона шудаанд. Ин унсур махсусан дар марҳилаҳои барвақти пешгирӣ аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тариқ, формулаи мазкур нишон медиҳад, ки пешгирии самараноки ҷиноятгорӣ танҳо дар натиҷаи таъсири ҳамзамон ва мутаносиби маориф, шуғл, тарбияи ҳуқуқӣ ва пешгирии иҷтимоӣ имконпазир мебошад. Нодида гирифтани ҳар яке аз ин омилҳо метавонад самаранокии сиёсати давлатии пешгирии ҷиноятгориро коҳиш диҳад, дар ҳоле ки таҳкими ҳамгироии онҳо заминаи устувори коҳиши ҷиноятгориро фароҳам меорад.

1.2. Level of education. Research shows that individuals sentenced to life imprisonment tend to have a lower level of education compared to the general population. According to a study of the personal files of 104 prisoners sentenced to life imprisonment, 60 of them (57.6%) do not have any education, 17 (16.3%) have incomplete secondary education, and 40 (38.46%) have general secondary education [7]. Factors such as limited access to educational resources, instability in schooling due to family or community issues, and early involvement in the criminal justice system contribute to the lower levels of education among this population [8]. Many prisoners serving life sentences enter correctional facilities with a lack of education, lacking the basic literacy and numeracy skills necessary to navigate the complexities of modern society.

1.3. The impact of incarceration on education. The experience of incarceration can further exacerbate educational challenges among long-term incarcerated individuals. Limited access to educational programs, restrictive policies, and overcrowded correctional facilities create obstacles to learning and skill development. Moreover, the stigma associated with incarceration and isolation from the broader society can discourage individuals from pursuing education during their incarcerated periods, perpetuating cycles of educational disadvantage and social exclusion.

Thus, it should be noted that the level of education of people convicted of PLS allows us to understand the interconnected dynamics of socio-economic disadvantage, systemic inequality, and the impact of imprisonment on education. By acknowledging the challenges faced by those convicted of PLS and embracing the transformative power of education, we can pave the way for a more just and rehabilitative criminal justice system. Education behind bars is not only about academic enrichment, but also about redemption, empowerment, and hope for a brighter future beyond the walls of correctional facilities.

**2. Family status of those sentenced to life imprisonment.** According to a study of the personal files of 104 prisoners sentenced to life imprisonment, 14 (13.46%) have not yet formed a family, 6 (5.76%) are divorced, and 84 (80.76%) are married [9].

Contrary to popular belief, a significant number of people sentenced to life imprisonment are married or were married before being incarcerated in special regime correctional facilities. Despite the daunting prospect of spending the rest of their lives behind bars, many long-term prisoners maintain strong bonds with their spouses, finding strength and comfort in the love and devotion that existed before their incarceration [10, P. 82-87].

The legal and practical realities of life imprisonment create additional challenges for married couples, particularly in terms of legal rights, financial stability, and long-term planning. Spouses may face obstacles in obtaining benefits, making decisions on behalf of their imprisoned partners, or navigating complex legal processes. Additionally, the prospect of spending decades apart may prompt married couples to make difficult decisions about the future of their relationship and their personal well-being. **3.**

**Age of those sentenced to life imprisonment.** The age dynamics of those sentenced to life imprisonment, from young criminals experiencing the consequences of their impulsive actions to older prisoners passing the twilight behind bars, provide a deep analysis of the complexities of

crime, punishment, and the passage of time. We propose the following classification of the ages of those sentenced to life imprisonment:

1. Young criminals. Of the 104 people sentenced to life imprisonment, 32 were between the ages of 18 and 30 (30.76) at the time of the crime, and 2 of them will be sentenced, accounting for 1.92% of the total number [11]. This indicates that young criminals are more likely to commit particularly serious crimes. Among those serving life sentences, a significant proportion are individuals who committed crimes during their youth or early adulthood. In particular, juvenile offenders may find themselves in the grip of life imprisonment due to impulsive actions, peer pressure, or environmental factors beyond their control. The sentencing of juvenile offenders to life imprisonment raises complex ethical and legal questions about guilt, rehabilitation, and the possibility of lifelong redemption.

2. Middle-aged prisoners. Middle-aged prisoners sentenced to life imprisonment represent another demographic group of prisoners. Of the 104 prisoners sentenced to life imprisonment, 64 were between the ages of 30 and 50 at the time of their crimes (61.53), and 66 will be punished, accounting for 63.46% of the total number [12]. As we can see, the age at the time of the crime and the punishment are almost identical. Many of these prisoners may have committed offenses during their heyday, struggling with a variety of socioeconomic problems, substance abuse, or untreated mental health issues.

3. Elderly prisoners. Over the years, an increasing number of prisoners serving life sentences have been transitioning into the category of elderly individuals. Out of the 104 prisoners serving life sentences, 8 individuals were over the age of 50 at the time of their crimes (7.69%), and 36 individuals will be sentenced, accounting for 34.61% of the total number [13]. The difference between the age of the crime and the time of the sentence is significant. Old age brings with it a unique set of challenges, including declining health, reduced mobility, and increased vulnerability to age-related diseases. Elderly prisoners may face feelings of isolation, regret, and existential questions as they navigate the twilight years behind bars, grappling with the prospect of spending the rest of their lives in captivity.

Thus, it should be noted that the age dynamics of individuals sentenced to life imprisonment provide a compelling narrative of human experience shaped by the passage of time and the consequences of past actions. Each stage of life imprisonment, from young offenders grappling with the weight of impulsive decisions to older inmates navigating the challenges of aging behind bars, presents its own set of challenges, complexities, and opportunities for reflection and growth.

4. Criminal backgrounds of those sentenced to life imprisonment. Many individuals sentenced to life imprisonment have extensive criminal backgrounds marked by previous encounters with the criminal justice system and involvement in various offenses, ranging from non-violent crimes to serious crimes. Past traumas, abuse, or substance abuse can also contribute to their placement in correctional facilities. The criminal histories of individuals sentenced to life imprisonment are often complex narratives shaped by a multitude of factors, including socio-economic circumstances, personal experiences, and systemic inequalities within the criminal justice system. Of the 104 individuals sentenced to life imprisonment, 33 had a criminal history, with 25 having committed 1 crime, 12 having committed 2 crimes, and 5 having committed more than 2 crimes [14]. While each case is unique, it is important to recognize that individuals sentenced to life imprisonment often face complex challenges in their lives.

- Many individuals who have been sentenced to life imprisonment have a history of criminal offenses. These offenses can range from non-violent crimes such as drug possession or theft to more serious crimes such as assault, robbery, or murder. Previous encounters with the criminal justice system may have resulted in convictions, probation, or imprisonment, indicating involvement in illegal activities;

- For some prisoners who have been in correctional facilities for an extended period of time, their criminal history may indicate an escalation in the severity or frequency of their offenses over time. What started as minor violations or youthful misconduct may have progressed into more se-

rious crimes as individuals have become more entrenched in criminal behavior or have faced increasing personal or socio-economic challenges;

- Substance abuse and addiction often play a significant [15] role in the criminal backgrounds of individuals sentenced to life imprisonment. Many prisoners serving life sentences struggle with substance abuse issues, including drug or alcohol addiction, which can contribute to their involvement in criminal activities such as drug trafficking, theft, or violent acts;
- The criminal record of long-term prisoners is also influenced by broader societal factors, including poverty, unemployment, lack of access to education and healthcare, and systemic inequalities in the criminal justice system. Individuals from disadvantaged backgrounds may face limited opportunities for legitimate employment or social mobility, which forces them to resort to criminal activity as a means of survival or as a reaction to systemic injustice;
- Many long-term prisoners have experienced trauma or adverse childhood experiences that have contributed to their criminal past. Child abuse, neglect, exposure to violence, or involvement in a dysfunctional family environment can have long-term psychological consequences, increasing the likelihood of engaging in criminal behavior later in life. Untreated trauma can also contribute to the development of mental health conditions such as depression, anxiety, or post-traumatic stress disorder, further complicating an individual's journey through the criminal justice system;
- In cases where individuals are sentenced to life imprisonment for violent crimes such as murder or manslaughter, their criminal histories may reveal patterns of aggression, conflict, or involvement in violent activities. These patterns may be influenced by factors such as gang involvement, interpersonal conflicts, or a history of exposure to violence within their communities or families.

Thus, it should be noted that the criminal pasts of individuals sentenced to life imprisonment are multifaceted narratives shaped by a complex interplay of personal, socio-economic, and systemic factors. Understanding these stories is essential for addressing the root causes of criminal behavior and creating a more equitable and just criminal justice system. By addressing underlying issues such as substance abuse, trauma, and systemic inequality, society can strive to break the cycle of incarceration and create pathways to recovery and redemption for long-term prisoners.

**5. Characteristics of individuals sentenced to life imprisonment based on the crime.**

In the field of criminal justice, life imprisonment is one of the most severe punishments imposed for the most serious crimes. Studying the characteristics of individuals sentenced to life imprisonment based on the crime sheds light on the complexity of criminal behavior, the underlying motivations, and the societal response to heinous acts. Here, we explore various aspects of these characteristics, offering insights into the factors that contribute to life imprisonment.

- The basis for life imprisonment is the severity of the crime committed. Individuals sentenced to life imprisonment are often convicted of crimes that are considered heinous or brutal, such as murder, manslaughter, or aggravated assault. The severity of the crime reflects not only the harm caused to the victims, but also the moral responsibility and danger posed by the perpetrator. Characteristics such as premeditation, cruelty, and disregard for human life are often central to cases that result in life imprisonment.
- The motives and intentions underlying the crime play an important role in shaping the characteristics of individuals sentenced to life imprisonment. Crimes committed with malicious intent, such as out of revenge, greed, or hatred, often carry increased moral responsibility and may result in more severe punishment.
- Criminal history and the risk of recidivism are crucial factors considered when imposing a life sentence. Recidivists who have committed violent or serious crimes in the past may face stricter penalties due to concerns about public safety and the likelihood of reoffending. Of the 104 people sentenced to life imprisonment, 33 had a criminal record, and 25 had committed 1 crime, 12 had committed 2 crimes, and 5 had committed more than 2 crimes [16]. Characteristics such as escalating criminal behavior, previous convictions for similar offenses, or a lack of response to previous interventions can be significant factors in the sentencing process.

- In cases where a person exhibits signs of mental illness, limited capacity, or impaired judgment during the commission of a crime, their characteristics may be influenced by mental health considerations. Defendants with diagnosed mental disorders or cognitive impairments may present mitigating factors that should be taken into account when determining their sentence, such as reduced moral responsibility or impaired decision-making abilities. However, the presence of a mental illness does not absolve a person of their responsibility for their actions and does not preclude the imposition of a life sentence if it is deemed necessary for public safety.

- The presence of aggravating or mitigating circumstances can significantly impact the characteristics of individuals sentenced to life imprisonment. Aggravating factors, such as the victim's vulnerability, the commission of a particularly heinous crime, or the lack of remorse on the part of the accused, may lead to more severe punishment. Conversely, mitigating factors, such as the accused's cooperation with law enforcement agencies, their remorse, or evidence of rehabilitation, may contribute to a more lenient sentence. It should be noted that the characteristics of individuals sentenced to life imprisonment, taking into account the composition of the crime, reflect the complex interaction of factors that determine criminal behavior, judicial decision-making, and society's response to offenses. By studying these characteristics, we gain insight into the nature of serious crimes, the motivations behind them, and the considerations that guide sentencing decisions. Ultimately, understanding these characteristics is essential for ensuring accountability, public safety, and adherence to principles of justice in the criminal justice system.

Thus, analyzing the general characteristics of convicts serving life sentences, the following important points can be noted:

1. Research shows that people sentenced to life imprisonment tend to have a lower level of education than the general population. Of the 104 prisoners sentenced to life imprisonment, 60 of them are 57.6%, i.e. 3 (2.8%) have no education, 17 (16.3%) have incomplete secondary education, 40 (38.46%) have general secondary education. Factors such as limited access to educational resources, instability in schooling due to family or community issues, and early involvement in the criminal justice system contribute to the lower level of education among this population. Many prisoners serving life sentences enter correctional facilities with a lack of education, lacking the basic literacy and numeracy skills necessary to navigate the complexities of modern society;

2. The marital status of people sentenced to life imprisonment reveals a multifaceted tapestry of love, loss, resilience, and strong bonds that transcend the boundaries of imprisonment. Of the 104 prisoners sentenced to life imprisonment, 14 (13.46%) have not yet formed a family, 6 (5.76%) are divorced, and 84 (80.76%) are married.

3. The age dynamics of individuals sentenced to life imprisonment provide a compelling narrative of human experience shaped by the passage of time and the consequences of past actions. Each stage of life imprisonment, from young offenders grappling with the weight of impulsive decisions to older inmates navigating the challenges of aging behind bars, presents its own set of challenges, complexities, and opportunities for reflection and growth. Of the 104 people sentenced to life imprisonment, 32 were between the ages of 18 and 30 (30.76), 64 were between the ages of 30 and 50 (61.53), and 8 were over the age of 50 (7.69). And 2 people aged 18-30 (1.92%), 66 people aged 30-50 (63.46%), and 36 people over 50 (34.61%) will be punished.

4. The criminal histories of individuals sentenced to life imprisonment are multifaceted narratives shaped by a complex interplay of personal, socio-economic, and systemic factors. Understanding these histories is essential for addressing the root causes of criminal behavior and creating a more equitable and just criminal justice system. Of the 104 individuals sentenced to life imprisonment, 33 had a criminal history, with 25 having committed 1 crime, 12 having committed 2 crimes, and 5 having committed more than 2 crimes.

5. The characteristics of individuals sentenced to life imprisonment, taking into account the nature of the crime, reflect the complex interaction of factors that determine criminal behavior, judicial decision-making, and society's response to offenses. By studying these characteristics, we gain insights into the nature of serious crimes, the motivations behind them, and the considerations that guide sentencing decisions.

## LITERATURE

1. V.I. Yekimova, I.V. Kokurina, and A.V. Kokurin. Convicts Sentenced to Life Imprisonment: Socio-Demographic, Medical, Criminal-Legal, and Criminal-Executive Characteristics, as Well as Features of Psychological Support // Psychology and Law. - 2014. - Vol. 4. - No. 1. - Pp. 59-74.

2. Kiryukhina E.L. Criminal Law and Penal Enforcement Aspects of the Application of the Punishment of Life Imprisonment: Dis. ... Cand. Law. Sciences. Moscow, 2008. 174 p.

3. Criminology: Textbook / Edited by V.N. Kudryavtsev and V.E. Eminov. - Moscow: Yurist, 2000. - 800 p.

4. Kryazheva, S. G. Convicts Sentenced to Life Imprisonment: A Brief Criminological Characterization // Antropogogika. - 2022. - No. 1(5). - Pp. 82-87;

5. Slavinskaya Yu.V., Bovin B.G. Personality of a Convict Serving Life Sentence: Socio-Demographic and Criminological Aspects // Kochenovskie Chteniya "Psychology and Law in Modern Russia". https://psyjournals.ru/nonserialpublications/kochenovskie_chteniya_2010/contents/41417

6. Filimonov V.D. The Social Danger of the Criminal's Personality. - Tomsk, TSU. 1970. - P. 21.

7. Characteristics of Convicts Sent to Penal Institutions. Based on the Special Census of 1999 / Edited by A.S. Mikhlina. - Moscow: Yurisprudentsiya, 2001. - 464 p.

8. Khachaturyan S.D., Alyashina T.V., Starikova O.V. Features of the Personality of Convicts Sentenced to Life Imprisonment // Bulletin of the Vladimir Law Institute. – 2007. – No. 1 (2). – Pp. 128-130.

**УДК 340.1**

# ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ КОРМАНДОНИ ОЯНДАИ ОПЕРАТИВӢ

**ҚОСИМОВ ФАЙЗАЛӢ МАҲМАДОВИЧ**
*сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия*

**МАТРОБИЁН МАТРОБ ХУРРАМ**
*ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Email: matrob@mail.ru*

**Аннотатсия:** Ба танзимдарории ҷараёни таълим ба курсантон ва шунавандагон имкон медиҳад, ки на танҳо мазмуни таълимиро «мувофиқ» гардонида мешавад, балки онро бо таҷрибаи худ алоқаманд карда мешавад; фаъолияти маърифатии худро дар асоси инъикоси раванд ва натиҷаҳои он танзим менамояд. Ба ибораи дигар, донишҷӯ дарк мекунад ва мефаҳмад, ки барои чӣ чизи омӯхтааш ба ӯ лозим аст ва ин ба муносибати ӯ бо ҷаҳон таъсир мерасонад. Инкишофи фаъолияти маърифатӣ ба курсантон ва шунавандагони мо имкон медиҳад, ки ба сӯйи дарки симои худ, ҳадафҳои таълимии худ ҳаракат кунанд, таҳсилоти худро тибқи траекторияи инфиродӣ созанд. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки усулҳои дар марҳилаи ташаккулёбӣ истифодашавандаи мо барои рушди фаъолияти маърифати ҳуқуқии курсантон ва шунавандагон самаранок мебошанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили сатҳҳои фаъолияти маърифати ҳуқуқии курсантон ва шунавандагон метавон ба хулосае омад, ки гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ба рушди фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** қобилият, фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ, таҳлил, сатҳи дониш.

# РАЗВИТИЕ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ КАК РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ БУДУЩИХ ОПЕРАТИВНЫХ СОТРУДНИКОВ

**ҚОСИМОВ ФАЙЗАЛИ МАХМАДОВИЧ**
*Начальник кафедры организации управления правоохранительной деятельностью факультета №1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции*

**МАТРОБИЁН МАТРОБ ХУРРАМ**
*старший научный сотрудник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Email: matrob@mail.ru*

**Аннотация:** Регулирование учебного процесса позволяет курсантам и слушателям не только «согласовывать» содержание обучения, но и связывать его с собственным опытом, а также сознательно и целенаправленно регулировать свою познавательную деятельность на основе осмысления процесса и его результатов. Это приносит личную выгоду, поскольку студент понимает и осознает, для чего ему нужны полученные знания, и это влияет на его отношение к миру. Развитие познавательной деятельности курсантов и слушателей позволяет им двигаться к пониманию своего образа, своих образовательных целей, строить свое обучение по индивидуальной траектории. Результаты данного исследования показывают, что используемые нами методы на этапе формирования эффективны для развития познавательной правовой деятельности курсантов и слушателей. Таким образом, при анализе уровней познавательной правовой деятельности курсантов и слушателей можно прийти к выво-

ду, что проведение научно-исследовательской работы способствует развитию познавательной деятельности.

**Ключевые слова:** способность, познавательная правовая деятельность, анализ, уровень знаний.

## FORMATION OF LEGAL EDUCATION AS WELL AS DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITY OF FUTURE OPERATIONAL PERSONNEL

**KASAIMOV FAIZALI MAHMADOVIC**
head of the department of organization and management of law enforcement activities, faculty no. 1 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Police Colonel

**MATROBIYON MATROB KHURRAM**
*senior Research Fellow, Department of Science and Innovation International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: matrob@mail.ru*

**Annotation:** Regulation of the educational process allows cadets and trainees not only to «align» the content of their learning but also to connect it with their own experiences, as well as to consciously and purposefully regulate their cognitive activity based on the reflection of the process and its outcomes. This brings personal benefit, as the student understands and realizes why they need the acquired knowledge, and this influences their attitude towards the world. The development of cadets' and trainees' cognitive activity enables them to move towards understanding their own image, their educational goals, and to build their learning along an individual trajectory. The results of this study indicate that the methods we used during the formation stage are effective for developing the cognitive legal activity of cadets and listeners. Thus, when analyzing the levels of cognitive legal activity of cadets and listeners, it can be concluded that conducting research work contributes to the development of cognitive activity.

**Keywords:** ability, cognitive legal activity, analysis, knowledge level.

Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи дониш ва баргузории Дарси сулҳ ба анъанаи неки мардуми маъорифпарвари мо табдил ёфтааст, қайд намуд дар суханронии худ Раҳимзода Рамазон Ҳамро, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ, олими барҷастаи даврони соҳибистиқлолӣ, ходими ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ташкилотчии маълумоти олии ҳуқуқӣ дар низоми илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бо ҳайати устодону омӯзгорон, шунавандагон ва курсантони ин муассисаи олии таълимӣ. Мавсуф афзуд, ки таълим ва тарбия дар ҳамаи давру замонҳо муносиб ба шароиту талаботи ҷомеа ба роҳ монда мешуд. Дар шароити кунунӣ дар ҷумҳурӣ барои таълиму тарбияи курсантон ва шунавандагони Академияҳои соҳавии сазовор ба боварии халқу ватан, соҳибмаърифату созанда, боистеъдод, донандаи забонҳо, бархурдори техника ва технологияи муосир пайваста тадбирҳои муассир андешида шуда истодаанд. Аз ин рӯ наслҳои ҷавон метавонанд, қудрат ҳам доранд, ки барои пешрафти илму фарҳанги миллат чун ҳалқаи зарурӣ дар занҷири маърифатӣ аз насл ба насл омада хизмат намоянд.

Мақсади раванди таълим ин қонеъ гардонидани талаботи мақомоти корҳои дохилӣ бо мутахассисони ҳаматарафа ташаккулёфтае мебошад, ки онҳо дар рушду нумӯъ ва пешрафту тараққиёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд ва манфиатҳои ҷамъияту давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро аз кирдорҳои ҷиноят корона муҳофизат карда тавонанд [1, с. 4].

Раванди дигаргуниҳои амиқе, ки дар соҳаи маориф ва илми муосир дар Академияҳои соҳавӣ ба амал меоянд, масъалаи эҷодкорӣ, рушди тафаккури эҷодро, ки ба ташаккули

иқтидори эҷодии шахсият мусоидат ва бо асолат, аслӣ будан фарқ мекунад, инчунин равишҳои навро тақозо дорад дар авлавияти раванди таълим қарор медиҳад.

Меҳвари «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» [2] ва консепсияи имрӯзаи соҳаи маорифи Тоҷикистонро масъалаи тарбияи шахсияти мутахассиси оянда паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар мамлакат тавассути такмил додани фаъолияти сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба огоҳкунии кирдори зиддиҳуқуқӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчунин бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ, таҷрибаи пешқадам дар самти муқовимат ба кирдори ғайриҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷода натиҷаи худомӯзӣ ва такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ метавонад омӯзгорро ба шароитҳои тағйирпазири иҷтимоӣ мутобиқ гардонад.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии ба кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи оянда омӯзонидани роҳҳо, маҷмӯи ҳаракатҳои оперативӣ- ҷустуҷӯӣ, «қуввахо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо ва нақшаҳои ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии ғайриошкоро истифодашаванда ё истифодашуда ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [3, с. 28] ва бедор кардани шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии онҳо мебошад, ки ин ҳама бевосита ба инкишофи салоҳияти касбии корманди амалии оперативии оянда иртибот хоҳад дошт.

Ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ тавассути воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешавад, ки барои бедор кардани салоҳияти касбии корманди ояндаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъсир хоҳад расонд. Бесабаб нест, ки доир ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ зикр нанамуданд, ки: Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ [4, с. 12].

Истифодаи техникаи махсус дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро қонунгузорие, ки ин самтро ба танзим медарорад ба ҳайси яке аз роҳҳои асосии пешгирӣ, огоҳкунӣ ва кушодани ҷиноятҳо тавсия намудааст. Афзалияти технологияҳои интерактивии таълим аз баланд намудани сифати омӯзиши маводҳои таълимӣ, бедоркунии шавқ ба таълим, ташкили муносибати боваринок иборат аст. Алалхусус, ҷорикунии техникаи махсус дар раванди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ташаккулёбии эҷодкорӣ, қобилияти пешниҳоди нуқтаи назар ва ба ташкили фаъолияти амалии шунавандагон ва курсантон мусоидат менамояд.

Аҳамияти масъалаи ташаккули эҷодии шахсияти курсант ва шунавандаро талаботи муосир ба мазмуни таълим муайян мекунад. Курсант ва шунаванда дар раванди таълим

бояд на танҳо дониш ва малакаҳои заруриро аз худ кунад, балки таҷрибаи муносибати амалӣ ва арзишӣ ба раванди шинохти худ ва таҷрибаи фаъолияти оперативии мустақили эҷодиро инкишоф диҳад. Омӯзиш раванди мураккаб буда, он пеш аз ҳама, фаъолияти омӯзгор ва фаъолияти курсантон ва шунавандагонро дар бар мегирад.

Ҳангоми омӯзиши адабиёти лозима оид ба ин масъала мушоҳида кардем, ки дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ аксар вақт дар бораи зарурати фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ ва амалии курсантон ва шунавандагон, дар бораи зарурати инкишофи тафаккури оперативӣ менависанд, вале дар айни замон ба мафҳумҳои фаъолияти оперативӣ ва тафаккури оперативӣ маънои абстрактӣ (номуайян) дода шудаанд.

Ба андешаи мо, фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии барои ташаккули қобилияти эҷодии курсантон ва шунавандагони Академияҳои соҳавӣ яке аз фанҳои асоситарин аст. Тарбияи тафаккури эҷодии оперативӣ дар курсантон ва шунавандагон дар давоми тамоми давраи таҳсил пайваста сурат мегирад ва ба маҳорати пурра баҳогузорӣ кардан, нишон додани мафҳумҳои асосӣ ва муҳим, қобилияти мулоҳиза кардан, исбот кардан, пайдо кардани роҳҳои оқилонаи иҷрои супоришҳо, хулосаҳои дахлдор баровардан, ҷамъбаст кардан асос меёбад ва ҳангоми ҳалли масъалаҳои мушахас мусоидат мекунад.

Илми ФОҶ як навъи раванди дарккунии (маърифати) воқеияти объективӣ, инъикос гардидани предметҳо ва падидаҳои олами моддӣ дар шуури инсон мебошад. Шахсе, ки бо проблемаҳои илмию амалии ФОҶ сару кор дорад, ба предмети тадқиқшавандаи худ чун ба як қисме (ҳалқае), ки дар қатори (силсилаи) падидаҳои воқеияти бо ҳам пайваста қарор дорад, муносибат менамояд, зеро чунин *категорияҳои фалсафӣ* ба монанди материя, ҳаракат, энергия, иттилоот, вақт, фазо барои коркард намудани ҳамаи проблемаҳои ФОҶ аҳамияти аввалиндараҷа доранд [5, с. 31].

Тадқиқотҳои пурмаҳсули илмӣ, таҳлилии Р.Ҳ. Раҳимзода, С. Ятимзода, Ҷ.М. Зоир, Ф.Р. Шарифзода, П.А. Насуриён, Ф.М. Қосимов нишон доданд, ки барои кушодани ҷиноят, корманди оперативӣ бояд маълумоти саривақти ва дақиқ дошта бошад. Амалия нишон медиҳад, ки маълумотҳои пурқимат ҳамон маълумотҳое мебошанд, ки аз сарчашмаҳои гумоштавӣ гирифта шудаанд. Ин гуна маълумотҳоро аз рӯи қоида пеш аз ҳама ҷинояткорон, наздикони онҳо, ҷабрдидаҳо ва наздикони онҳо низ доранд. Бинобар ин вазифаи асосии корманди оперативӣ гирифтани ана ҳамин гуна маълумотҳои зинда мебошад. Гирифтани ин гуна маълумотҳо аз ҷинояткорон гоҳо бо сабабҳои маълум осон набуда гоҳо имконнопазир мебошад. Вале гирифтани маълумотҳои лозимиро баъзан шахсоне метавонанд, ки бо ҷинояткорон алоқаи доимӣ ё иҷозати муайян ба маълумотҳое, ки таваҷҷӯҳи оперативӣ доранд, дошта бошанд.

Фаъолияти маърифати ҳуқуқии омӯзиши фаъоли воқеияти атроф аз ҷониби корманди оперативӣ мебошад, ки дар рафти он корманд дониш андӯхта, қонунҳои мавҷудияти олами атрофро меомӯзад ва на танҳо муошират бо он, балки ба таври мақсаднок таъсир расониданро низ аз худ менамояд.

Фаъолияти оперативӣ бо фаъолияти маърифати ҳуқуқии курсант ва шунаванда, мавқеи фаъоли дигаргунсозандаи ӯ ҳамчун субъекти ин фаъолият хос аст, ки қобилияти дидан ва мустақилона гузоштани вазифаҳои маърифати ҳуқуқӣ; нақшаи чорабиниҳоро муайян кардан; интихоби роҳҳои ҳалли мушкилот; ба натиҷаҳо ноил гардиданд ва таҳлил кардани онҳоро фаро мегирад.

Ба андешаи профессор Махфират Хидирзода, «маърифати ҳуқуқӣ ба сифати ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба шахс имконият медиҳад, ки дар шинохти воқеии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаю уҳдадориҳо мувафақ гардад. Доираи васеи донишҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқи, ки нишонаи фарҳанги комили ҳуқуқӣ аст, бевосита таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун механизми муҳими таъминкунандаи суботу тартиботи ҷамъияти баромад менамояд, ки баҳри таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ягонагии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол нақши арзишманд дорад» [6, с. 6].

Р.Ҳ. Раҳимзода, қайд намуданд, ки инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба раванди мураккаб, ҳаракати аз сода ба мураккаб, аз нокомил ба комил ишора мекунад. Инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун намуди махсуси фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ танҳо тавассути мақомоти махсуси давлатӣ ва аз ҷониби шахсони мансабдори он амалӣ гардонида мешавад. Ҳамаи самтҳои ин фаъолият барои бомуваффақият анҷом додани вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ равона гардидаанд.

Принсипи асосии фаъолияти маърифатӣ огоҳӣ ва фаъолият дар раванди азхудкунии дониш мебошад. Вазифаи асосии фаъолияти маърифатии курсантон ва шунавандагон ин ташаккули дурусти эҳтиёҷот ва қобилияти фаъолона бартараф намудани душвориҳо, фикр кардан ва ҳалли масъалаҳои гуногун мебошад.

Курсантон ва шунавандагони Академияи ВКД захираҳои назарраси рушд доранд, ки ба андешаи профессор Р.Ҳ. Раҳимзода, ба рушди ҳамаҷонибаи курсантон ва шунавандагон имкон медиҳад, ки ба раванди таълим бомуваффақият ворид шавад ва бо ҷаҳони беруна (фаъолияти ошкоро ё ғайриошкоро) муошират кунад. Дар ин синну сол дар раванди инкишофи хотира ва нутқ қолабҳои вобаста ба синну сол ташаккул меёбанд.

Дар курсантон ва шунавандагон оид ба фаъолияти амалӣ таҷрибаи зиёд андӯхта мешавад, сатҳи дарк, хотира, тафаккур кифоя аст, ҳисси боварӣ ба худ баланд мешавад. Ин дар гузоштани мақсадҳои мураккабтар ифода меёбад.

Дар курсантон ва шунавандагон фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ бо як падидаи мураккаб тавсиф мешавад, ки инкишофи тамоми равандҳои маърифатиро (тафаккур, дарк, тасаввурот, хотира ва м.и.)-ро дар бар мегирад.

Муҳим аст, ки курсантон ва шунавандагон ҳангоми анҷом додани фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ ҳавасманд гардад, ки ба рушди зеҳн мусоидат кунад. Хусусиятҳо ё хосиятҳои ашё барои курсантон ва шунавандагон объекти таваҷҷуҳи махсус мегарданд ва ба категорияҳои фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Курсантон ва шунавандагон вазифаҳои махсуси маърифати ҳуқуқӣ дорад ва вазифаи профессорон ва омӯзгорон аз он иборат аст, ки ба кӯшишҳои курсантон ва шунавандагон барои гузаронидани фаъолияти маърифати ҳуқуқӣ бодиққат муносибат кунанд. Яке аз роҳҳои асосии инкишофи фаъолияти маърифати ҳуқуқии курсантон ва шунавандагон васеъ ва ғанӣ гардондани таҷрибаи ӯ, инкишофи шавқу ҳавас мебошад. Дар ин бобат ташкили саёҳатҳо, шаклҳои гуногуни таҷрибаи курсантон ва шунавандагон самараи калон медиҳанд.

Шарти асосие, ки сатҳи баланди фаъолияти маърифати ҳуқуқиро таъмин мекунад, муҳити пур аз иттилоот, аз ҷумла имкони фаъолияти ҷисмонӣ дар он мебошад ба фаъолияти маърифати ҳуқуқии курсантон ва шунавандагони курсҳои боло инҳо хос аст: аз қабили хоҳиши ноил шудан ва ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ; шавқ оид ба омӯзиши усули пешниҳодшудаи амал; таҷрибаи мусбати эмотсионалӣ.

Курсантон ва шунавандагони курсҳои боло мустақилона ҷойи худро муайян мекунанд ва фаъолияти худро ба шинохт, таҳияи усулҳои махсус равона мекунанд. Курсантон ва шунавандагон ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии амалӣ дар самти фаъолияти оперативӣ дар ШВКД, «...тарзи дигар дарк кардан ва ба қайд гирифтани зуҳурот, ҳодисаҳо, кирдорҳо, воқеаҳо ва равандҳое, ки барои ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муҳиманд» [7, с. 6] дар амал мебинанд ва хосият, робита ва вобастагии навро ошкор мекунанд. Курсантон ва шунавандагон қобилияти зина ба зина амал карданро дар вазъияти додашуда пайдо мекунанд, пас аз ҳар марҳила таҳлили ҳодисаҳои рухдода ва хулосабарорӣ мекунанд, ки ӯ бояд қадами ояндаро гузорад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил метавон гуфт, ки маърифати ҳуқуқӣ фаъолияти фаъоли азхудкунии дониш мебошад. Курсантон ва шунавандагон аз курсҳои аввали хониш бо баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии худ, барои ташаккули корманди оперативие замина мегузорад, ки мустақилона фикр мекунад, вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал мекунад, ғояҳои нав пешниҳод менамояд ва онҳоро дар «ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо» [8, с. 8] самаранок истифода мебарад.

Бо ташаккули маърифати ҳуқуқӣ курсантон ва шунавандагон дар шароити пешниҳодшуда мавқеи муайянеро ишғол намуда, амалҳо ва намудҳои гуногуни ҳалли масъаларо такмил мекунанд. Натиҷаи рушди маърифати ҳуқуқӣ омодагии курсантон ва шунавандагонро ба корҳои амалӣ, нишон медиҳанд ва ба пешрафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунанд.

Эҷодкории корманди оперативӣ ба тафаккури «дивергентӣ»[1], яъне тафаккуре асос ёфтааст, ки бо чанд роҳ ҷудо мешавад. Вақте ки як масъала бо зиёда аз як роҳ ҳал мешавад, он фаъол мешавад, ки ҳар яки онҳо метавонанд дуруст бошанд. Маҳз бисёр будани қарорҳо имкони дарёфти ғояҳои аслиро ба вуҷуд меорад. Ташаккули тафаккури эҷодии курсантон ва шунавандагон дар раванди омӯзиши фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ яке аз вазифаҳои муҳим ва асосӣ мебошад.

Инкишофи тафаккур марҳилаи муҳимтарини «онтогенез»[2]-и инкишофи инсон ва алалхусус дар фаъолияти тарбиявии ӯ ба ҳисоб меравад, зеро хусусияти тафаккур васеъ намудани ҳудуди дониши мо, кушодани моҳияти падидаҳои аз берун иқдомшаванда мебошад. Тафаккур робитаи байни ашё ва ҳодисаҳо, муносибати онҳо бо ҳамдигар, хосият ва моҳияти онҳо, ҳамаи он чизеро, ки бевосита дар эҳсос ва дарк дода нашудааст, инъикос менамояд. Аллакай дар дарки воқеият, хосиятҳо ва предметҳо дар муносибатҳои оперативӣ, коркардҳои оперативӣ, комбинатсияҳои оперативӣ, робитаҳои муайяни оперативӣ дода мешаванд, вале онҳо дар як ягонагии ҷудонашаванда вуҷуд доранд.

Майна на танҳо узвест, ки таҷрибаи пештараи моро нигоҳ медорад ва такрор мекунад, он инчунин узвест, ки аз унсурҳои ин таҷрибаи пештара мавқеъ ва рафтори навро ба ҳам мепайвандад, эҷодкорона коркард ба вуҷуд меорад.

Тафаккури эҷодкории корманди оперативӣ бевосита ба сифати иттилооти гирифташуда ва дарки он вобаста аст. Р.Ҳ. Раҳимзода менависад: «Муваффақияти кушодани ҷиноятҳо ва муайян намудани шахси ҷинояткор аз самаранокии системаи таъмини иттилоотии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобастагии калон дорад. Чунки азназаргузаронии ҷои содиршавии ҳодиса, ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо алакай аз гирифтани маълумоти лозима аз бақайдгириҳои мақомотҳо ва ташкилоту идораҳо сар мешавад» [9, с. 542].

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили адабиёти оперативӣ ва психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ якчанд нуқтаи назарро дар бораи мафҳуми «эҷодкории корманди оперативӣ» ҷудо кардан мумкин аст, аммо мо андешаи Р.Ҳ. Раҳимзодаро ҷонибдорем: «Эҷодкории корманди оперативӣ фаъолияти мақсаднокест, ки хосси ҳар як шахс аст, ки бо асолат, самт, тафаккури қолабӣ ифода карда нашудааст ва барои ба даст овардани хосиятҳои нав, муҳим, сифатҳо аз расму равандҳои шинос, инчунин амалӣ намудани имкониятҳои худ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, нигаронида шудааст» [10, с. 562].

Тафаккури эҷодии курсантон ва шунавандагон ҳамчун тафаккуре муайян карда мешавад, ки барои интиқоли дониш ва малака ба ҳолатҳои нав ҳангоми ҳалли масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нигаронида шудааст. Шумораи вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳар қадар зиёд бошад ва дараҷаи тафаккури эҷодкории корманди оперативӣ ҳамон қадар баланд мешавад.

Сарфи назар аз тадқиқот ва корҳои зиёд, яке аз саволҳои асосӣ ҳалношуда мемонад: Оё ташаккули тафаккури эҷодкории корманди оперативӣ имконпазир аст? Оё ин раванди маърифати ҳуқуқӣ аз ҷиҳати ирсӣ муайян шудааст ё ба муҳити атроф вобаста аст? Оё истеъдоди корманди оперативиро «аз сифр» тарбия кардан мумкин аст? Оё тафаккури

---

[1] Дивергент шахсиятҳое мебошанд, ки ақидаи худро дошта аз ақидаи умуман қабулшудаи аксарият мустақиланд ва ба касе итоат карданро дӯст намедоранд, қонунҳо ва дастурҳои муқарраршударо риоя намекунанд.

[2] Онтогенез дар илми биология ба раванди инкишофи инфиродии организм ишора мекунад, ки онро маҷмӯи тағйироти пайдарпайи морфологӣ, физиологӣ ва биохимиявӣ аз лаҳзаи оғози ҳаёт то анҷоми он ташкил медиҳанд.

эҷодкории корманди оперативӣ, истеҳсоли шакли олии тафаккур, синтези ҳама навъҳои он аст ё ин як намуди тафаккури алоҳида аст? Дар айни замон саволи баҳсбарангез боқӣ мемонад, ки оё раванди эҷодкории корманди оперативӣ барои ҳама «меъёрӣ» аст, ин ки дар ҳар як фард зуҳуроти қавитар ё заифтар дорад ё танҳо дар лаҳзаҳои муайяни вақт, вақте ки шароитҳои муайян мувофиқат мекунанд, барои шахсони алоҳида дастрас аст.

Функсияҳои назорат ва назоратбарӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вуҷуд дорад. Раванди таълими фанни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таҳсилоти муосир як системаи бисёрҷанба ва марҳилавӣ буда, на танҳо шумораи зиёди мавзуъҳои омӯзишӣ, балки усулҳои таълими амалиро низ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, муаммои тафаккури ҳуқуқӣ корманди оперативӣ таърихи дурудароз, баҳсталаб дорад ва боиси мубоҳисаҳои зиёд гардида, диққати мутафаккирони ҳамаи давраҳои инкишофи фаъолияти оперативиро ба худ ҷалб намудааст. Таърихи омӯзиши он беш аз ду ҳазор сол дорад. Таваҷҷуҳи амиқ ба ин мавзуъро аз рӯйи хоҳиши эҷод кардани «назарияи эҷодкори оперативӣ», дурусттараш, кӯшиши чандинкаратаи сохтани он, баҳо додан мумкин аст. Ин кӯшишҳо ба таври қатъӣ аз нав истеҳсоли илмии қонунҳои воқеияти объективӣ набуданд, онҳо низоми махфии оперативиро аз ҷиҳати мантиқӣ мукаммали донишро ифода намекарданд. Дар аксари мавридҳо онҳо воқеиятро дар сатҳи падидаҳо фаро мегирифтанд, тавсиф мекарданд. Ҷовидонии ин муаммо дар худи иқтидори ташаккули қобилиятҳои ҳақиқии инсон, дар шаклҳои беохир, зуҳурот ва татбиқи онҳост. Аз ин ҷост, ки эҷодкории оперативиро ҷузъи таркибии муаммоҳои мураккаби ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии тараққиёти ҷамъият донистан лозим аст.

## АДАБИЁТ


1. Дастурамал оид ба ташкили раванди таълимӣ дар Академияи ВКД ҶТ замима ба фармони № 744 аз «04» декабри соли 2007. С. 4.
2. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030. Замимаи 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». - Душанбе. 2017. С. 28.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе, 2024, С. 12.
5. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. -Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С. 31.
6. Хидирзода М. Масъалаи муҳими замони муосир / Нашрияи маркази ҲХДТ, Минбари халқ аз 24 апрели соли 2024, № 17 (1456). -С.6.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». - Душанбе. 2017. С. 6.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». - Душанбе. 2017. С. 8.
9. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. -Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С. 542.
10. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. -Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С. 562.

**УДК 349.4**

# ЗАРУРАТИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚИ МУНАЗЗАМИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ХОҶАГИҲО ДЕҲҚОНИИ ФЕРМЕРӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДЕҲОТ

**РАВШАНЗОДА МУҲАММАД ИСО**

*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистоню E-mail:ravshanzoda-60@mail.ru*

**Аннотатия.** Таҳқиқи соҳибкорӣ фаъолияти хеле мураккаб, масъул ва заҳматталаб аст, ки риояи қоидаҳо, тартибот ва шартҳои муайянро дар назар дорад. Мувофиқи қоида, дар зери таҳқиқ ё маҷмӯи амалҳои муайян ва ҳадафмандонаи дорои хусусияти илмӣ, ё натиҷаи чунин амалҳо фаҳмида мешавад. Ба ақидаи мо таҳқиқи қонунгузорӣ, ба мисли ҳалли ҳама гуна масъалаи мураккаб, истифодаи таҳлили назарияи умумии системаҳо, муносибати муназзам ва таҳлили муназзамро талаб мекунад.

**Калимаҳои калидӣ:** ҳуқуқ, илм, сохибкорӣ, танзими ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаъолият, деҳот, субъект, объект, муносибат

# ВЫЯВЛЕНА НАУЧНАЯ НЕОБХОДИМОСТЬ СИСТЕМАТИЧЕСКОГО ИССЛЕДОВАНИЯ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЗЕМЛЕДЕЛИЯ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ

**РАВШАНЗОДА МУҲАММАД ИСО**

*Senior Lecturer of the Department of Law, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: ravshanzoda-60@mail.ru*

**Аннотация.** Бизнес-исследования — это очень сложная, ответственная и трудоемкая деятельность, требующая соблюдения определенных правил, процедур и условий. Как правило, под исследованием понимается либо совокупность конкретных и целенаправленных действий научного характера, либо результат таких действий. На наш взгляд, изучение законодательства, как и решение любой сложной проблемы, требует применения общей теории системного анализа, систематического подхода и систематического анализа.

**Ключевые слова:** право, наука, предпринимательство, правовое регулирование, фермы Дехкан, деятельность, деревня, субъект, объект, отношения

# THE SCIENTIFIC NEED FOR SYSTEMATIC RESEARCH OF THE LEGAL REGULATION OF DEHKHAN FARMING AS A FORM OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN RURAL COUNTRIES

**RAVHSNZODA MUHAMMAD ISO**

*старший преподаватель кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: ravshanzoda-60@mail.ru*

**Abstract.** Business research is a very complex, responsible and laborious activity that involves compliance with certain rules, procedures and conditions. As a rule, research is understood as either a set of specific and purposeful actions of a scientific nature, or the result of such actions. In our opinion, the study of legislation, like the solution of any complex problem, requires the use of general systems theory analysis, a systematic approach and systematic analysis.

**Keywords:** law, science, entrepreneurship, legal regulation, dehkan farms, activity, village, subject, object, relationship

Назарияи умумии системаҳо ҳамон пояе мебошад, ки дар он бояд ҳама гуна таҳқиқи раванд ё падидаи камубеш мураккаб, новобаста аз табиати он, асоснок карда шавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи сохтани система, яъне кадом як “чизи пурра”, дақиқтараш “томият”, аз мавқеи усулҳои системнокӣ меравад. Усулҳои асосии системнокӣ томият, робитаи мутақобил, вобастагии мутақобил, дараҷаи иерархия ва ғайра мебошанд.

Таҳқиқи қонунгузориро бояд ҳамчун яке аз унсурҳои система баррасӣ карда шавад, ки аз рӯи вазифа ба таъмини танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии дар байни субъект ва объекти таъсир пайдошаванда нигаронида шудааст. Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахшҳои ҳуқуқ ва фанҳои ҳуқуқ ба омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои амалкарди системаи ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ва ҷузъҳои таркибии зерсистемаҳои он аз нуқтаи назари сохтори ҳадафҳо, вазифаҳо, субъектҳо ва объектҳои таъсири онҳо, каналҳои робитаҳои мустақим ва мутақобил, равандҳои иттилоотӣ ва тавсифҳои дигар машғуланд [6, с. 270-287; 10, с. 199-256].

Ҳангоми омӯзиши асоси ҳуқуқии ташкил ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон бояд ба методологияи муносибати муназзам такя кард, ки дар тафовут аз назарияи умумии системаҳо, донистани табиати падида ё равандро дар назар дорад.

Мафҳуми асосие ки дар муносибати муназзам истифода карда мешавад, мафҳуми “система” мебошад, ки сарфи назар аз муҳимияти ин категория, дар илмҳои иҷтимоӣ ва илми ҳуқуқ ба қадри кофӣ коркард нашудааст. Таҳлили нисбатан амиқи мафҳуми “система” дар адабиёти фалсафӣ аз тарафи И. В. Блауберг, В. Н. Садовский, Э. Г. Юдин, А. И. Уемов, В. П. Кузмин ва як қатор муҳаққиқони дигар [9] амалӣ карда шудааст.

Д. А. Керимов ҳангоми таҳқиқи бахшҳо, ниҳодҳо ва меъёрҳои ҳуқуқ, нишонаҳои системаи ҳуқуқиро ҷудо намудааст ва ба шумори онҳо объективияти томияти ҳуқуқӣ, ягонагӣ ва мураттабии сохтории системаи ҳуқуқӣ, амалкарди нисбатан мустақили онро мансуб донистааст [5].

В. Н. Кудрявтсев дар асарҳои худ ба истифодаи муносибати мураккаб дар таҳлили падидаҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст [7, с. 7]. Ӯ унсурҳои алоҳидаи системаи ҳуқуқии ҷомеаро ҷудо кард: рӯбинои ҳуқуқӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, танзими ҳуқуқӣ ва маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ. Дар асарҳои ӯ нишонаҳои системаҳои функсионалии ҳуқуқӣ: мавҷудияти зерсистемаҳо ва унсурҳо дар системаи ҳуқуқӣ, маҷрои маълумот, таъсири алоқаҳои мустақим ва мутақобил, амали мутақобили системаи ҳуқуқ ва муҳити беруна ва ғайра тавсиф карда шудаанд [7, с. 12-18].

Системаи ҳуқуқӣ ба сифати унсурҳо зерсистемаи меъёрӣ (меъёрҳо, ниҳодҳо), сохторҳои ташкилӣ (муассисаҳои ҳуқуқӣ), сохторҳои идеологӣ (доктринаҳои ҳуқуқӣ, идеяҳо ва ғайра) ва ҳамон равандҳои иҷтимоие ки системаро ба ҳаракат меоваранд (сохтани қонун, татбиқи ҳуқук, маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ)-ро дар бар мегирад. Вале, ба ақидаи И. С. Андреев, чунин муносибат ҷанбаҳои идоракунӣ ва иттилоотии амалкарди системаи ҳуқуқӣ ва қисматҳои алоҳидаи онро инъикос намекунад, ки камбуди хеле ҷиддӣ мебошад [1].

Ситемаи ҳуқуқӣ мумкин аст ҳамчун иттиҳоди меъёрҳои ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, санадҳои рафтори субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ, ақидаҳои ҳуқуқӣ ва объектҳо ва падидаҳои дигар муайян крда шавад [8, с. 31]. Ба сифати ташкилаҳои ҳуқуқӣ ташкилаҳои глобалии иҷтимоию ҳуқуқӣ (системаи ҳуқуқии ҷомеа дар маҷмӯъ ҳамчун ҷузъи системаи сиёсӣ ё ҷамъиятӣ) ва зерсистемаҳои мухталифи онҳо, унсурҳо, механизмҳои маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ, сохтани қонун, фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ хидмат карда метавонанд. Унсурҳои муҳимтарини системаи ҳуқуқӣ ниҳодҳо, элементҳо, механизмҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, системаи ҳуқуқӣ аз маҷмӯи зерсистемаҳои иборат мебошад, ки онро ба вуҷуд меоваранд. Таҳлили қонунгузорӣ ҳамчун системаи ҳуқуқӣ бояд ба ошкор кардани 1) ҷузъҳои таркибии система, хосиятҳо ва вазифаҳои онҳо дар дохили система; 2) робитаҳо ва

муносибатҳои унсурҳои система, яъне сохтори доилии система; 3) хосиятҳои интегралии система ва вазифаҳои онҳо; 4) вобастагии сохтори дохилии система аз робитаҳо ва вазифаҳои берунаи он; 5) қонунмандиҳое ки система дар мутобиқат бо онҳо амал мекунад [3, с. 14].

Барои муносибати муназзам масъала дар бораи омилҳои системнокӣ, ки дар зери он механизмҳои таъминкунандаи ҳифзи хусусиятҳои сифатии система, рушди функсионалии он ниҳоят муҳим мебошан. Системнокӣ ҳамчун хосияти ҷаҳони моддӣ аз усулҳои ба воқеият хоси диалектикии робитаи байниҳамдигарӣ ва ҳаракат иборат мебошад, ки дар соҳаҳои гуногуни воқеият дигар мешавад дар ҳар як системаи мушаххас шакли ба худ хос мегирад [2, с. 21].

Ҳар яке аз системаҳои мавҷуда аз ташкилаи мураккабе иборат аст, ки объекти омӯзиши махсус мебошад. Ҳадафи таҳқиқи мазкур муайян намудани унсурҳои асосии системаи қонунгузорӣ дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон аст. Самтҳои муҳимтарини таҳлили қонунгузорӣ таҳқиқ дар сатҳи системаҳои зерин мебошад: системаи ҳуқуқӣ; танзими ҳуқуқӣ; раванди сохтани қонун; мақомоти созанндаи қонун; омӯзиш ва таҳлили худи қонунгузорӣ ҳамчунмаҷмӯи амалҳои ҳадафмандона.

Ҳар яке аз системаҳои номбаршуда ҳамчун зерсистемаи системаи тартиботи нисбатан олӣ, дар навбати худ, дорои таркиби мураккаб мебошад.

Унсурҳои асосии мухтавои система инҳо мебошанд:

1) субъекти таҳқиқ;

2) объекти таҳқиқ;

3) мавзӯи таҳқиқ;

4) методикаи таҳқиқ;

5) натиҷаи таҳқиқ.

Чунинанд, ба ақидаи мо, асосҳои методологии омӯзиши қонунгузорӣ ҳамчун системаи иҷрокунандаи вазифаи танзимӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Дар робита ба ҳамин қайд бояд намуд, ки яке аз сабабҳои асосии иштибоҳот ва хатоҳо дар гузарондани ислоҳоти иқтисодӣ ақибмонии донишҳои иқтисодӣ аз воқеият дар хоҷагии халқ мебошад. Дар аксари маврид олимони ватанӣ ба ҷои он ки ба умқи равандҳои дар иқтисодиёти мо баамалоянда фурӯ равand, ба дохили онҳо нигаранд, саргарми густариши назарияҳои иқтисодии мӯдшуда, аммо ба воқеияти Тоҷикистон номутобиқ ҳастанд. Дар натиҷа, дар сиёсати иқтисодӣ асосноккунонӣ ва таҳкими лозимии назариявӣ вуҷуд надорад, аз муназзамии зарурӣ маҳрум аст.

Илми ҳуқуқ ва намояндагони он гӯё ки кори оғознамудаи ҳамтоён-иқтисоддононро идома медиҳанд. Саҳми ҳуқуқшиносӣ дар рушди иқтисодиёт иборат мебошад: омӯзиш ва дарк аз мавқеи ҳуқуқшиносии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар хоҷагии халқ вуҷуд доранд ва амал мекунанд, бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба расондани таъсири давлатию ҳуқуқӣ ба онҳо; дар азхудкунии боз ҳам аз мавқеи ҳуқуқшиносӣ ва бо ҳамон мақсад, донишҳои андӯхтаи илми иқтисодиёт, “”тарҷумаи” онҳо ба забони ҳуқуқ, мумкин аст дар эҷоди ҳуқуқ истифода карда шаванд. Минбаъд кӯшиш карда мешавад, ки нуктаҳои назариявӣ ва тавсияҳо дар ҳаёт таҷассуми худро ёбанд. Дар ин ҷо ҳуқуқшиносҳо ҳам ду вазифаро иҷро мекунанд.

Вазифаи якум бо таҳкими қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ дар санадҳои ҳуқуқӣ — қоидаҳои илман даркшуда ва мудаллали рафтор дар бахши иқтисодиёт ва бахшҳои дигари ҷомеа бо ва ҳатмӣ гардондани онҳо барои ҳамаи иштироккунандагони муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ.

Вазифаи дувум – ноил гардидан ба таъсири воқеии меъёрҳои ҳуқуқ дар иқтисодиёт. Роҳи ҳалли онҳо танҳо яктост: шахсоне ки дар бахши иқтисодиёт кор мекунанд, бояд қонунгузории амалкунандаро бидонанд, тарафдори муътақиди татбиқи мураттаби он бошанд ва бо дарназардошти хусусияти кори худ меъёрҳои ҳуқуқиро дар амал истифода карда тавонанд. Бо ҳамин гардиши ба худ хос ба охир мерасад: қоидаҳои рафтор, ки бо кӯшиши муттаҳидонаи олимон, мутахассисон ва ҳамаи ашхоси ҳавасманд аз амалияи

муносибатҳои иқтисодӣ гирдоварӣ ва ба меъёрҳои ҳуқуқии дигаргункардашуда ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳатмӣ табдил дода шудаанд, боз ба амалияи муносибатҳои иқтисодӣ бармегарданд, то ки онҳоро дар як шакл ба тартиб дароваранд.

Дар бозор, чун дар воқеияти объективӣ, барои дар оянда ба он ворид кардани механизмҳои танзими ҳуқуқӣ, зикр намудани давраҳои муҳими зерин аҳамият дорад. Пеш аз ҳама, ҳама бар онанд, ки бозор системаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ аст ва маҳз муносибатҳои ҷамъиятӣ мавзӯи асосии ҳама гуна бахши ҳуқуқро ташкил медиҳанд. Баъдан, субъектҳои бозор фурӯшандагон ва харидорон мебошанд, ки тибқи қоида дар бозор ҳамзамон дар ҳарду сифат фаъолият мекунанд. Ниҳоят, объектҳои бозор мол ва пул мебошанд. Дар ин маврид мол натанҳо маҳсулоти истеҳсолшуда, балки омилҳои истеҳсолот, корҳо, хизматрасониҳоро низ таҷассум мекунанд.

Таъиноти танзими ҳуқуқӣ аз инъикоси комилан мувофиқи муҳтавои объективӣ ва сохтори бозор дар санадҳои меъёрии давлатӣ ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани фазои муносиби ҳуқуқӣ барои пайдоиш, амалкард ва рушди муносибатҳои бозорӣ иборат аст.

Самаранокии танзими ҳуқуқии бозор, ба мисли ҳама гуна мавзӯи таъсири давлатии меъёрию ҳуқуқӣ, ҳар қадар ки муносибатҳои ҷамъиятии бо нишонаҳои муайян фарққунанда дифференсиатсия ва гурӯҳбандӣ шуда бошад, ба ҳамон андоза баланд хоҳад буд.

Ташаккули системаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз сохтани санадҳои меъёрии давлатии сифатан дигар, ҳамчунин шикасти вертикали умраш ба охир расидаро дар бар мегирад, ки масалан ҳангоми набудани меъёрҳои нави ҳуқуқӣ, мутобиқ сохтани он бо муносибатҳои горизонталии бозорӣ имконпазир ва зарур мебошад. Ба қавли дигар, ба маънои ҳуқуқӣ стратегияи ташаккули иқтисоди бозорӣ аз гузариш аз идоракунии мустақими иқтисод аз тарафи давлат ба танзими он тавассути қонунҳо ва ташкили иҷрои қонунҳо иборат аст. Ҳамин аст роҳи ҳуқуқӣ ба бозор.

Соҳибкорӣ барои Тоҷикистони муосир падидаи нисбатан нав аст. Нуқтаи сарҳисоби расмии таърихи соҳибкории имрӯзаи Тоҷикистон аз 23 декабри соли 1991 шурӯъ мешавад. Он замон Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" эътибор пайдо кард. Қаблан, дар давраи шуравӣ, масъалаҳои назария ва амалияи соҳибкориро намеомӯхтанд. Онро расман танқид мекарданд, ба боқимондаҳои гузаштаи барои сотсиализм бегона мансуб медонистанд, як шакли истисмори одам аз тарафи одам меҳисобиданд. Фаъолияти хусусии соҳибкорӣ ва миёнаравии тиҷоратӣ, ки акнун ба шумори фишангҳои асосии иқтисоди бозорӣ табдил шуданд, мамнӯъ эълон шуда буданд, барои машғул шудан ба чунин фаъолиятҳо ба ҷавобгарӣ мекашанд.

Дар чанд соли нисбатан ками гузаштаи ислоҳоти Тоҷикистон фаҳмиши ҳуқуқии соҳибкорӣ дучори тағйироти ҷиддӣ гардид. Баробар бо ин қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дигаргун шуд.

Бо такя ба вазифаи гузошташуда лозим аст аз муносибати муназзам дар омӯзиши қонунгузорӣ дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) истифода карда шавад, мафҳуми асосҳои ҳуқуқӣ муайян карда шавад, зеро маҳз он система, яъне нуқтаи ибтидоӣ барои таҳқиқ мебошад.

Баъзан дар адабиёти илмӣ ва қарорҳои расмии давлатӣ мафҳуми баррасишаванда дар шакли ҷамъ - "асосҳои ҳуқуқӣ" истифода карда мешавад, ки боиси норизоятӣ мегардад. Сухан дар бораи ҳар чизе ки равад, дар зери кадом гурӯҳи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятӣ, масалан вобаста ба соҳибкорӣ, маориф, тандурустӣ, хидмати давлатӣ ё хидмати ҳарбӣ "асоси ҳуқуқӣ"-ро нагузорем, он ҳамеша ягона (якто) боқӣ мемонад. Хулосаи мазкур бо тамоми яқинӣ аз воқеияти мо бармеояд: дар кишвар системаи ягонаи меъёрию ҳуқуқӣ (якто), қонунияти ягона (якто) амал мекунад ва тартиботи ягона (якто) муқаррар карда мешавад. Онҳо ин сифати худро натанҳо гум намекунанд, баракс, ҳамчун мафҳуми ягонаи ба таври муназзам муттаҳидшуда – асоси ҳуқуқӣ тақвият меёбанд.

Дар бораи иқтисоди муосири Тоҷикистон ҳамчун иқтисоди гузариш сухан мегӯянд. Иқтисоди гузариш ҳолати махсуси хоҷагии халқ аст, ки дар давраи гузариши ҷомеа аз як зинаи таърихӣ ба зинаи дигар амал мекунад. Ба ҳамин маънӣ, иқтисод ҳолати фосилавии ҷомеаро муайян мекунад. Хусусиятҳои асосии иқтисоди гузариш инҳоанд: ноустуворӣ, неустойчивость, вариантнокӣ, мавҷудияти шаклҳои махсуси муваққатии иқтисодӣ. Давраи гузаришро чорчӯбаҳои муайяни таърихӣ маҳдуд мекунанд. Шаклҳоеро ҷустуҷӯ кардан лозим аст, ки ҷавобгӯи махсусиятҳои Тоҷикистон бошанд. Дар ин маврид самтгирии иҷтимоии иқтисоди гузариш мушкили асосӣ ба шумор меравад.

Дар бозор, чун дар воқеияти объективӣ, барои дар оянда ба он ворид кардани механизмҳои танзими ҳуқуқӣ, зикр намудани давраҳои муҳими зерин аҳамият дорад. Пеш аз ҳама, ҳама бар онанд, ки бозор системаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ аст ва маҳз муносибатҳои ҷамъиятӣ мавзӯи асосии ҳама гуна бахши ҳуқуқро ташкил медиҳанд. Баъдан, субъектҳои бозор фурӯшандагон ва харидорон мебошанд, ки тибқи қоида дар бозор ҳамзамон дар ҳарду сифат фаъолият мекунанд. Ниҳоят, объектҳои бозор мол ва пул мебошанд. Дар ин маврид мол натанҳо маҳсулоти истеҳсолшуда, балки омилҳои истеҳсолот, корҳо, хизматрасониҳоро низ таҷассум мекунанд.

Дар фаъолияти соҳибкорӣ муносибати комплексӣ, ҳаматарафа ба фаҳмиши ҳуқуқ низ муҳим мебошад. Дар танзими он ҳам қоидаҳои давлатии ҳатмӣ ва ҳам татбиқи мураттаби он дар ҳаёт зарур мебошад. Таваҷҷуҳи соҳибкоронро консепсияи пешазқонунии ҳуқуқ дар ҳамон қисмате ҷалб менамояд, ки исбот карда мешавад, ки ниҳодҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа якҷоя амал мекунанд, ҳуқуқ падидаест, ки аз муносибатҳои объективии иқтисодӣ бармеояд ва қонун инъикоси субъективии ҳуқуқ дар шакли санади давлатии иродавии муқарраршуда мебошад.

Ошкоркунии меъёрҳои тодавлатии ҳуқуқ барои фаъолияти соҳибкорӣ маънои духела дорад: *Якум,* онҳо баъзан амалан муносибатҳои соҳибкориро анзим мекунанд. Муаррихони ҳуқуқ бовармандона исбот мекунанд, ки ҳамчун системаи давлатии ҳатмии меъёрҳо аз урфу одатҳое бармеоянд, ки давлат бо санадҳои худ ба онҳо ҳукми қонунро медиҳа

Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар чор самти асосӣ, ки баёнгари чаҳор блоки калони санадҳои меъёрӣ мебошанд, амалӣ карда мешавад. *Блоки якум* муносибатҳои дохилӣ дар субъекти мушаххаси фаъолияти соҳибкориро муайян мекунад; тартиби таъсис, идоракунӣ ва худидоракунӣ, ташкили кор.

*Блоки дувум* муносибат аз рӯи “вертикал”-ро танзим менамояд: байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз як тараф ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз тарафи дигар, аз ҷумла бо мақомоти қонунгузор (намояндагон) ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақомоти интихобӣ ва мақомоти дигари худидоракунии маҳаллӣ.

*Блоки савум* муносибати субъектҳои соҳибкориро аз рӯи “диагонал”, аз ҷумла бо бонкҳо ва ташкилоти дигари қарзӣ, мақомот оид ба танзими арз ва назоратро ғайримустақим мекунад.

*Блоки чорум,* блоки охирин аз рӯи ҳисоб, аммо на охирин аз рӯи аҳамият, муносибати субъектҳои фаъолияти соҳибкориро аз рӯи “горизонтал” бо шарикони худ оид ба фаъолияти иқтисодӣ: таҳвилгарон, харидорон, интиқолдиҳандагон, бимагарон ва ғайра танзим мекунад.

Аз оғози ислоҳоти аграрӣ ва рушди соҳибкорӣ масъала дар бораи он ки оё дар баробари ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва КГ мутобиқ ба они ҶТ ҳамчун ҳуқуқи соҳибкорӣ вуҷуд дорад ё не. Дар ин бора ду нуқтаи назари ба ҳам мухолиф вуҷуд дорад. Тибқи нуқтаи назари якум ҳуқуқи шаҳрвандӣ якҷоя бо бахшҳои дигари мавҷудаи ҳуқуқ қобилияти ба андозаи пурра хизматрасондан ба бахши иқтисодиётро доранд. Нуқтаи назари дуюм ба зарурати сохтани бахши алоҳидаи ҳуқуқ – ҳуқуқи соҳибкорӣ ва таҳияи кодекси соҳибкорӣ такя мекунад [4].

Фикр мекунем, ки ҳарду нуқтаи назар ҳаққи мавҷудият доранд. Аммо агар ба он такя кунем, ки бахши нави ҳуқуқ метавонад фақат дар ҳолате ташаккул ёбад, ки агар дар

воқеияти аслӣ муносибатҳои сифатан нави ҷамъиятӣ пайдо шаванд, ки аз рӯи мавзӯъ ва методи танзими танзими ҳуқуқӣ дар бахши аллакай мавҷуда ҷой намегиранд ва ба ҳисоб гирифа шавад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ дорои чунин нишонаҳо намебошанд, зеро онҳо ҳама бе истисно тавассути меъёрҳои анъанавии бахшҳои ҳуқуқ танзим карда мешаванд, пас "ҳуқуқи соҳибкориро" метавон фақат дар заминаи бахшҳои мавҷудаи анъанавӣ, бо роҳи ҷудокунии меъёрҳое ки мансуб ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, ба вуҷуд овард. Дар ин ҷиҳати мусбат дида мешавад, ҳатто агар он хусусияти дувумдараҷа, комплексӣ ва муштақи ҳуқуқ дошта бошад, зеро ҳангоми таҳқиқи мавқеи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз нуқтаи назари фаъолияти соҳибкории онҳо, мо бо парокандагӣ ва баъзан ихтилофот дар меъёрҳои танзимкунандаи мақоми ҳуқуқии онҳо дучор шудем. Ва ба ҳамин маънӣ, сарфи назар аз мавҷудияти Қонуни алоҳида "Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)", таҳияи кодекси соҳибкорӣ ҷиҳати мусбат дар масъалаи танзими ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) хоҳад буд.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев И.С. Системный подход к понятию экспертизы нормативного правового акта. //Журнал российского права. - М., 2001, N6.
2. Афанасьев Б. Г. Общество: системность, познание и управление. - М., 1981. - С.21, 24, 28-29.
3. Борисов В. Н. Методологические проблемы анализа систем научного знания //Анализ систем научного знания /Под ред. Я. Ф. Аскина и Т. К. Никольской. Саратов, 1974. - С.14.
4. Жилинский С. Э. Правовое обеспечение экономических реформ // Экономические реформы и инвестиционная политика. М.,1996.
5. Керимов Д. А. Философские проблемы права. М., 1972. С.270-287;
6. Кудрявцев В. Н. Уголовная юстиция как система//Правовая кибернетика. - М., 1973. - С.7.
7. Кудрявцев В. Н. Функциональные системы в области права // Вопросы кибернетики. Вып. 40. Правовая кибернетика. - М., 1977. - С.12-18
8. Рассолов М. М. Проблемы управления и информации в области права. - М., 1991. - С.31.
9. Уемов А. И. Системный подход и общая теория систем. М., 1978. С.103-130
10. Философские основания политико-правовых исследований. М., 1986. С.199-256.
11. Равшанзода М. Правовое регулирование создания и развития дехканских (фермерских) хозяйств в Таджикистане, Душанбе, 2008.
12. Равшанзода М. Эволюция и современное состояние законодательства Таджикистана о дехканских хозяйствах как форма предпринимательской деятельности в селе, Душанбе 2024.

**УДК 340.1**

# ҲИМОЯИ СУДӢ НАМУДИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ ВА ҲУҚУҚӢ: ХУСУСИЯТҲО, ПРИНСИПҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ ОН

**РАҲИМЗОДА САФАР ОРЗУ**
*муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистоню E-mail: rahimovsafar@bk.ru*

**Аннотатсия:** Институти комплексии ҳуқуқӣ ин маҷмуи махсуси меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои ду ва зиёда соҳаҳои ҳуқукро дар бар мегирад. Категорияҳои ҳуқуқии «ҳимоя», «ҳифз», «кафолат» ва «таъмин» дар илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории амалкунанда ҳар кадом дорои моҳияти мустақили назариявӣ буда, айни замон бо ҳамдигар робитаи зичи маъноӣ доранд. Ин мафҳумҳо, новобаста аз фарқияти функсионалии худ, дар як низоми умумии ҳуқуқӣ амал намуда, ба воситаи механизмҳои мухталиф ба татбиқи самараноки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мусоидат мекунанд. Ҳимоя яке аз шаклҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқӣ мебошад ва дарбаргирандаи маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ барои барқарорсозӣ ё ҳифзи мақоми ҳуқуқии вайроншуда мебошад. Фаъолияти ҳуқуқии инсон бо хусусияти мураккаб ва таркиби гуногунҷанбааш вобаста ба унсурҳои муҳимми ҳифзи давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Ҳимояи давлатӣ ҳамчун шакли фаъолияти мақомот ва сохторҳои расмии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дигар субъектҳои дорои ваколати ҳуқуқӣ, ҷузъи таркибии механизми умумидавлатии ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии он пеш аз ҳама таъмини амнияти ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар доираи меъёрҳои муқарраргардидаи қонунгузорӣ мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** ҳимоя, ҳимояи судӣ, ҳимояи давлатӣ, функсияҳо, принсипҳо, баҳсҳои ҳуқуқӣ, қонуншиканӣ, ҳуқуқҳои поймолшуда.

# СУДЕБНАЯ ЗАЩИТА КАК ВИД ГОСУДАРСТВЕННОЙ И ПРАВОВОЙ ЗАЩИТЫ: ЕЁ ОСОБЕННОСТИ, ПРИНЦИПЫ И ФУНКЦИИ

**РАХИМЗОДА САФАР ОРЗУ**
*старший преподаватель кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: rahimovsafar@bk.ru*

Аннотация: Комплексный правовой институт представляет собой совокупность специальных правовых норм, включающих нормы двух и более отраслей права. Правовые категории «защита», «охрана», «гарантия» и «обеспечение» в юридической науке и действующем законодательстве обладают самостоятельной теоретической сущностью, однако в то же время имеют тесную смысловую взаимосвязь. Эти понятия, несмотря на различия в их функциональном назначении, действуют в рамках единой правовой системы и посредством различных механизмов способствуют эффективной реализации прав и свобод человека. Защита является одной из форм охраны прав и законных интересов субъектов права и включает в себя совокупность правовых мер, направленных на восстановление или сохранение нарушенного правового статуса. Правовая деятельность человека с её сложным характером и многогранной структурой формируется в зависимости от важнейших элементов государственной и правовой защиты. Государственная защита как форма деятельности органов и официальных структур государственной власти, а также иных субъектов, обладающих правовыми полномочиями, является составной частью общегосударственного механизма защиты прав. Её основной задачей прежде всего является обеспечение правовой безопасности и защита личных, общественных и государственных интересов в рамках норм, установленных законодательством.

**Ключевые слова:** защита, судебная защита, государственная защита, функции, принципы, правовые споры, правонарушение, нарушенные права.

## JUDICIAL PROTECTION AS A TYPE OF STATE AND LEGAL PROTECTION: ITS FEATURES, PRINCIPLES, AND FUNCTIONS

**RAHIMZODA SAFAR ORZU**
*Senior Lecturer of the Department of Law, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: rahimovsafar@bk.ru*

**Abstract:** A comprehensive legal institution represents a set of specific legal norms that include the norms of two or more branches of law. The legal categories of “protection,” “safeguarding,” “guarantee,” and “ensuring” in legal science and in current legislation each possess an independent theoretical essence, while at the same time they are closely interconnected in meaning. Despite the differences in their functional purposes, these concepts operate within a unified legal system and, through various mechanisms, contribute to the effective implementation of human rights and freedoms. Protection is one of the forms of safeguarding the rights and legitimate interests of legal subjects and includes a set of legal measures aimed at restoring or preserving a violated legal status. Human legal activity, with its complex nature and multifaceted structure, is formed depending on the most important elements of state and legal protection. State protection, as a form of activity of state authorities and official governmental structures, as well as other entities vested with legal powers, is an integral part of the national mechanism for the protection of rights. Its main task is, first of all, to ensure legal security and to protect personal, public, and state interests within the framework of the norms established by legislation.

**Keywords:** protection, judicial protection, state protection, functions, principles, legal disputes, violations of law, violated rights.

Ҳимояи ҳуқуқӣ низоми усулҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои амалиест, ки дар санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ муқаррар гардида, татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар ҳолатҳои поймолшавӣ ё баҳсҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Шакли муҳимми ҳимояи ҳуқуқӣ муроҷиат ба мақомоти судӣ ва истифодаи воситаҳои судии барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда мебошад. Ин мавзуъ аз ҷониби олимони соҳа андеша ва хулосаронихои зиёдеро дар шакли мақола ва рисолаҳои илмӣ ба бор овардааст.

Ба таъкиди муҳаққиқи маъруф В.М. Капитсин, мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқ» фаъолияти мақсаднокеро дар бар мегирад, ки ба барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда ва ҷуброни оқибатҳои зарари расида равона шудааст» [12, с. 140]. Ба назари ӯ, ин амал метавонад шаклҳои гуногуни ҷуброни ҳуқуқӣ дошта бошад, аз ҷумла: барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда, пардохти ҷуброн барои зарари ҷисмонӣ, ахлоқӣ, моддӣ ва ё касбӣ, ки шахс дар натиҷаи қонуншиканӣ ё беамалӣ дучор шудааст.

«З.В. Попов ба мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқҳо» механизми татбиқи маҷбурии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки аз ҷониби мақомоти давлатии идоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида таъмин карда мешаванд, бо усулҳои дахлдор дохил мекунад» [22, с. 9].

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ ва таълимӣ доир ба ҳуқуқи конститутсионӣ, зарурати фарқгузории равшан миёни мафҳумҳои «ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ» ва «ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» ба таври ҷиддӣ таъкид мешавад. Мафҳуми «ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ» ҳимояеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба хотири риоя, татбиқ ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар Конститутсия муқаррар ва эътироф шудаанд, амалӣ мегардад. Дар муқоиса, «ҳимояи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» низоми тадбирҳо ва механизмҳои ҳуқуқӣ ва судиеро дар бар мегирад, ки барои таъмини амалишавии ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва бартараф намудани поймолшавии онҳо тавассути сохторҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва мақомоти судӣ амалӣ

мегардад. Масалан, А.В. Бештанко чунин мешуморад, ки «ҳимояи ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми васеътар аст, ки маҷмуи ҳуқуқҳои вайроншударо дар соҳаҳои гуногуни барқарорсозӣ дар бар мегирад» [5, с. 67].

Олими рус М.Г. Кателников низ андешаҳои худро иброз намуда, қайд мекунад, ки «Ҳимояи судӣ падидаи мураккаби ҳуқуқиест, ки ба соҳаи мушаххаси ҳуқуқ тааллуқ надорад. Он вобаста ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуд буда, агар онро танҳо бо меъёри конститутсияи кишварҳо ифода нанамоем, дуруст дарк намешавад» [16, с. 251].

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда, ҳимояи судӣ ҳамчун як зинаи махсуси ҳимояи давлатӣ баррасӣ мегардад, зеро он тавассути суд ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Судҳо, ҳангоми иҷрои вазифаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие такя мекунанд, ки шакли расмии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои адолати судиро дар бар мегиранд. Ҳимояи судӣ ҳамчун ҳимояи давлатӣ ва ҳуқуқӣ роҳи самараноки таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳимояи судӣ, ки дар низоми ҳифзи давлатӣ ва ҳуқуқӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад, ҳамчун меҳвари тамоми вазифаҳои ҳокимияти судӣ амал менамояд. Мутобиқи назария ва амалияи ҳуқуқӣ, дигар ҳамаи вазифаҳои муҳимми суд, аз қабили татбиқи қонун, ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва барқарорсозии адолат то андозае ба таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста ва тобеъ мебошанд.

Мавқеи ҳокимияти судиро дар давлат ва ҷомеа сатҳи ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон муайян мекунад ва демократияи онҳоро тавсиф мекунад, ки он як роҳи универсалӣ ва муассири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс мебошад, зеро хусусияти асосии ҳимояи судӣ номаҳдудият ва умумияти он мебошад.

Ҳимояи судӣ дар низоми ҳуқуқи асосии инсон ҳамчун яке аз муҳимтарин институтҳои таъмини ҳифзи давлатии ҳуқуқу озодиҳои шахс амал менамояд. Ҳамзамон, он муносибатҳои ҷамъиятии муташаккил ва вазифаи мустақими мақомоти ваколатдорро фаро мегирад.

Дар доираи таҳқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқ, ҳимояи судӣ ҳамчун унсури калидии дастрасӣ ба адолати судӣ ва кафолати амалӣ гардидани ҳуқуқҳои асосии шахс баррасӣ мегардад.

Дар илми мурофиавии ҷиноятӣ, ҳимояи судӣ ҳамчун низоми муташаккили қоидаҳои ҳуқуқӣ ва тартиботи мурофиавӣ фаҳмида мешавад, ки ба иштирокчиёни раванди ҷиноятӣ, аз ҷумла, гумонбар, айбдоршаванда ва ҷабрдида шароити ҳуқуқиро барои ҳимояи манфиатҳои қонунии худ фароҳам меорад. Ин низом амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва таъмини принсипҳои адолати судиро кафолат медиҳад.

Дар назарияи умумии ҳуқуқ, ҳимояи судӣ ҷузъи ҷудонашавандаи механизми ҳифзи ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб меравад. Бар хилофи ҳуқуқи қадим, ки озодӣ ва ҳуқуқҳоро танҳо барои табақаҳои маҳдуд муқаррар мекард, ҳуқуқи муосири инсон принсипи баробарии умумиро эътироф намуда, кафолати озодӣ ва ҳуқуқи шахсро барои тамоми афроди ҷомеа таъмин мекунад.

«Айни замон ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, бинобар ин, баррасии моҳият ва мушкилоти ҳифзи судӣ ҳамчун як шакли кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ба шумор меравад» [10, с. 2-5].

Яке аз муҳимтарин унсури ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ин ҳуқуқи муроҷиат кардан ба суд мебошад. Қабули ӯҳдадории эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат, тибқи назарияи давлат ва ҳуқуқ, аз масъулияти он дар назди ҷомеа ва ҳар як шахс маншаъ мегирад. Ин ӯҳдадорӣ ташкили низоми мукаммали кафолатҳоро дар назар дорад, ки тавассути он амалӣ гардидани ҳуқуқҳои асосии инсон таъмин карда мешавад.

Ташкили чунин низом аз давлат талаб мекунад, ки натанҳо ҳуқуқҳои асосии шахсро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътироф ва мустаҳкам намояд, балки механизми муассири амалигардонии онҳоро низ таъмин созад. Аз ҷумла, бояд ваколатҳои дахлдори мақомоти

судӣ, воситаҳои самарабахши муроҷиат ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда таъсис дода шаванд.

Бинобар ин, ҳифзи судӣ наметавонад танҳо бо муқаррароти умумии ҳуқуқии конститутсионӣ маҳдуд гардад. Он механизми мушаххас ва муассири татбиқи ҳуқуқҳои асосии инсонро дарбар мегирад, ки фаъолияти мустақими мақомоти судиро дар баробари истифодаи кафолатҳои ҳуқуқии таъминкунандаи ҳимояи судии шахс таъмин менамояд.

Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон – ин маҷмуи амалиёт ва механизмҳои расмии мақомоти судӣ мебошад, ки ба баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва иҷрои қарори суд равона гардидааст. Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳимояи судӣ ҳамчун омили муҳим ва ҷузъи ҷудонашавандаи низоми таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон баррасӣ мешавад. «Ҳимояи судиро метавон ҳамчун маҷмуи амалҳои мустақили судӣ, аз қабили содир намудани ҳукм, татбиқи чораҳои таъмини даъво, қабулу бекор кардани чораҳои пешгирӣ, баровардани таъиноти фардӣ ва дигар қарорҳои марбут ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ё маданӣ, инчунин, ҳамчун ҷузъи фаъолияти низомии тамоми низоми судӣ арзёбӣ кард» [13, с. 5;].

Мувофиқи таҳлилҳои сарчашмаҳои илмӣ, институти ҳимояи судии ҳуқуқҳои асосии инсон дорои хусусияти комплексӣ (байнисоҳавӣ) буда, он бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад:

Якум, дар сохтори ҳимояи судӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии пайвастагӣ мавҷуд аст, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавӣ дахл доранд. Ин меъёрҳо, новобаста аз соҳавии худ, як ҳадафи умумиро пайгирӣ мекунанд: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, мусоидат ба татбиқи мурофиаи одилонаи судӣ ва таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа.

Дуюм, ҳимояи судӣ дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил ёфта, татбиқ мешавад. Қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун унсури таркибии ҳуқуқи миллӣ дар амалӣ сохтани ҳимояи судии ҳуқуқҳо нақши муҳим мебозанд.

Сеюм, дар дохили давлат ҳокимияти ягонаи судӣ тавассути шаклҳои гуногуни мурофиавӣ – аз ҷумла конститутсионӣ, маъмурӣ, маданӣ, арбитражӣ ва ҷиноятӣ – амалӣ мегардад. Бо вуҷуди гуногунии шаклҳои мурофиа, меъёрҳои танзимкунанда ба ҳамдигар алоқаманд буда, ҳам ҳуқуқи шахсро ба ҳимояи судӣ ва ҳам тартиби фаъолияти мақомоти судиро ба таври ягона танзим менамоянд.

Чорум, новобаста аз фарқияти танзими ҳуқуқӣ дар ҳар яке аз соҳаҳои мурофиавӣ, татбиқи ҳимояи судӣ дар чаҳорчӯби як раванди ягонаи ҳуқуқӣ сурат мегирад. Ин раванд дорои марҳилаҳои умумӣ ва механизмҳои ягонаест, ки барои барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсноки шахс равона шудааст.

Панҷум, хусусияти назарраси институти ҳимояи судӣ он аст, ки он ҳам меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва ҳам меъёрҳои мурофиавиро фаро мегирад. Ин ҳамгироии ду низоми меъёрӣ шароити зарурино барои таъмини воқеии ҳимояи ҳуқуқҳои шахс ва барқарорсозии онҳо фароҳам меорад.

Шашум, институти ҳимояи судӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ ва хусусӣ иборат буда, ҳамаи онҳо бо таъиноти ягона муттаҳид гардидаанд – таъмини ҳимояи судии ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсбарангез.

Ба аломатҳои фарқкунандаи асосии ҳимояи судии ҳуқуқҳои асосии инсон, ки онро аз дигар шаклҳои ҳифзи давлатӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо месозанд, инҳо дохил мешаванд:

• салоҳияти махсуси судҳо барои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ;
• ташкили муназзам ва мураттаби мақомоти судӣ;
• умумияти татбиқи ҳимояи судӣ нисбат ба ҳамаи шахсон, бидуни ягон шакли табъиз;
• мустақилияти суд ва озодии он дар қабули қарорҳо;
• вобастагии мустақими фаъолияти судӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ;

• мавҷудияти низоми зинавии судҳо, ки имкон медиҳад камбудиҳо сари вақт ошкор ва ислоҳ шаванд;

• ниҳоӣ ва ҳатмӣ будани санадҳои судии қабулшуда, ки иҷрои онҳо ба барқарорсозии воқеии ҳуқуқҳои поймолшуда равона мебошад. Ҳамин тавр, хусусияти байнисоҳавӣ ва мукаммали институти ҳимояи судии ҳуқуқҳои асосии шахс дар шароити муосир онро ҳамчун механизми муассир ва калидии таъмини адолати ҳуқуқӣ дар низоми давлатдорӣ муаррифӣ менамояд.

Ҳуқуқи субъективии шахс ба ҳимояи судӣ, ба ақидаи В.Б. Вершинин «яке аз унсурҳои сохтории институти ҳимояи судӣ мебошад, ки он салоҳияти шахсро дар бар мегирад» [7, с. 26].

Принсипҳо ва вазифаҳои ҳимояи судии ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалиёти ҳуқуқии давлатӣ аҳаммияти назарраси назариявӣ ва амалӣ доранд. Омӯзиши амиқи онҳо барои рушди минбаъдаи механизми ҳифзи судии ҳуқуқҳо ва қабули қарорҳои ҳуқуқии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ заминаи методологӣ фароҳам меорад.

Принсипҳои марбут ба ҳимояи судӣ вобаста ба хусусият ва моҳияти танзими ҳуқуқӣ, ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

1) Принсипҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, ки заминаҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судиро муайян менамоянд. Ба ин гурӯҳ чунин усулҳо шомиланд: кафолати умумии дастрасии ҳар шахс ба ҳимояи судӣ; амалисозии адолати судӣ танҳо тавассути суд; риояи қатъии қонунгузорӣ ҳангоми ташкили судҳо ва татбиқи ҳимояи судӣ; истиқлолияти ҳокимияти судӣ ва мустақилияти судяҳо; ягонагии низоми судӣ дар сатҳи давлатӣ; танзими ҳуқуқии сохтори мақомоти судӣ; тартиби коллегиалӣ ё инфиродии баррасии парвандаҳо; механизми махсуси таъйини судяҳо ва маблағгузории мақомоти судӣ; ҳатмияти иҷро ва таъмин гардидани амали воқеии қарорҳои судӣ.

2) Принсипҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, ки шаклу мазмуни татбиқи амалии ҳимояи судиро муайян мекунанд. Дар ин замина чунин меъёрҳои муҳим ҷой доранд: баробарии ҳама дар назди қонун ва суд; бетарафӣ ва адолат ҳангоми ҳаллу фасли баҳсҳо; шаффофият ва ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ; таъмини муҳлати асоснок ва саривақтии баррасии парвандаҳо; риояи принсипи рақобатпазирӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо; риояи талаботи қонунии забони мурофиа; кафолати ҳуқуқи ҳимоя барои гумонбаршуда ва айбдоршаванда; фарзияи бегуноҳӣ то исботи муқобил; таҳқиқи ҳамаҷониба ва объективии ҳолатҳои парванда; назорати судӣ нисбат ба қонуният ва асоснокии қарорҳои қабулшуда.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим ва назаррас дар омӯзиши ҳимояи судӣ мавқеи функсионалии он мебошад, ки нақши муҳим дар таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон мебозад. Вазифаҳои ҳимояи судӣ ҳамчун самтҳои марказии фаъолияти низоми судӣ барои татбиқи мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолгардида ва таъмини ҳифзи манфиатҳои қонунии шахс хидмат мекунанд.

Дар натиҷа, принсипҳо ва вазифаҳои мазкур заминаи устувори назариявӣ ва амалии рушди низоми судиро ташкил дода, нақши кафолатдиҳандаро дар таъмини қонуният ва адолат дар ҷомеа иҷро менамоянд.

Мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва принсипҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд натанҳо принсипи асосии сохтори давлатдорӣ, балки ухдадории конститутсионии давлат маҳсуб меёбад.

«Мутобиқи талаботи Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд» [1].

Эътирофи мақоми марказии инсон ва озодиҳои ӯ дар низоми ҳуқуқӣ масъулияти мустақими давлатро дар ташкили механизми муассир ва институтсионалии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ муайян менамояд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқу озодиҳои инсон натанҳо дар доираи санадҳои қонунгузорӣ ба таври расмӣ

муқаррар мегарданд, балки татбиқи воқеӣ ва самараноки онҳо танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, мақомоти судӣ мустақилона, муассир ва тибқи талаботи қонун амалӣ гардад. Суд ҳамчун кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, нақши калидиро дар татбиқи механизмҳои ҳуқуқии ҳимоя мебозад.

Вазифаҳои марбут ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти мақомоти судӣ ба ҳисоб рафта, ба таъмини риояи принсипҳои қонуният, адолати судӣ ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи шахс равона шудаанд. Вазифаҳои мазкур хислати гуногунҷанба дошта, самтҳои мухталифи фаъолияти судиро дар бар мегиранд.

Ба вазифаҳои асосии ҳимояи судӣ дохил мешаванд: татбиқи адолати судӣ; муайянсозии ҳолатҳои воқеии парванда (далелҳо); амалисозии назорати судӣ; шарҳу тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ; татбиқи қонунгузории амалкунанда; танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ; муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои поймолшуда; барқарорсозии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои ҳуқуқӣ; таъмини ҷуброни зарари расонидашуда; таъсири тарбиявии қарорҳои судӣ; ташаккули ҳуқуқ тавассути фаъолияти судӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ); иттилоотрасонӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва мурофиа; пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо тавассути татбиқи ҳимояи судӣ; татбиқи механизмҳои масъулияти ҳуқуқӣ; таъмини иҷрои ҳатмии қарорҳои судӣ.

Вазифаҳои ҳимояи судӣ вобаста ба аҳаммият ва нақши онҳо дар амалиёт ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1. Вазифаҳои асосӣ, ки хусусияти муҳимми институти ҳимояи судиро ҳамчун василаи барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, танзими манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ва муътадилсозии равандҳои ҷамъиятӣ инъикос менамоянд.

2. Вазифаҳои ғайриасосӣ, ки характери ёрирасон ва хизматрасонӣ дошта, барои татбиқи самараноки вазифаҳои асосӣ мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, вазифаҳои ҳимояи судиро метавон бо дарназардошти меъёрҳои гуногун низ гурӯҳбандӣ намуд. Аз ҷумла, таснифи онҳо метавонад бо такя ба чунин асосҳо анҷом дода шавад:

– вобаста ба усулҳои татбиқи ҳимоя;
– вобаста ба шаклҳои мурофиавии амалӣ намудани ҳимоя;
– вобаста ба сохтори ташкилии низоми судӣ;
– вобаста ба хусусият ва навъи санадҳои судӣ;
– вобаста ба субъектҳое, ки ҳимояи судиро татбиқ мекунанд.

Ҳамин тавр, вазифаҳои ҳимояи судӣ бо тамоми зуҳуроти худ самтҳои муҳимтарини фаъолияти судиро фаро гирифта, барои таъмини устувории қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муътадилии муносибатҳои иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои оммавии ҳуқуқиро амалӣ менамояд ва дар низоми давлатдорӣ ҷойгоҳи марказӣ ишғол мекунад. Фаъолияти ҳокимияти судӣ моҳияти ҳуқуқӣ дошта, характери ҳимоявӣ ва таъминкунандаро доро мебошад, ки он ҳамчун омили муайянкунандаи татбиқи ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд баромад мекунад.

Тибқи назарияи давлат ва ҳуқуқ, вазифаи асосии ҳокимияти судӣ натанҳо дар ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад, балки дар кафолати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути механизми судии ҳимоя зоҳир мегардад. Ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз кафолатҳои муҳимми амалӣ намудани ҳуқуқҳои асосии инсон ба давлат вазифа мегузорад, ки адолати судиро беғаразона ва дар асоси қонун таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, ҳокимияти судӣ воситаи муҳимтарини таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ буда, дар раванди ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда ва манфиатҳои қонунии шахс мақоми ҳалкунанда дорад.

Тавре «Д.В. Белоусов қайд менамояд, ҳимояи судӣ вазифаи ҳокимияти судӣ мебошад ва он тавассути системаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ амалӣ карда мешавад, ки дар он ҳуқуқи шахс ба ҳимояи судӣ амалӣ карда мешавад» [4, с. 23].

Объектҳои ҳимояи судии ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии маҷмуи арзишҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар бар мегиранд, ки тавассути фаъолияти мақомоти судӣ ҳифз ва барқарор карда мешаванд. Ба чунин объектҳо ҳуқуқҳои субъективӣ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс, инчунин, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ дохил мешаванд.

Объектҳои асосии фаъолияти ҳуқуқии мақомоти судӣ инҳоянд:

Ҳуқуқҳои субъективии шахс ҳамчун маҷмӯи имкониятҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки қонун ба шахс барои истифодаи неъматҳои иҷтимоӣ расман муқаррар мекунад ва бо кафолати ҳимояи давлатӣ таъмин мегарданд. Ба хусусиятҳои асосии ҳуқуқи субъективӣ шомиланд: муайян намудани рафтори иҷозатдодашуда барои шахс; таъмини кафолати татбиқи он аз ҷониби давлат; мавҷудияти уҳдадориҳои муқобили субъектҳои дигар; ва имкони истифодаи механизмҳои судӣ барои ҳимоя ва барқарорсозии ин ҳуқуқҳо.

Ҳам ҳуқуқҳои асосии инсон, ки дар сатҳи қонунҳои конститутсионӣ танзим шудаанд, ва ҳам ҳуқуқҳои соҳавӣ ё шартномавӣ, ки манбаи онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои хусусӣ мебошанд, таҳти ҳимояи судӣ қарор мегиранд.

Озодиҳои шахсӣ, бо он ки аз лиҳози мазмун ба ҳуқуқҳои субъективӣ наздик мебошанд, бо вуҷуди ин, вобаста ба шакли татбиқ ва дараҷаи дахолати мақомоти давлатӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд. Онҳо бештар ба таври мустақим аз тарафи фард амалӣ шуда, танҳо дар ҳолатҳои муайян ба танзими давлатӣ ниёз пайдо мекунанд. Озодиҳо бештар характери мустақили фаъолият ва худтанзимиро ифода менамоянд.

Манфиатҳои қонунии субъектҳои ҳуқуқ ҳамчун талошҳои қонунии шахсон барои қонеъ гардондани ниёзҳо дар доираи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ маънидод мегарданд. Манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои субъективӣ аз лиҳози моҳият, сохтор ва механизмҳои ҳимоя, аз ҷумла ҳимояи судӣ, аз ҳам фарқ доранд.

Таҳдиди эҳтимолии вайроншавии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс, ки ҳолати пешгӯишавандаи поймолсозии ҳуқуқро фаро мегирад, низ метавонад объекти баррасии мақомоти судӣ қарор гирад. Ин ҳолат ҳамчун заминаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва воситаи таъмин намудани муҳофизати саривақтӣ аз ҷониби суд баррасӣ мешавад.

Манфиатҳои ҷамъиятӣ маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеаро дар бар мегиранд, ки метавонанд аз таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими демократия ва гуногунандешӣ, рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ, нигоҳ доштани ризоияти миллӣ, пешгирии падидаҳои экстремистӣ ва низоъҳои дорои хусусияти этникӣ ё динӣ, беҳтарсозии вазъи демографӣ ва экологӣ ва дигар манфиатҳои дорои аҳаммияти умумимиллӣ иборат бошанд.

Манфиатҳои давлатӣ ба ҳифз ва таъмини асосҳои сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии марзии кишвар, муҳофизати моликияти давлатӣ, амнияти миллӣ ва мудофиа алоқаманд буда, дар сатҳи авлавиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат қарор доранд.

Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун як ниҳоди ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ амал мекунад. Ин низом маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки асосҳо, усулҳо ва шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муайян намуда, иҷрои уҳдадориҳои давлатро дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо мутобиқи стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъмин менамояд.

Кафолати ҳимояи судӣ ҳамчун омиле муҳим дар танзим ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ пазируфта мешавад.

Институти ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқҳои шахс маҷмӯи меъёрҳоро ташкил медиҳад, ки муносибатҳои мурофиавии мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба мақомоти судии дахлдор барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ва ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ танзим менамоянд.

Дар механизми ҳуқуқии кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути ҳимояи судӣ, ҳамзамон, ҳаллу фасли баҳсҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Дар ин раванд, бо амалӣ гардидани ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо, ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимият мақоми хосса ва афзалиятро соҳиб мегардад, зеро суд тавассути бекор кардани

санадҳо ва амали мақомоти қонунгузор ва иҷроия намегузорад, ки онҳо аз ҳадди ваколатҳои худ берун бароянд ва инчунин риояи қонунро таъмин менамояд.

«Ҳимояи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ фаъолияти бисёрҷанба ва бисёрфунксионалии мурофиавии ҷиноятии мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад, ки дар шаклҳои мурофиавии муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешавад ва инчунин дорои ҳадафи таъмини дастрасӣ ба адолат ва барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ва манфиатҳои қонунии шахс ҳангоми гузаронидани тафтишот ва тафтишоти пешакӣ мебошад» [4, с. 23].

Ҳимояи судӣ ҳамчун институти мураккаби ҳуқуқӣ дар баробари танзими мустақили худ аз маҷмуи меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ иборат буда, бинобар ин мавзуи таҳқиқоти васеи илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин институт тақозои ҳамкории олимони соҳаҳои гуногуни ҳуқуқиро дорад, зеро ҳимояи судӣ дар ҳамаи низомҳои ҳуқуқӣ мақоми калидӣ ва нақши муассирро мебозад.

Бо дарназардошти мақоми бунёдии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ, зарур аст, ки таҳлили татбиқи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, пеш аз ҳама, дар доираи ҳуқуқи асосии инсон ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқи миллӣ мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дода шавад. Бо вуҷуди аҳаммияти зикршуда, бояд қайд кард, ки дар шароити муосир таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ оид ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аксаран аз ҷониби як қатор олимон бе ба эътибор гирифтани тағйироту таҳаввулоти замонавӣ дар ҳуқуқ ва давлатдорӣ анҷом дода мешавад. Ин ҳолат зарурати таҳлили нав ва таҷдиди назарро дар арзёбии нақши ҳимояи судӣ ҳамчун кафили ҳуқуқҳои асосии инсон ба миён меорад.

Баробари ташаккули конститутсионизм ҳам мазмуни ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳимояи судӣ ва ҳам дарки он дар шароити ҳамкорӣ бо дигар ҳуқуқҳо ва арзишҳои конститутсионӣ тағйир меёбад.

Тавре ки дар таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад, ҳимояи судӣ яке аз кафолатҳои муҳимми қонунии аз ҷониби қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкамшуда мебошад, ки ба сифати василаи асосии ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад.

Аммо, бо вуҷуди муқаррароти мавҷуда, фаъолияти амалии низоми судӣ, тартиботи мурофиавӣ ва фаҳмиши ҳуқуқи асосии шахс ба ҳимояи судӣ аз ҷониби судҳо дар баъзе ҳолатҳо наметавонад ба таври пурра ва самаранок амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро таъмин намояд. Маҳз, ҳамин омил боиси афзоиши мунтазами шумораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон ба судҳо вобаста ба поймолшавии ҳуқуқҳои инсон ва талаботи барқарорсозии онҳо мегардад.

Равандҳои мазкур зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҳимояи судиро дар низоми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамоянд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба рушди низоми судӣ (дар баъзе кишварҳо) таъкид гардидааст, ки сарфи назар аз андешидани маҷмуи тадбирҳои давлатӣ ва ба даст омадани пешрафтҳо дар соҳаи такмили низоми судӣ, ин тадбирҳо то ҳол ба ташаккули эътимоди устувори шаҳрвандон ба адолати судӣ таъсири ҳалкунандаи мусбат нарасонидаанд.

Ҳамзамон, як қатор мушкилоти ҷиддӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ боқӣ мондааст, аз ҷумла: паст будани сифати адолати судӣ; тӯлонӣ будани муҳлати баррасии парвандаҳо; сатҳи пасти огоҳии шаҳрвандон дар бораи фаъолияти низоми судӣ; кори ғайриқаноатбахши судҳо дар самти баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳо; самарабахш иҷро нагардидани санадҳои судӣ; набудани шароити зарурии моддӣ ва ташкилӣ барои таъмини адолати воқеӣ.

Ин мушкилот нишон медиҳанд, ки татбиқи ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амал на ҳамеша бо талаботи қонуният ва принсипҳои адолати судӣ мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ, зарурати минбаъдаи такмил ва ислоҳоти муассири низоми судӣ, ки ба баланд бардоштани сифати адолати судӣ ва эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти судӣ равона шудааст, беш аз пеш муҳим мегардад.

Ҷоиз аст, оид ба марҳилаҳои пеш аз конститутсионии рушди ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ва конститутсионии рушди ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ таъкид намоем. Дар доираи марҳилаи кон-

ститутсионӣ инчунин марҳилаҳои рушди кафолатҳои судӣ ва судӣ оид ба ҳуқуқи таҳқиқшаванда ҷудо карда шудаанд.

Дар марҳилаҳои таърихии пеш аз замони Шуравӣ, ҳуқуқ ба ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон ва кафолатҳои он дорои хусусияти номувофиқ ва ноустувор буда, таъмини пурраи онҳо амалӣ намешуд. Бо ба қудрат омадани Шуроҳо, ҳуқуқи ҳимояи судӣ муддати дароз дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намегардид ва танҳо тавассути санадҳои қонунгузории ҷорӣ инкишоф меёфт. Танҳо тақрибан пас аз 60 сол, дар Конститутсияи ИҶШС аз соли 1977 ҳуқуқ ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд расман ва ба таври возеҳ муқаррар карда шуд.

Аз ҳамин давра, бахусус дар солҳои поёнии мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, дар қонунгузории амалкунанда раванди таҳкими назарраси ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ оғоз ёфт. Ин раванд боиси он гардид, ки ҳуқуқи ҳар шахс ба пешниҳоди шикоят нисбат ба ҳар гуна амал ё қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро поймол менамоянд, ба таври расмӣ дар қонунгузорӣ муқаррар гардад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ таснифоти гуногуни ҳуқуқҳои инсон пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, ҳуқуқҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: ҳуқуқҳои табиӣ ва позитивӣ; ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд; ҳуқуқҳои асосӣ ва соҳавӣ; ҳуқуқҳои мутлақ ва нисбӣ; ҳуқуқҳои мусбат ва манфӣ; ҳуқуқҳои инфиродӣ ва коллективӣ. Инчунин, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ аз рӯи наслҳои гуногуни таҳаввули ҳуқуқҳои инсон низ ба шаклҳои гуногун гурӯҳбандӣ мешаванд.

Дар бархе таҳқиқотҳо зикр мешавад, ки ҳуқуқ ба ҳимояи судиро метавон ба гурӯҳи ҳуқуқҳои табиӣ нисбат дод. Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти он ки амалишавии ин ҳуқуқ мустақиман ба иштироки фаъолонаи сохторҳои давлатӣ, муқаррароти махсуси ҳуқуқӣ ва механизми кафолатдиҳанда ниёз дорад, ин масъала баҳсбарангез боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, дар назарияи ҳуқуқ ба ин ҳамчун як намунаи ҳуқуқи мусбат муносибат карда мешавад, зеро татбиқи он танҳо дар сурати мавҷудияти субстансия ва кафолатҳои амалии давлатӣ имконпазир мебошад.

Ҳуқуқи ба ҳимояи судӣ мансуб ба системаи ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд аст ва характери мутлақ дорад, зеро он ҳатто дар шароити вазъияти фавкулодда маҳдуд намешавад. Аз лиҳози хусусият, ин ҳуқуқ беш аз ҳама хусусияти инфиродӣ дорад, ҳарчанд дар мавридҳои алоҳида шаклҳои коллективии амалӣ намудани он низ ҷой доранд.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои «насли якум» тааллуқ дошта, ҳамчун ҳуқуқе баромад мекунад, ки барои ҳифзи дигар ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд замина фароҳам меорад.

Ҳуқуқи мазкур дорои хусусияти мураккаб буда, унсурҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад. Аз як тараф, он ҳуқуқи моддӣ мебошад, ки ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда равона гардидааст ва аз тарафи дигар, дорои хусусияти мурофиавӣ мебошад, зеро аз роҳу тартиботи мурофиаи судӣ барои татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқ истифода мебарад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон, давлат ҳамчун субъекти дорои вазифаи кафолатдиҳӣ амал менамояд. Мақомоти қонунгузор вазифадоранд, ки асосҳои ҳуқуқии амалӣ намудани ҳимояи судиро муқаррар намоянд ва механизмҳои ҳуқуқии татбиқи онҳоро фароҳам созанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ӯҳдадоранд, ки шароити моддӣ ва ташкилии лозимиро барои амалӣ гардидани ҳуқуқи мазкур таъмин намоянд. Мақомоти судӣ вазифадоранд, ки амалигардонии воқеии ҳуқуқ ба ҳимояи судиро тавассути муҳокимаи одилона ва самаранок таъмин намоянд.

Субъектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ аз як тараф давлат (ҷониби вазифадор) ва аз тарафи дигар ҳар шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошанд, ки дар қаламрав ё таҳти салоҳияти давлатӣ қарор доранд. Объектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии поймолшуда ё таҳдидшудаи шахсон мебошанд.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дорои хусусияти махсуси фарққунанда мебошад. Дар муқоиса бо дигар ҳуқуқҳои субъективӣ, ки асосан ба истифода ё нигоҳдории неъматҳои моддӣ ё

маънавӣ равона шудаанд, ҳуқуқи ҳимояи судӣ хусусияти барқароркунандаи қавии ҳуқуқиро дорад ва ҳадафи он таъмини барқарорсозии ҳуқуқу манфиатҳои поймолшуда мебошад.

Илова ба ин, қариб ҳамаи унсурҳои мақоми ҳуқуқии шахсият — аз ҷумла ҳуқуқҳо, озодиҳо, манфиатҳои қонунии фардӣ ва ҳатто уҳдадориҳои ӯ — метавонанд дар доираи татбиқи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ қарор гиранд. Ҳамин тавр, ин ҳуқуқ ҳамчун воситаи универсалӣ дар низоми ҳуқуқӣ амал мекунад, ки натанҳо барои ҳимоя, балки барои барқарорсозӣ ва таъмини иҷрои дигар ҳуқуқҳо низ истифода мешавад.

«Дар илми ҳуқуқшиносӣ фаҳмишҳои гуногуни мазмуни ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ мавҷуданд. Дар маҷмуъ, ин ҳуқуқ фарогири ҳуқуқи муроҷиат ба суд, баррасии одилона ва оммавии парванда аз ҷониби суди мустақил ва беғаразона, иҷрои қарорҳои судӣ ва имконияти шикоят аз қарорҳои судӣ ба суди болоӣ мебошад» [2, с. 22].

Кафолати судӣ дар он ифода меёбад, ки низоми судии мустақил ва пурра ташаккулёфтае таъсис дода мешавад, ки дорои ҳамаи нишонаҳои институтсионалӣ ва функсионалии ҳокимияти судӣ мебошад. Ин низом бо маҷмуи салоҳиятҳои зарурӣ муҷаҳҳаз буда, имконият медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври муассир ва қонуниятноксоз ҳимоя карда шаванд. Дар кор принсипҳои ҳокимияти судӣ, ба монанди мустақилият ва истиқлолияти суд, беғаразӣ, манъи судҳои фавқулодда баррасӣ карда мешаванд.

Дар таҷрибаи судӣ кафолатҳои дигар низ таҳия шудаанд: ӯҳдадории суд барои ҳавасманд кардани қарорҳои худ, принсипи устувории қарори судӣ, ки ба қувваи қонунӣ ворид шудааст.

Дар доираи кафолатҳои муҳофизатӣ намудҳои ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо алайҳи адолат, масъалаҳои ҷуброни зарари ҳангоми адолати судӣ ба мақомоти давлатӣ бо тартиби ҳуқуқии шаҳрвандӣ расонидашуда, аз ҷумла хусусиятҳои истифодаи меъёри махсуси чанде пеш дар бораи вайрон кардани мӯҳлатҳои оқилонаи адолат баррасӣ карда шуданд.

Олимон ва таҷрибаомӯзон аксаран эътироф мекунанд, ки ҳуқуқи ҳимояи судӣ ба гурӯҳи ҳуқуқ ва озодиҳое дахл дорад, ки ба ягон маҳдудият тобеъ нестанд.

Маҳдудсозии ҳуқуқ ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо дар ҳолатҳое қонунист, ки бо талаботи мушаххаси ҳуқуқӣ мувофиқ бошад. Маҳдудиятҳо дар ин соҳа қонунӣ ҳисобида мешаванд, агар:

• чунин маҳдудиятҳо аз ҷониби Суди Конститутсионӣ эътироф ва ба таври расмӣ мустаҳкам карда шуда бошанд;

• нисбати маҳдудиятҳои мазкур мавқеи ҳуқуқии Суди Конститутсионӣ дар бораи қобили қабул будани онҳо таҳия ва қабул гардида бошад;

• дар ҳолате, ки маҳдудият дар Суди Конститутсионӣ мавриди санҷиш қарор нагирифта бошад ва фарзияи мутобиқати қонун ба Конститутсия (фарзияи конститутсионӣ) амал кунад.

Ба ин васила, танҳо маҳдудиятҳое, ки ё дар асоси санҷиши конститутсионӣ тасдиқ гардидаанд ё то замони рад шуданашон тибқи фарзияи конститутсионӣ эътибор доранд, метавонанд ҳамчун маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ эътироф шаванд.

Дар байни қарорҳо Суди конститутсионӣ ҳолатҳои маҳдудиятҳои қонунии мавҷудаи ҳуқуқи конститутсионии ҳимояи судӣ ва кафолатҳои бо он алоқаманд ҷудо аст. Дар айни замон, мавқеи ҳуқуқӣ дар бораи иҷозат додани маҳдуд кардани ҳуқуқи тадқиқшаванда бо меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ, дар бораи набудани ҳуқуқи маҳкумшуда барои шиносоӣ бо фикри махсуси яке аз судяҳое, ки ба ҳайати суди баррасии ин парванда дохил буданд, вуҷуд дорад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқи ҷуброн барои вайрон кардани ҳуқуқи мурофиаи судӣ дар мӯҳлати оқилона. Кодекси мурофиавии граждании ҳуқуқи судро барои баргардонидани ариза дар бораи додани ҷубронпулӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи мурофиаи судӣ ва иҷрои қарори судӣ дар мӯҳлати оқилона пешбинӣ мекунад, агар ҳангоми баррасии масъалаи қабули ариза ба мурофиа суд муқаррар кунад, ки мӯҳлати мурофиаи судӣ дар парванда ё мӯҳлати иҷрои қарори судӣ ба таври возеҳ аз вайрон кардани ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқи шикоят аз қарори суд. Дар ин ҷо низ ду мавқеи ҳуқуқиро ҷудо кардан лозим аст. Пеш аз ҳама ба муқаррароти қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дахл дорад ва фавран пас аз эълони он эътибор пайдо мекунад. Мавқеи дуюми ҳуқуқӣ нисбат ба меъёрҳои иҷтимоии давлат муқаррар карда шудааст, ки ҳуқуқи шикояти кассатсионии таърифҳои Суди Олии Арбитражи (дар ФР)-ро, ки ӯ ҳамчун суди марҳилаи аввал ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи баҳс кардани санадҳои меъерии ҳуқуқӣ баровардааст, истисно мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Олии Арбитраж мавҷуд нест, аммо зери ниҳоди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ғайридавлатие мебошад, ки Арбитражи байналмилалии тиҷоратиро таъсис додааст, вале ба фаъолияти он ягон таъсир надорад. «Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ моҳи августи соли 2015 бо қарори Раёсати Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон» таъсис ёфтааст. Фаъолият кардан дар назди палатаро Қонуни ҶТ «Дар бораи Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ки моҳи марти соли 2015 қабул шудааст, ба танзим медарорад. Дар аксари давлатҳо низ арбитраж дар назди палатаҳо фаъолият мекунад» [24].

Дар адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ таърифҳои зиёди мафҳуми мурофиаи судӣ пешбинӣ гардидааст. Вобаста аз он, ки кадом унсури сохтор аввал ҷудо мешавад – расмӣ ё мундариҷа, онҳоро шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Муаллифоне, ки унсури расмиро (мурофиавӣ) ҷудо мекунанд, мафҳуми мурофиаи судӣ тавассути мафҳуми мурофиаи ҳуқуқӣ сохта мешаванд. Онҳое, ки ба мундариҷа диққат медиҳанд, мафҳуми мурофиаи судиро тавассути мафҳуми адолат ошкор мекунанд. Аксари таърифҳои мурофиаи судӣ, ки ба унсури мурофиавӣ диққат медиҳанд, истилоҳи «мурофиаи ҳуқуқӣ»-ро дар маънои маҳдуди он, яъне ҳамчун мурофиаи судӣ истифода мебаранд ва дар ин маъно, мурофиаи ҳуқуқӣ синоними мурофиаи судӣ мебошад.

«Н.С. Райкова мурофиаи судиро ҳамчун фаъолияти суд ва шахсоне, ки дар мурофиаи баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ба салоҳияти зинаҳои дахлдори низоми судӣ дохилшуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонун иштирок мекунанд, муаррифӣ мекунад. Ин фаъолият аз амалҳои мурофиавии дар пайдарпаии муайян ва тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷомдода иборат аст» [17, с. 385-403].

Н.В. Витрук менависад, ки «мурофиаи судӣ тартиби муқаррарнамудаи қонун дар бораи фаъолияти суд ва иштирокчиёни мурофиа оид ба ҳалли парвандаҳои мушаххас буда, шакли ҳуқуқии татбиқи салоҳияти судӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, муқаррар намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи назорати суди конститутсионӣ ва ғайра мебошад» [32, с. 591]. Ҳамчунин, ӯ таъкид мекунад, ки мурофиаи судӣ тартиби муқаррарнамудаи амали суд ва иштирокчиёни мурофиаи парвандаи мушаххас буда, аз мурофиаҳои судӣ, инстансияҳо, муқаррарот ва усулҳои ҳимоя иборат мебошад» [32, с. 391].

Н.С. Райкова «мурофиаи судиро ҳамчун фаъолияти суд ва шахсоне, ки дар раванди баррасӣ ва ҳалли парвандаҳое, ки ба салоҳияти пайванди дахлдори низоми судӣ дохил мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муайян мекунад. Ин фаъолият аз амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки бо пайдарҳамӣ ва тартиби муайяне, ки қонун муқаррар кардааст, анҷом дода мешаванд».

Д.Н. Бахрах «се намуди равандҳои ҳуқуқиро ҷудо мекунад: ҳуқуқсозӣ, татбиқи ҳуқуқии танзимкунанда ва раванди юрисдиксионӣ (мурофиаи судӣ)» [3, с. 596-600]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун институти мустақили ҳуқуқии дорои хусусияти мураккаб баррасӣ мегардад. Он як навъи махсуси ҳимояи давлатии ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсият буда, ҳамзамон муносибати иҷтимоӣ ва вазифаи мустақими давлатро дар соҳаи таъмини адолати судӣ дарбар мегирад.

Дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ ва илмҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мафҳуми ҳимояи судӣ аз ҷиҳати функсионалӣ ба таври зер тавзеҳ меёбад:

– дар илми мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи судӣ ҳамчун маҷмуи қоидаҳои ташкиливу мурофиавӣ фаҳмида мешавад, ки татбиқи онҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдида равона шудааст;

– дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳимояи судӣ ҷузъи таркибии вазифаҳои конститутсионии давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ба ҳисоб меравад ва дар низоми умумии кафолатҳои ҳуқуқӣ ҷойгоҳи хос дорад.

Тақвияти мақоми ҳокимияти судӣ дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, ҷудошавии он аз дигар шохаҳои ҳокимият ва ташаккули ҳокимияти мустақили судӣ боиси афзоиши аҳаммияти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад. Ин раванд бозгӯи хусусияти мураккаби ҳимояи судӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад ва асос медиҳад, ки он ҳамчун мафҳуми консептуалии назариявӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар моддаи 5-и Конститутсияи амалкунанда ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эълон гардидааст ва тибқи моддаи 18 дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки давлат уҳдадор аст ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф, риоя ва ҳимоя кунад.

Амалӣ гардидани ин вазифаҳо тавассути кафолатҳои давлатии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, кафолати ҳимояи судӣ, таъмин мегардад. Ба ҳар як шахс ҳуқуқ дода шудааст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро бо ҳама гуна воситаҳои аз ҷониби қонун манъношуда ҳимоя намояд ва аз болои қарорҳо ва амалҳои мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор ба суд шикоят барад, инчунин, пас аз анҷоми тамоми воситаҳои дохилии ҳуқуқӣ ба мақомоти байнидавлатии ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кунад.

Фарқи ҳимояи давлатӣ ва ҳимояи судӣ бояд возеҳ фаҳмида шавад: ҳимояи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс вазифаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ аст, аммо ҳимояи судӣ нақши махсус дорад, зеро он ҳамчун механизми мустақили боздоранда ва мувозинаткунандаи фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимият амал мекунад.

Ҳокимияти судӣ дар низоми давлатдорӣ ҳамчун ҳаками мустақил ва беғараз миёни инсон ва давлат амал карда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсро аз дахолат ва поймолкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор муҳофизат менамояд. Маҳз, ба туфайли чунин мавкеи худ ҳокимияти судӣ дар давлати ҳуқуқӣ шароити воқеии риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро фароҳам меорад.

Истиқлоли ҳокимияти судӣ ва кафолати воқеии ҳимояи судӣ ҳамчун шартҳои муҳимтарини худмаҳдудкунии қудрат ва қонуниятии фаъолияти давлат баромад мекунанд. Танҳо он ҳокимият қонунист, ки ҳуқуқҳои инсонро риоя ва ҳимоя мекунад; ҳама гуна вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳо боиси коҳиши қонуният ва зери шубҳа бурдани асосҳои ҳуқуқии давлат мегардад.

Аз ин рӯ, дар низоми демократии муосир давлат бояд ба ташкили муассисаҳо ва институтҳое манфиатдор бошад, ки имкониятҳои амалии онро нисбат ба шахс маҳдуд карда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат диҳанд. Дар чунин шароит, нақши системаи судӣ ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ниҳоят муҳим мегардад.

Дар маҷмуъ, таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон натанҳо вазифаи бевоситаи давлат, балки шарти устувории соҳибихтиёрӣ, дахлнопазирии арзишҳои миллӣ ва таъмини шукуфоии иҷтимоию иқтисодӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Халқ ҳамчун маҷмуи фардҳо ягона манбаи ҳокимият аст. «Дар ин хусус А.В. Сихотский ва А.К. Черненко бамаврид қайд кардаанд: давлат вазифадор аст, ки манфиати ҳар як шахс ё манфиати аксариятро ҳимоя кунад» [23, с. 392].

Бо иҷрои салоҳияти истисноии худ оид ба ҳалли мунокишаи ҳуқуқӣ, суд дар ҷараёни баррасӣ ва ҳалли моҳияти парвандаи мушаххас манфиати вайроншудаи яке аз тарафҳои мунокишаро барқарор мекунад ва аз вайронкунии беасос ё маҳдуд кардани манфиати тарафи дигар муҳофизат мекунад. Суд татбиқи ҳуқуқи кафолатдодаи давлатро барои ҳимояи судӣ ба ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз он ки онҳо дар мунокишаи ҳуқуқӣ чӣ нақш мебозанд, таъмин менамояд. Таҷассумгари ҳимояи манфиати бо қонун ҳифзшаванда қарор ё ҳукми суд мебошад. Қарори суд ё ҳукм ҳамчун муҳимтарин санади амалӣ намудани ҳоки-

мияти судӣ, ифодаи эътирофи ҳуқуқҳои вайроншудаи шахси зарардида ва воситаи барқарорсозии онҳо мебошад. Ин ҳуҷҷат метавонад ҳамчунин изҳор намояд, ки поймолсозии ҳуқуқ ҷой надорад ва бо ин васила беасос будани даъвои ҷониби муқобилро тасдиқ кунад. Ба ин тартиб, ҳокимияти судӣ ба барқарорсозии ҳуқуқҳои нақзгардида, таъмини ҷуброни зарари расонидашуда ва муҳофизати ҳуқуқу озодиҳо аз дахолати беасос мусоидат менамояд. Суд, тавассути санадҳои худ, иҷрои амалии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

Ба андешаи Б. Топорнин «дар шароити давлати демократӣ, иҷрои вазифаи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аз ҷониби суд “Дар тамоми фаъолияти он асоснок ва мантиқӣ ҳукмрон хоҳад буд» [21, с. 26].

«Назарияи ҳимояи ҳуқуқи инсон самти нисбатан нав дар илми ҳуқуқ аст, ки аз ҷониби А.В. Стремухов таҳлили муфассал шудааст. Баррасии ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ҳамчун як намуди ҳимояи ҳуқуқӣ таълимоти ҳимояи судиро ғанӣ мегардонад, зеро он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои падидаи умумии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ истифода шаванд. Дар асоси мафҳуми ҳимояи ҳуқуқии инсон, ки дар назарияи ҳуқуқ таҳия шудааст, ҳамчун унсури “Татбиқи ҳуқуқи инсон, ки мундариҷаи он фаъолияти давлат, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шахсро оид ба фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ба боздоштани раванди татбиқи ҳуқуқ дар сурати барқарор кардани он мусоидат мекунад» [18, с. 161].

Ҳимояи судӣ яке аз шартҳои зарурии ҳимояи ҳуқуқии шахс мебошад, ки бо додани ҳуқуқҳои васеи конститутсионӣ ба шахс ва мавҷудияти механизми самараноки ҳимояи ҳуқуқии онҳо тавсиф карда мешавад.

Сатҳи таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҷойгоҳ ва нуфузи ҳокимияти судӣ дар ҷомеа ва ҳамзамон ҳамчун нишондиҳандаи воқеии дараҷаи рушди демократияи давлат баррасӣ карда мешавад.

Аҳаммияти ҳимояи судӣ дар баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқии шахсият124 наметавонад камбаҳо арзёбӣ гардад. Баръакс, дар ҳолатҳои муайян ҳимояи судӣ ягона ва беназиртарин воситаи таъмин ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи шахс мебошад. Ба чунин ҳолатҳо метавон мисол овард:

– барқарор кардани ҳуқуқҳои шахсони ғайриқонунӣ маҳкумшуда ё ғайримуассирона ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда;

– муқаррар намудани падарӣ;

– эътироф намудани шахс ҳамчун бедарак ғоибшуда ё фавтида.

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо маҳз механизми судӣ ҳамчун кафили воқеии эҳёи ҳуқуқҳои вайроншуда ва таъмини адолати иҷтимоӣ амал мекунад.

Ба ин васила, ҷойгоҳи ҳимояи судӣ дар низоми давлатдорӣ натанҳо ҳамчун воситаи барқарорсозии ҳуқуқҳои шахсӣ, балки ҳамчун заминаи устувории ҳуқуқии ҷомеа ва нишондиҳандаи муҳимми дараҷаи риояи арзишҳои ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи демократӣ зоҳир мегардад.

Хусусияти ҳимояи судӣ имкон медиҳад, ки онро универсалӣ ва аз ин рӯ роҳи самараноки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи шахс ҳисоб кунад.

Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс як унсури муҳим дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат аст, ки мақсади он таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон мебошад. Хусусиятҳои асосии ҳимояи судӣ дар таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон тавассути механизмҳои судӣ ва қонунӣ зоҳир мешаванд. Ҳимояи судӣ ҳамчун як раванди қонунӣ барои барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини адолат дар ҷомеа амал мекунад. Хусусиятҳои асосии ҳимояи судӣ инҳоянд:

А) Мустақилият ва беғаразии суд. Ҳимояи судӣ бояд тавассути мақомоти судии мустақил ва беғараз сурат гирад. Судҳо бояд озод аз ҳар гуна дахолат, фишор ё манфиатҳо амал кунанд. Мустақилият ба судҳо имкон медиҳад, ки қарорҳои худро танҳо дар асоси қонун ва далелҳои мавҷуд қабул кунанд, ки ин барои таъмини адолат ва эътибори ҳуқуқҳо зарур аст.

Б) Дастрасии умумӣ ба адолат. Ҳимояи судӣ бояд барои ҳама шаҳрвандон дастрас бошад, новобаста аз вазъи молиявӣ, мавқеи иҷтимоӣ ё дигар омилҳо [24].

«Яке аз хусусиятҳои асосии ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи таърифи В.П. Кашепов» [13], умумият ё номаҳдудиятии он мебошад. Ин хусусият дар чанд самт зоҳир мегардад:

1. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ натанҳо барои шаҳрвандон, балки барои иттиҳодияҳои онҳо низ муқаррар карда шудааст. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матни Конститутсия нисбати субъектҳое, ки ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо бо ҳимояи судӣ таъмин карда мешаванд, истилоҳи «ҳар кас» истифода шудааст. Ин нишон медиҳад, ки дар истифодаи ин воситаи ҳуқуқии ҳифз ягон маҳдудияти расмӣ вуҷуд надорад ва ҳуқуқи субъективӣ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи субъектҳо таҳти ҳимояи суд қарор доранд.

2. Қарорҳои судҳо барои ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ мебошанд, ки қудрат ва мақоми судҳоро ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳанд. Судҳо аз номи давлат қарор қабул мекунанд ва иҷрои қарорҳои судӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ барои ҳамаи шахсон, аз ҷумла, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ низ кафолат дода шудааст. Ин таҷассумгари он аст, ки арзишҳои умумиинсонӣ, ки ба шахс новобаста аз мансубияти давлатӣ дахл доранд, дар маркази сиёсати ҳуқуқии давлатӣ қарор доранд.

3. Ҳимояи ҳамаҷонибаи тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон. Ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳое, ки ба шахсият таъаллуқ доранд, новобаста аз он ки онҳо мустақиман дар матни Конститутсия ва қонунҳо нишон дода шудаанд ё на, аммо агар онҳо бо қонун мухолифат накунанд, бояд ҳимоя карда шаванд. Ин нишон медиҳад, ки ҳимояи судӣ тамоми спектри ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар бар мегирад ва сарфи назар аз маҳдудиятҳои номбурдашуда, кафолати умумӣ ва безаволро фароҳам месозад.

4. Бевосита амал намудани меъёрҳои конститутсионӣ дар набудани қонунгузории мушаххас. Тибқи талаботи Конститутсияҳо ва қонунҳои амалкунанда, судҳо вазифадоранд, ки ҳимояи дуруст ва комили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин намоянд. Дар ҳолатҳои набудани қонуни махсус, судҳо метавонанд мустақиман ба меъёрҳои Конститутсия такя намоянд. Набудани муқаррарот дар қонунгузории ҷорӣ наметавонад сабаби рад кардани ҳуқуқи муроҷиат ба суд ё баҳонаи маҳдуд намудани дастрасӣ ба адолати судӣ гардад.

Ҳамин тариқ, умумияти ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз принсипҳои бунёдии ҳуқуқи инсон ва кафолати амалии онҳо дар низоми ҳуқуқии давлатҳои ҳуқуқбунёд хизмат мекунад. Ин умумият нишон медиҳад, ки ҳокимияти судӣ дар ҳифзи арзишҳои асосии инсонӣ нақши ҳаётӣ мебозад ва адолати воқеиро таъмин менамояд.

«Дар такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ [8, с. 10-11], метавон иброз дошт, ки ҳимояи судӣ натанҳо як роҳи муассири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда мебошад, балки ҳамчун кафолати татбиқи онҳо хизмат мекунад. Ҳамин тавр, мурофиаи судии шаҳрвандӣ ҳамчун як шакли татбиқи ҳимояи судӣ дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда, яке аз кафолатҳои асосии риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад».

Муқаррар намудани принсипи "шартҳои умумӣ", яъне принсипи умумии ҳуқуқӣ, ки имконияти муроҷиати озодонаи ҳар шахсро ба суд барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ пешбинӣ мекунад, шаҳодат медиҳад, ки дастрасӣ ба ҳимояи судӣ натанҳо амалҳои мустақими поймолкунандаи ҳуқуқ аз ҷониби шахсони мансабдори давлатиро фаро мегирад, ҳамчунин рад намудани мақомоти давлатӣ аз иҷрои уҳдадориҳои худ вобаста ба ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшударо низ назорат мекунад.

Қонунгузорӣ имконият медиҳад, ки шахси манфиатдор дар ҳолатҳои зерин ба суд муроҷиат намояд:

• дар сурати рад шудани шикояти ӯ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия вобаста ба татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ;

• дар ҳолати рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ё идомаи раванди тафтишот аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ.

Мавҷудияти чунин имкониятҳо кафолат медиҳад, ки фаъолияти дигар сохторҳои қудратӣ тахти назорати мустақими судӣ қарор дошта, иҷрои вазифаҳои онҳо дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон назорат ва танзим карда шавад.

Кафолати ҳимояи судӣ дар ин замина ҳамчун омиле муҳим барои ҳамоҳангсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ барҷаста амал мекунад. Имконияти ҳар як шахс барои муроҷиат ба суд на танҳо барои бартараф кардани вайронкунии воқеии ҳуқуқ, балки барои пешгирии эҳтимолии он низ воситаи самараноки таъмини устувории ҳуқуқӣ ва адолат дар ҷомеа мебошад.

Кафолати ҳимояи судӣ, барои таъмини адолат, рушди демократия ва ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши хеле муҳимро мебозад, зеро асоси ҳуқуқие мебошад, ки ҳар як инсонро, ки ҳуқуқ ё манфиати қонунӣ барои ӯ таҳдид шуда ё ҳуқуқи ӯ нақз шудааст, бо усулҳои ҳуқуқии мувофиқ ва барои таъмини адолат дар судҳо ё дигар органҳои давлатӣ таъмин мекунад.

Кафолати ҳимояи судӣ пешбинӣ мекунад, ки ҳар як шахс ҳуқуқи таъмини мудофиа ва дастрасӣ ба додгоҳро дорад, ки ин ба маънои ҳаққи дастрасӣ ба мурофиаи одилона ва муқаррароти қонунӣ мебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун шакли махсуси муносибати ҳуқуқии мутақобила миёни давлат ва шахсият баррасӣ мегардад.

Моҳияти ин муносибат дар он ифода меёбад, ки:

• аз як тараф, шахс ҳамчун субъекти ҳуқуқ дорои ҳуқуқи бунёдӣ барои ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои худ мебошад;

• аз ҷониби дигар, давлат дорои уҳдадории ҳуқуқӣ ва сиёсӣ аст, ки ин ҳуқуқро тавассути эҷоди механизмҳои муассири судӣ таъмин ва амалӣ намояд.

Ин навъи муносибати ҳуқуқӣ дар доираи принсипи умумии қабули «ҳуқуқ ба ҳимоя» ташаккул ёфта, нишонаи муҳимми давлати ҳуқуқбунёд ва адолатпарвар аст. Дар ин низом, кафолати ҳимояи судӣ натанҳо ҳамчун ҳуқуқи шахсӣ, балки ҳамчун ифодагари масъулияти давлат барои риояи арзишҳои ҳуқуқи инсон ва механизми татбиқи онҳо баромад мекунад.

Ҳимояи судӣ дар илм барои рушди озоди таҳқиқот ва барои расидан ба натиҷаҳои боэътимод ва арзишманд хеле муҳим аст.

Ҳимояи судӣ дар илм (ё таъмини ҳимояи ҳуқуқи илмӣ) – ин ҷиҳати ҳуқуқие мебошад, ки таъмини адолат ва ҳифзи манфиатҳои шахсони ба илму таҳқиқот машғулро дар бар мегирад. Вобаста ба илми ҳуқуқ, ҳимояи судӣ инчунин метавонад дар баёни муҳофизат ва таъмини ҳуқуқи муаллифон, ихтироъкорон, муҳаққиқон ва донишмандон дар бораи интишори натиҷаҳои илмӣ ва ё истифодабарии онҳо бошанд.

Моддаи 5-и Конститутсияи ҶТ муқаррар менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ мебошанд ва механизмҳои давлативу ҳуқуқии кафолат ва ҳимояи онҳо таъмин карда шудаанд. Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ яке аз муассиртарин ва асоситарин кафолатҳои ҳуқуқии мустаҳкамнамудаи Конститутсия ба шумор меравад, ки ҳамчун тадбири муҳимми ҳуқуқӣ барои таъмини ҳифз ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои поймолшудаи инсон ва шаҳрванд дар доираи механизми конститутсионӣ амал мекунад.

Ин ҳуқуқ, ки бевосита дар сатҳи олии қонунгузорӣ муқаррар шудааст, заминаи ҳуқуқии муроҷиат ба судро дар ҳама гуна ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқу озодиҳо таъмин намуда, татбиқи воқеии онҳо ва иҷрои уҳдадориҳои давлатро нисбат ба шаҳрвандон ба таври ҳуқуқӣ кафолат медиҳад. Ба ибораи дигар, ин ҳуқуқ ҳамчун вазифаи конститутсионӣ ба давлат хизмат мекунад, ки ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон тавассути офаридани шароит барои татбиқи адолат мусоидат намояд. Маҳз, ба таври махсус бояд таъкид кард, ки мавҷудияти ҳокимияти мустақили судӣ ва дастрасии воқеии аҳолӣ ба адолати судӣ яке аз шартҳои калидии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёди демократӣ мебошад.

Истиқлоли суд ва кафолати дастрасии ҳамаи шаҳрвандон ба муҳокимаи одилонаи судӣ натанҳо принсипи формалии конститутсионӣ, балки заминаи воқеии амалӣ гардони-

дани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва нишондиҳандаи сифатии давлатдории муосир маҳсуб меёбад.

Дар миёни ҳамаи механизмҳои ҳимоя, муҳимтарин ин ҳимояи судӣ мебошад. Агар ҳуқуқи шахс аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор нақз гардад, пас дар суд онҳо ҳамчун тарафҳои баробар амал мекунанд.

Бо иҷрои амалҳои мурофиавӣ аз қабили таҳқиқи далелҳо, шунидани шаҳодатҳо ва тавзеҳоти тарафҳо, баррасии дархостҳои мурофиавӣ ва қабули қарор суд (ё судя) ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиавиро ҳимоя мекунад ва барои онҳо имконияти иштироки мустақимро дар татбиқи адолати судӣ фароҳам месозад.

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ танҳо бо ҳуқуқи муроҷиат ба суд маҳдуд намешавад. Он ҳамзамон дар бар мегирад:

а) ҳуқуқи шахс барои иштироки шахсӣ дар мурофиа;

б) ҳуқуқи талаб кардани барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳо тавассути мурофиаи судӣ;

в) ҳуқуқи дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз ҷониби вакили дифоъ ё намояндаи ҳуқуқӣ.

Дар ин замина, ҳуқуқ ба ҳимоя метавонад ҳамчун маҷмуи он имкониятҳое фаҳмида шавад, ки ба шахс иҷозат медиҳанд, то ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро мустақилона ҳимоя намояд.

«Иштироки шахсӣ дар мурофиаи судӣ яке аз кафолатҳои муҳимми самаранокии ҳимояи судӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми маҳдуд шудани чунин иштирок, худи ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ низ зери шубҳа қарор мегирад, зеро шахс аз имконияти таъсиррасонӣ ба раванди баррасии ҳуқуқи худ маҳрум мегардад» [8, с. 294-295].

Фаъолияти суд дар самти барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ё дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ поймол шудаанд ва инчунин пешгирии чунин қонуншиканиҳо, дар илми ҳуқуқ бо мафҳуми адолат алоқаманд дониста мешавад.

«Дар ҳамин замина, баъзе муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки ҳимояи судӣ ҳамчун амалиёти татбиқи адолат баррасӣ шавад, зеро маҳз тавассути суд барқарорсозии ҳуқуқ, таъмини қонуният ва эҳёи адолати иҷтимоӣ ба амал бароварда мешавад» [10, с. 195].

Ба зимма гирифтани уҳдадории эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат маънои онро дорад, ки давлат уҳдадор аст системаи самараноки кафолатҳо — ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ ва судиро фароҳам оварад, ки тавассути он ин вазифа амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, ҳимояи судӣ натанҳо як унсури техникии қонунгузорӣ, балки ифодагари сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти адолати судӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ мебошад.

Баррасии ҳимояи судӣ ҳамчун институти байнисоҳавии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки зарурати муттаҳидсозии қонунгузории мурофиавии соҳавӣ, ки ба таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон равона шудааст, асоснок гардад.

Мақсади ниҳоии ин ҳимоя, новобаста аз шакли мурофиаи судӣ (ҷиноятӣ, маъданӣ, маъмурӣ ё конститутсионӣ), ягонагии усулҳо ва кафолати воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо мебошад. Аз ин рӯ, такмили расмиёти алоҳидаи судӣ бояд бо дарназардошти консепсияи ягонаи ҳимояи судӣ ҳамчун вазифаи умумии ҳокимияти судӣ сурат гирад. Ин равиш имкон медиҳад, ки фаъолияти судҳо бо меъёрҳои ягона, мантиқӣ ва мувофиқ ба талаботи адолати судӣ ҳамоҳанг гардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ баҳсҳои назариявии зиёдро ба вуҷуд овардааст. «Аз ҷумла, Н.С. Малеин бар он аст, ки таъсири бевоситаи ҳуқуқии ҳамаи муқаррароти Конститутсия наметавонад ба таври умум ва автоматикӣ татбиқ гардад, зеро он ба хусусияти дохилии худи конститутсия вобаста аст. Бо вуҷуди ин, дар таҳлили васеътар, ду нуктаи муҳимро бояд ба назар гирифт: якум, меъёрҳои конститутсионӣ, ки ба муносибатҳои ҳуқуқии характери умумӣ дахл доранд, метавонанд ҳамчун меъёрҳои амали мустақим баррасӣ шаванд; дуюм, ҳатто дар ҳолатҳое, ки амали мустақими онҳо маҳдуд аст, онҳо замина ва асоси методологӣ барои тамоми қонунгузории

минбаъда мебошанд ва қонунҳои соҳавӣ бояд пурра мутобиқ ба Конститутсия таҳия ва татбиқ шаванд» [14, с. 33].

Мувофиқи андешаи И.С. Самошенко «Конститутсия набояд дорои муқаррарот бошад, ки хислати амали бевосита надошта бошанд [20, с. 32]. Ба ақидаи ӯ, тамоми муқаррароти конститутсионӣ бояд дорои қобилияти мустақиман амал кардан бошанд, яъне онҳо бояд имкони истифодаи фаврӣ ва бидуни ниёз ба қонунҳои шарҳдиҳандаро фароҳам оваранд».

Дар айни замон, Самошенко таъкид мекунад, ки ин амали мустақим бояд тавассути муқаррароти қонунгузории ҷорӣ таҳким ва мушаххас карда шавад. Яъне, муқаррароти Конститутсия, ки хусусияти умумӣ доранд, бояд дар сатҳи қонунҳои соҳавӣ бо мазмуни аниқ ва механизмҳои амалишаванда таҷассум ёбанд.

Ю.А. Тихомиров бар он аст, ки «амали бевоситаи ҳамаи меъёрҳои Конститутсия ду маънои муҳимро дар бар мегирад. Аввалан, ҳамаи ин меъёрҳо фавран эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд, зеро ҳар як меъёр ҳамчун унсури таркибии низоми конститутсионӣ амал мекунад. Сониян, ягон тартиби умумӣ ё маҳдудкунандаи иҷрои онҳо, аз ҷумла навоварӣ ё таъхир мавҷуд буда наметавонад» [19, с. 141]. Аз ин рӯ, ҳар гуна кӯшиши маҳдуд кардани фаъолияти ҳуқуқии меъёрҳои конститутсионӣ бояд ҳамчун хилофи моҳияти ҳуқуқи олӣ баррасӣ гардад.

Ба андешаи С.Н. Братус, «Конститутсия бояд амали татбиқи мустақим дошта бошад. Ӯ таъкид мекунад, ки агар ҳуқуқҳои шахс поймол шаванд ва дар санади зерқонунӣ бо муқаррароти мушаххас таъмин нашаванд, шахс ҳуқуқ дорад, ки бо такя ба меъёрҳои умумии Конститутсия ба мақомоти давлатӣ барои ҳимоя муроҷиат намояд» [6, с. 58].

«Ю.И. Гревтсов аз дидгоҳи амалии судҳо баромад карда, қайд менамояд, ки нишонаи асосии амали мустақими меъёри конститутсионӣ – ин истифодаи воқеии он аз ҷониби судҳои умумӣ мебошад» [11, с. 96]. Ба ақидаи ӯ, агар суд ҳуқуқи субъективии зикршуда дар Конститутсияро танҳо бо истинод ба он эътироф ва ҳимоя карда натавонад, пас барои баррасии чунин меъёр ҳамчун дорои амали мустақим асосе вуҷуд надорад. Ин равиш масъалаи муҳимро дар бар мегирад: то куҷо судҳои умумӣ Конститутсияро ҳамчун манбаи мустақими ҳуқуқ қабул мекунанд?

Бо вуҷуди принсипҳои назариявии мукаммал, воқеияти ҳуқуқии конститутсионӣ мушкилоти ҷиддии амалишавии ин меъёрҳоро нишон медиҳад. Дар ин хусус Миронов О.О. менависад, ки дар гузориши соли 1999 бисёре аз шаҳрвандон наметавонанд судро ҳамчун воситаи воқеии ҳимояи ҳуқуқи худ шиносанд, зеро:

• дониши ҳуқуқии онҳо маҳдуд аст,

• ба суд ҳамчун муҳити бюрократӣ ва душвор эътимод надоранд ва умед ба барқарорсозии адолат ночиз шудааст [15, с. 43-50].

Ба андешаи «Миронов О.О. чунин ҳолат нишон медиҳад, ки мавқеи суд ҳамчун кафили асосии ҳуқуқу озодиҳо, ки дар сатҳи конститутсионӣ эълон шудааст, дар амал пурра татбиқ намешавад. Ин шиддати амалӣ дар сатҳи суд ва норасоии дастрасӣ ба ҳимояи судӣ, нишонаи возеҳи таҳриф дар ҷойгоҳи шахс дар низоми конститутсионӣ мебошад». Аз ин рӯ, ислоҳоти низоми судӣ ва такмили институти ҳимояи судӣ натанҳо ҷанбаҳои техникии ҳуқуқиро фаро мегиранд, балки инъикосгари равандҳои амиқи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа маҳсуб мешаванд. Тағйирот дар ин самт, дар воқеият, нишондиҳандаи муносибати давлат ба арзиши инсон ва ҳуқуқҳои ӯ буда, сатҳи демократикунонии давлатдориро инъикос мекунад.

Дар натиҷаи таҳлили муфассали назариявӣ ва амалӣ оид ба ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин баррасии мавқеи меъёрҳои конститутсионӣ дар қонунгузории миллию байналмилалӣ, метавон ба хулосаҳои зерин расид:

1. Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун як институти байнисоҳавии ҳуқуқӣ шинохта мешавад, ки асос ва заминаи татбиқи онро на танҳо Конститутсия, балки маҷмӯи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва конститутсионӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, таҳкими механизмҳои ҳимояи судӣ бояд бо истифодаи равиши системавӣ ва ҳамгиро байни ин соҳаҳо сурат гирад.

2. Меъёрҳои Конститутсия, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро танзим мекунанд, дорои амали мустақим мебошанд ва бояд бе ниёз ба қонунгузории иловагӣ аз ҷониби судҳо татбиқ карда шаванд. Таҳлили андешаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки истифодаи мустақими Конститутсия воситаи муҳим барои пурра намудани холигиҳои қонунгузорӣ ва ҳимояи ҳуқуқ дар ҳолатҳои баҳснок мебошад.

3. Мавҷудияти ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар Конститутсия худ ба худ кафолати амалии он нест. Таҳлили воқеият нишон медиҳад, ки қисме аз шаҳрвандон, бо сабаби надоштани дониши кофии ҳуқуқӣ норасоии эътимод ба низоми судӣ ва душвориҳои марбут ба расмиёти мурофиавӣ, аз амалисозии ҳуқуқи худ ба ҳимояи судӣ худдорӣ менамоянд. Аз ин рӯ, амалиёти институти ҳимояи судӣ бояд бо дастрасии воқеӣ, механизмҳои таъсирнок ва шароити моддию ташкилӣ пурра таъмин карда шавад.

Тавсияҳои амалӣ барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими механизми ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд:

1. Такмили қонунгузории мурофиавии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ворид намудани меъёрҳои дақиқ доир ба имкони татбиқи мустақими санадҳои конститутсионӣ аз ҷониби судҳо, аз ҷумла тавассути пешбинии моддаҳои махсус дар кодексҳои мурофиавӣ (ҷиноятӣ, маданӣ ва маъмурӣ), ки истиноти суд ба Конститутсияро иҷозат медиҳанд ва тартибу шароити татбиқи онро мушаххас менамоянд, иқдоми зарурӣ ва саривақтӣ ба шумор меравад.

2. Роҳандозии барномаи давлатии омӯзиши ҳуқуқии аҳолӣ, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, фаҳмиши ҷойгоҳи суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва шикастани монеаҳои равонӣ дар мурочиат ба суд амал мекунад. Ин барнома метавонад дар ҳамкорӣ бо ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, вазорати маориф ва илм, ВАО ва созмонҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардад.

Таъсиси Шурои миллии мониторинг оид ба амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки вазифаи он таҳлили монеаҳо дар амалисозии ин ҳуқуқ, арзёбии иҷрои қарорҳои судӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои мушаххас барои ислоҳоти иловагӣ хоҳад буд. Ин Шуро метавонад бо иштироки намояндагони парлумон, суди конститутсионӣ, прокуратура ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис ёбад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

2. Астратова, С.В. Конституционное право на судебную защиту прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Астратова Станислава Владимировна; [Место защиты: Ур. гос. юрид. акад.]. – Екатеринбург, 2013. – 22 с.

3. Бахрах, Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право [Текст]: учебник / Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов. – М.: Норма, 2008. – 815 с.

4. Белоусов, Д.В. Судебная защита в механизме гарантирования прав и свобод: конституционно-правовой аспект [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.02 / Белоусов Денис Валерьевич; [Место защиты: Рос. акад. гос. службы при Президенте РФ]. – Москва, 2008. – 23 с.

5. Бештанько, А.В. Конституционно-правовые основы частной собственности в Российской Федерации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.02 / Бесштанько Андрей Владимирович. – Омск, 2002. – 199 с.

6. Братусь, С.Н. Информация о выступлении в материалах круглого стола [Текст] / С.Н. Братусь // «Советское государство и право». – 1979. – № 7. – С. 58-61.

7. Вершинин, В.Б. Судебная защита как комплексный институт российского права [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Вершинин Вадим Борисович; [Место защиты: Сарат. гос. акад. права]. – Саратов, 2011. – 26 с.

8. Вершинин, В.Б. Актуальные проблемы судебной реформы в современной России [Текст]: VII Международная научно-практическая конференция, посвященная памяти Н.С. Таганцева, выдающегося русского юриста, сенатора, члена Государственного Совета, июнь 2010 года: сборник статей / Пензенский гос. ун-т [и др.]; [под ред. В.А. Терёхина, С. Б. Погодина]. - Пенза: Приволжский Дом знаний, 2010. – С. 294-295.

9. Витрук, Н.В. Общая теория правового положения личности [Текст] / Н.В. Витрук; Российская акад. правосудия. – Москва: Норма, 2008. – 447 с

10. Зарицкий, А.В. Гарантии прав личности при реализации юридической ответственности. (Вопросы теории и практики) [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Зарицкий Андрей Владимирович. – Коломна, 1999. – 195 с.

11. Гревцов, Ю.И. Прямое действие Конституции? [Текст] / Ю.И. Гревцов // «Журнал российского права». – 1998. – №6. – С. 96-99.

12. Капицын, В.М. Права человека и механизмы их защиты [Текст] / В.М. Капицын. – М., 1998. – 140 с.

13. Кашепов, В.П. Институт судебной защиты прав и свобод граждан и средства ее реализации / [Текст] // Государство и право. – 1998. – № 2. – С. 11-14.

14. Малеин, Н.С. Правонарушение: понятие, причины, ответственность [Текст] / Н.С. Малеин. – М.: Юрид, лит., 1985. – 192 с.

15. Миронов, О.О. У нас защита прав человека существует на деле (интервью). [Текст] / О.О. Миронов // Московский журнал международного права. – 1998. – № (1) – С. 43-50.

16. Право на судебную защиту: понятие и сущность [Текст] / М.Г. Кательников // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Право. – 2006. – № 13 (68). – С. 247-252.

17. Райкова, Н.С. Сущность конституционного судопроизводства [Текст] / Н.С. Райкова // Актуальные вопросы конституционного правосудия (по материалам "Журнала конституционного правосудия"). – М.: Волтерс Клувер. – 2011. – С. 385-403.

18. Стремоухов, А.В. Правовая защита человека [Текст]: монография / А.В. Стремоухов. – С.-Пб.: Изд-во ЛГУ им. А.С. Пушкина, 2007. – 324 с.

19. Тихомиров, Ю.А. Теоретические основы советской конституции [Текст] / Отв. ред.: Б.Н.Топорнин. – М.: Наука, 1981. – 207 с.

20. Самощенко, И.С. Непосредственное действие Конституции [Текст] / И.С. Самощенко // «Советское государство и право». – 1981. – №3. – С. 32-34.

21. Топорнин, Б. Суд и разделение властей [Текст] / Б. Топорнин // Вестник Верховного Суда СССР. – 1991. – №6. – С. 26-28.

22. Попов, З.В. Охрана и защита прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: (специальность 12.00.02 «Конституционное право; муниципальное право») / Попов Захар Владимирович – [Челябинский государственный университет]. – Челябинск, 2004. – 30 с.

23. Цихоцкий, А.В. Теоретические проблемы эффективности правосудия по гражданским делам [Текст] / А.В. Цихоцкий. – Новосибирск: Наука, 1997. – 392 с.

24. Сомонаи интернетӣ[Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tg.wikipedia.org (дата обращения: 01.05.2024).

УДК 34.01

# РУШДИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР 35 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОЙНАЗАРЗОДА Ш.**
*ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*

***Анотатсия.*** Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи раванди рушд ва такомули мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи 34 соли истиқлолияти давлатӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот марҳилаҳои ташаккули низоми гумрукӣ аз давраи ибтидоии таъсисёбӣ то марҳилаи муосири институтсионалӣ баррасӣ гардида, ислоҳоти сохторӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии расмиёти гумрукӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муқаррароти Созмони ҷаҳонии гумрук, нишон дода мешавад, ки мақомоти гумрук ҳамчун ниҳоди калидии таъмини амнияти иқтисодӣ, танзими савдои хориҷӣ ва ғанигардонии қисми даромади буҷети давлатӣ накши муассир доранд. Мақола масъалаҳои мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, соддагардонии расмиёти гумрукӣ, рушди низоми идоракунии хавфҳо, мубориза бар зидди қочоқ ва татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсиониро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ҳамзамон, дурнамои рушди мақомоти гумрук дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки рушди пайгиронаи низоми гумрукӣ дар давраи истиқлолият ба таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ, баланд бардоштани шаффофият, самаранокии идоракунии давлатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *Мақомоти гумрук; истиқлолияти давлатӣ; амнияти иқтисодӣ; сиёсати гумрукӣ; маъмурияти гумрукӣ; расмиёти гумрукӣ; рақамикунонӣ; низоми идоракунии хавфҳо; савдои хориҷӣ; буҷети давлатӣ; қонунгузории гумрукӣ; ҳамкории байналмилалӣ; стандартикунонии гумрукӣ; соддагардонии расмиёт; рушди институтсионалӣ.*

# РАЗВИТИЕ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ ЗА 35 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**БОЙНАЗАРЗОДА Ш.**
*ассистент кафедры таможенного дела Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана*

Данная статья посвящена всестороннему анализу процесса развития и совершенствования таможенных органов Республики Таджикистан за 34 года государственной независимости. В исследовании рассмотрены этапы становления таможенной системы — от начального периода её формирования до современного институционального этапа, проанализированы структурные реформы, совершенствование нормативно-правовой базы, внедрение информационных технологий и цифровизация таможенных процедур.

На основе анализа нормативно-правовых актов, в том числе деятельности Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан, а также положений Всемирной таможенной организации, показано, что таможенные органы как ключевой

институт обеспечения экономической безопасности, регулирования внешней торговли и пополнения доходной части государственного бюджета играют значимую роль.

В статье рассматриваются вопросы адаптации национального законодательства к международным стандартам, упрощения таможенных процедур, развития системы управления рисками, борьбы с контрабандой и внедрения современных информационно-коммуникационных технологий. Одновременно определяются перспективы развития таможенных органов в условиях глобализации, цифровизации экономики и расширения регионального сотрудничества.

Результаты исследования свидетельствуют о том, что последовательное развитие таможенной системы в период независимости способствовало укреплению экономического суверенитета, повышению прозрачности, эффективности государственного управления и обеспечению устойчивого развития национальной экономики.

**Ключевые слова:**

Таможенные органы; государственная независимость; экономическая безопасность; таможенная политика; таможенное администрирование; таможенные процедуры; цифровизация; система управления рисками; внешняя торговля; государственный бюджет; таможенное законодательство; международное сотрудничество; стандартизация в таможенной сфере; упрощение процедур; институциональное развитие.

# DEVELOPMENT OF CUSTOMS AUTHORITIES OVER 35 YEARS OF STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BOINAZARZODA SH.**

*Assistant of the Department of Customs Affairs, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan*

This article is devoted to a comprehensive analysis of the development and modernization process of the customs authorities of the Republic of Tajikistan during the 34 years of state independence. The study examines the stages of formation and evolution of the customs system—from the initial period of its establishment to the contemporary institutional phase. It also analyzes structural reforms, the improvement of the regulatory and legal framework, the introduction of information technologies, and the digitalization of customs procedures.

Based on the analysis of normative legal acts, including the activities of the Customs Service under the Government of the Republic of Tajikistan, as well as the provisions of the World Customs Organization, the article demonstrates that customs authorities play a key role in ensuring economic security, regulating foreign trade, and contributing to the revenue side of the state budget.

The article explores issues related to the harmonization of national legislation with international standards, the simplification of customs procedures, the development of risk management systems, combating smuggling, and the implementation of modern information and communication technologies. At the same time, it outlines the prospects for the further development of customs authorities in the context of globalization, economic digitalization, and the expansion of regional cooperation.

The findings of the study confirm that the consistent development of the customs system during the period of independence has contributed to strengthening economic sovereignty, increasing transparency, improving the efficiency of public administration, and ensuring the sustainable development of the national economy.

**Keywords:** Customs authorities; state independence; economic security; customs policy; customs administration; customs procedures; digitalization; risk management system; foreign trade; state budget; customs legislation; international cooperation; customs standardization; procedure simplification; institutional development.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва муайян намудани самтҳои инкишофи ҷомеаи демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи веқеӣ фароҳам овард.

Аз замоне, ки истиқлолият фазои кишварамонро фаро гирифт ва дар рӯзгори мардуми Тоҷикистони азиз, субҳи шоди оварда буд аз он 35 - сол сипари мешавад. Дар тӯли ин фурсати начандон зиёд, Тоҷикистон тавонист ба марҳилаи рушди устовори иқтисодӣ ворид гашта, дар боло рафтани сатҳи зиндагии мардум ба дастовардҳои баланд аз нигоҳи начандон тӯлонии таърихӣ ноил гардад.

Барорбари соҳибистиқлол гаштани кишвари азизамон ва барқарории аркони давлатдорӣ ба Тоҷикистони тозабунёд таъсиси мақомоте ниёз пеш омад, ки он барои ҳимояи манфиатҳои давлат, амнияти иқтисодии кишвар ва ҳифзи неъматҳои истиқлолият, устувор бошад. Ин вазифаи таърихан муҳим ва пуршарафро танҳо мақомоти гумрук анҷом диҳад.

Бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ташкили ниҳоди гумрукӣ дар кишварро дар даврони истиқлолият тақозо намуд, ки то ба ҳол мақомоти гумрук як чанд маротиба шакли ташкилию ҳуқуқии худро дар солҳои сипаригашта, тағйир дод [4]:

1. **Саридораи назорати гумрукии** назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №14 аз 22 январи соли 1991) таъсис дода шуд.
2. **Кумитаи давлатии гумруки** Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1993 таҳти №288 Саридораи гумруки назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ) табдил дода шуд.
3. **Кумитаи гумруки** назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 1994 таъсис ёфт.
4. **Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 январи соли 2002 таҳти №475 таъсис дода шуд, ки дар асоси он Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори таркибиии Вазорат ба ҳайси Департаменти гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуд.
5. **Хадамоти гумруки** назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006 дар сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дод шуд, ки то ҳол фаъолият менамояд.

Бояд қайд намуд, ки роҳбарияти давлату хукумати кишвар дар даврони соҳибистиқлоли мақомоти гумрукро бо дарки муҳимияти ин ниҳод дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва саҳми калидии он дар мамлакат таъсис дода ва ҷавобан ба ин мақомоти гумрук аз рӯзҳои таъсисёбӣ то ҳол дар доираи меҳвари сиёсати давлат ҳамчун сипари бо эҳтимоди ниҳоди давлати хизмат намуда истодааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар таҳия ва қабули қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар нақши Иҷлосияи XVI таърихӣ ва сарнавиштсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқи гузоштааст.

Дар Иҷлосияи мазкур, ки моҳи ноябри соли 1992, дар давраи аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле ҳассос ва мураккаб барпо гашт, дар баробари матраҳнамудани як қатор масъалаҳои ҳаётан миҳим, масъалаҳои қонунгузории гумрукӣ мавриди бараси қарор дода шуд, ки то ба ин рӯз онҳо аз нав қабул гардида ва такмил дода шудааст, ки фаъолияти гумрукир аз нигоҳи қонун, таъмин менамоянд. Такмили қонунгузории гумрукӣ дар 35-Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои зеринро сипари намудааст. **Аз он ҷумла [1, 2, 3]:**

1. Нахустин Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи 25 ноябри соли 1992;
2. 5 ноябри соли 1995;

3. 3 декабари соли 2004 қабул гардида аз 1 январи соли 2005, мавриди амал қарор гирифттаст;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарифи гумуркӣ 25 ноябри соли 1992;

5. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷу хироҷи содиротии гумрукӣ" аз 2 июли 1993 №319, қабул гардида буд, ки ситонидани он ба зиммаи мақомоти гумрук вогузошта шуда буд.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи андоз аз арзиши иловашуда" аз 4 ноябри соли 1995 таҳти №116;

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аксиз" аз 4 ноябри соли 1995 таҳти №115;

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи гумрукии молҳои воридотӣ" аз 3 сентябри соли 1996 таҳти №392

9. 4 ноябри соли 2008 Кодекси Одоби касбӣ ва рафтори хизматии шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши Хадамоти гумруказ 4 ноябри соли 2008 , таҳти №175

10. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2020с,

11. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2025с.

Татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти гумуркӣ аз рӯзҳои доираи амали худ то имрӯз дар таҳкими босамари фаъолияти гумрукӣ саҳми босазе доранд.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таҳсисёбӣ то ба имрӯз вазифаҳои хеле муҳим- таъмини амнияти иқтисодии кишвар ба воситаи ташкили дурусти назорати гумруки ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими сиёсати тиҷорати хориҷӣ ва ғани гардонидани буҷети давлатӣ ва мубориза бар зиддӣ қочоқ ва вайронкуниҳои қойдаҳои гумуркиро ба ӯҳда дорад ва то ба имрӯз сарбаландона ин вазифаҳоро ба иҷро расонида истодааст.

Агар пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамагӣ як нуқтаи гумрукии Панҷи Поён ба мо мерос монда буд, имрӯз мақомоти гумруки Тоҷикистон дар сохтори худ дорои 5 раёсати минтақавии гумрукӣ, 18 –гумрукҳои дохила, 25-гузаргоҳҳои автомобилӣ, 4 - гузаргоҳҳои роҳи оҳан, 1- гузаргоҳи дарёӣ, 5- гузаргоҳҳои ҳавоӣ, 19- дидбонгоҳҳои гумрукии дохила ва 37-дидбонгоҳи гумрукӣ наздисарҳадӣ назорат ва барасмиятдарории гумуркиро анҷом медиҳад [4].

Роҷеъ ба вақти оғозу анҷоми расмиёти назорат аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти назораткунанда дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ҳангоми санҷиши ҳуҷҷатҳо дар талони қайдҳо, ки дар асоси банди 12 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №436 ду соат муқаррар шуда буд, тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда ба як соат кам карда шуд.

Ҳамчунин, аз ҷониби Хадамоти гумрук давоми соли 2017 дар якҷоягӣ бо Лоиҳаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ оид ба логистикаи савдо дар Осиёи марказӣ ва Барномаи USAID бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тадқиқи вақти иҷозат» ва маротибаи дуюм Хадамоти гумрук дар якҷоягӣ бо Барномаи "GIZ" аз моҳи ноябри соли 2020 то моҳи марти соли 2021 «Тадқиқи вақти иҷозат»-ро дар воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук бомуваффақият гузаронидааст, ки натиҷаи санҷиши болозикр дар вақти назорати гумрукӣ дар гузаргоҳои давлатӣ чунин мебошад [5].

Масалан агар дар соли 2017 вақти умумӣ барои воридоти мол ба ҳисоби миёна 21 соату 40 дақиқаро ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 15 соату 22 дақиқа баробар шудааст ва ин нисбат ба соли 2017 6 соату 42 дақиқа камтар мебошад.

Бо ҳамин тартиб агар ҳангоми содироти мол дар соли 2017 ба ҳисоби миёна 13 соату 2 дақиқа масраф гардида бошад, ин нишондод дар соли 2020 ба 5 соату 28 дақиқа баробар гардидааст, ки дар муқоиса бо соли 2017 ба ҳисоби миёна 7 соату 34 дақиқа кам мебошад.

Ҳамзамон бо ин, дар нақшаи идоракунии Хадамоти гумрук Донишкади такмили ихтисос, Лабараторияи гумрукӣ ва КВД "Равзанаи ягона" муҷҷаҳаз бо тамоми имкониятҳои соҳавӣ, фаъолият менамоянд, ки яке аз дастовардҳои мақомоти гумурк дар

даврони истиқлолият ба шумор рафта саҳми худро дар татбиқи босамари фаъолияти гумрукӣ мерасонанд.

Бинобар ин мақомоти гумрук самти фаъолияти гумркиро такмил дода дар амалияи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ду самти муосири фаъолияти гумрукӣ яъне: “Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона” ва “Равзанаи ягонаи гумруки”-ро ба роҳ мондааст.

СИАЯ Хадамоти гумрук аз 11 ҷузъҳои асоси иборат буда дар такмили фаъолияти муосири гумрукӣ саҳми босазое дорад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, таҳти №410 низоми “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ” аз 1 сентябри соли 2020 мавриди истифодаи расмӣ қарор гирифт. Низоми «Равзанаи ягона» пешниҳоди то 22 номгӯй ҳуҷҷати иҷозатдиҳиро тариқи электронӣ аз ҷониби 11 мақомоти ваколатдор мутаҳид намудааст [6].

Мавриди истифода қарор гирифтани низоми “Равзанаи ягона” ва гузариш аз шакли коғазӣ ба электронии мубодилаи ҳуҷҷатҳои расмӣ, қадами навбатӣ барои тақвият бахшидани татбиқи ҳукумати электронӣ, содда ва шаффоф намудани расмиёти марбут ба танзими савдои хориҷӣ ва хизматрасонии давлатӣ маҳсуб ёфта, ба зиёд шудани гардиши тиҷорати хориҷӣ ва беҳсозии фазои соҳибкорӣ, мусоидат менамояд.

Ҳамчунон бо ин, дар такмили назорати гумрукӣ дар кишвар аз ҷониби мақомоти гумрук тағйироти иловаҳои мушаххас дар қонунгузории гумрукӣ роҷеъ ба мосоили мафҳуми назорати гумрукӣ, танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ва татбиқи долонҳои сабз дар минтақаҳои назорати гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз такмили назорати гумрукӣ ва идомаи фаъолияти пурсамари ниҳоди гумрукӣ дар кишвар дарак медиҳад.

Зеро шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон ва вазъи геополитикии он барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираю иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва таббии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки молия ва қарз риояи қатъии низоми истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва тақвияти иқтидорҳои содиротии кишвар идомаи фаъолияти пурмасъули касбиро дар воҳидҳои сохтории мақомоти гумрук тақозо менамояд. Бинобар ин дасгири ва ҳавасмандии ин сохтори ҳамқадами даврони соҳибистиқлолияти давлатӣ зери таваҷҷӯҳи давлату ҳукумати кишвар қарор дорад.

Роҷеъ ба доираи фаъолияти сиёсати фискалии мақомоти гумрук бояд гуфт, ки дар самти ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ба Буҷети кишвар мақомоти гумрук яке аз ниҳодҳои муҳим дар таъмини қисми даромади Буҷет ба Шумор меравад.

Сарчашмаи пайдоиши фаъолияти гумрукӣ ва пардохтҳои гумрукӣ таърихи васеъ дошта бо ақидаи бисёр аз олимону тадқиқотчиёни соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва пайдоиши онро ба давраҳои давлатдории Сомониён бисёр рабт медиҳанд, ки ин ақидаи онҳо ба пайдоиши боҷи гумрукӣ ва аксиз бисёртар алоқаманд мебошад. Оид ба масоили пайдоиши андоз аз арзиши иловашуда ва пардохти махсуси гумрукӣ фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Бояд ҳамин нуктаро таҳкид намуд, ки сарчашмаи ситонидани ҳар як намуди пардохти гумрукӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ, байни мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳангоми машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ, интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёд гардидани гардиши тиҷорати хориҷӣ дар маҳзани омори гумрукӣ мебоашд, ки заминаи воқеи барои ситонидани пардохтҳои гумрукиро ба Беҷети давлатиро, ба вуҷуд меорад, ки он ба воситаи сиёсати дурусти тарифи гумрукӣ амали гардонида мешавад.

Раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурияти танзими фаъолияти иқтисоди хориҷиро тавассути механизмҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ тақозо менамояд ва мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалисозии раванди мазкур нақши бевосита дорад. Системаи тарифии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи худ роҳи басо мураккабро тай намуда, раванди ташаккулёбии он ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад.

Дар мариҳилаи **аввал** ташаккулёбии сиёсати тарифии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Ҳукумат ва дигар мақомоти масъули давлатӣ вазифаҳои дарёфти роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз бӯҳрони иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва ташкил намдунни системаи милли гумрукӣ ба пеш омаданд.

Дар чунин вазъият сарфи назар аз мушкилотҳои мавҷуда ва вазъи нооромии сиёсӣ ба Тоҷикистони соҳибистиқлол лозим омад, ки ҳамчун субъекти мустақил ва соҳибихтиёри муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ сиёсати иқтисодии хориҷии худро таҷдиди назар намуда, онро ба шароит ва талаботи рӯз мувофиқ гардонад.

Баҳри рушди бемайлони иқтисодии кишвар зарурат барои дасткашидан аз шакли инҳисории савдои хориҷӣ пайдо гардид. Бо дарназардошти ин, дар марҳилаи аввали ташаккулёбии системаи тарифи гумрукии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯи хосеро ба самтҳои идоракунии фаъолияти иуқтисоди хориҷӣ, ки асосан ба истифодаи фишангҳои иқтисодии танзими тиҷорати хориҷӣ, яъне боҷи гумрукӣ андозҳо ва хироҷҳои гумрукӣ асос меёбад, равона намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масоили ташаккули фаъолияти гумуркӣ аҳамияти махсус дода, бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон, таъмини таъмини риояи тартиби муқарраргардидаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт, назорат ва барасмиятдарории гумрукиро такмил дода аз ҳисоби зиёдворид гардидани молу воситаҳои нақлиёт қисми даромади Буҷети давлатиро аз ҳисоби воридоти пардохтҳои гумуркӣ таъмин намуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳақиқат мақомоти гумрук дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши калиди дорад. Зеро таҷрибаи ҷаҳони нишино медиҳад, ки нақши тарифи гумрукӣ дар амалӣ намудани назорати давлатӣ аз болои гардиши савдои хориҷӣ хеле калон аст. Ҷорӣ шудани тарифи гумрукӣ нисбати воридот ва содироти мол ва воситаҳои нақлиёт аз мақомоти масъули давлатӣ талаб менамояд, ки бо мақсади ситонидани маблағи пардохтҳои гумрукӣ тамоми нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва арзишии молҳои иниқолшавандаро муайян намуда, онҳоро дар базаи оморӣ аз рӯи тартиби муайяншуда коркард ва нигоҳ дошат шаванд.

Маълумоти оморӣ имкон медиҳад, ки тавассути коркарди онҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ дар самти молиявӣ- буҷетӣ муайян карда шуда, талаботи истеҳсолот ва аҳолӣ ба ин ё он намуди таъмин гардида ва ба ин васила дурнамои (прогноз) ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба Буҷети давлати таъмин карда мешавад.

Самти дигари фаъолияти мақомоти гумрук ин фаъолияти ҳифзии ҳуқуқии он мебошад, ки мақомоти гумрук тавассути он бар зиддӣ тамоми қонуншиканиҳо ҳангоми рахнакардан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби гурӯҳи ҷиноят пеша муқобилият нишон медиҳад.

Айни замон фаъолияти мақомоти гумруки кишвар дар мубориза бар зидди қочоқ ва дигар ҷиноятқориҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ буда, ҳамзамон, интиқоли ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, яроқу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, арзишҳои фарҳангӣ, маводи радиоактивӣ, намудҳои ҳайвоноту набототе, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд, узв ва маҳсули (деривати) онҳо, объектҳои моликияти зеҳниро пешгирӣ намуда, субъекти муқовиматкунанда бо коррупсия ва терроризму экстремизм низ равона шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз давраи таъсисёбии мақомоти гумрук то соли 2026 аз ҷониби мақомоти гумрук 102200 ҳолатҳои ҳуқуқвайронқуниҳои гумрукӣ ошкор карда шуда, аз рӯи 1520 ҳолати он парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Дар натиҷаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ба маблағи умумии 85 млн. 800 ҳазор сомони, 1.7 млн. доллари амрикоӣ, 1600 млн. рубли тоҷики ва 780,4 млн. рубли руси ҷарима гузошта, аз он 17.200 млн. сомони, 190 ҳазор доллари амрикоӣ, 720 млн. рубли русӣ ва 1.4 млрд рубли тоҷикӣ маблағҳои ҷарима ситонида шудааст [5].

Мақомоти гумруки кишвар дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятқориву ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук бо дигар

мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар аз он ҷумла, бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст [1].

Инчунин, дар самти фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи аъзои Шабакаи минтақавии алоқа оид ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии Созмони умумиҷаҳонии гумруки «RILO-Москва» буда, алоқаи миллиро доир ба фаъолияти гумрук дар ин самт таъмину таҳким менамояд.

**Ҳамаи гуфтаҳои боло гувоҳи онанд, ки мақомоти гумрук аз ибтидои фаъолияти худ то имрӯз аз дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархурдор мебошад. Маҳз ба туфайли чунин дастгириҳо мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати аз нигоҳи таърих начандон зиёд, яъне 35 сол тавонист ба як мақоми боэътимоди амалкунандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мубаддал гардад.**

Баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моро зарур аст, ки минбаъд низ фаъолияти худро тибқи амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар таҳким бахшида, бо истифода аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда барои пур кардани қисми даромади Буҷети давлатӣ, пешгирии қочоқи молу воситаҳои нақлиёт, таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият саҳми арзанда гузорем.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси гумруки Чумхурии Точикистон 2025с.

2. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2020с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарифи гумуркӣ 25 ноябри соли 1992

4. Китоби руйи мизии кормандони макомоти гумрук “Шарки озод” Душанбе 2015с.

5. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2019. – С. 9.

6. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст.

УДК 37.07

# АРЗЁБӢ БО УСУЛИ ТЕСТӢ – ОМИЛИ АСОСИИ ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ ДОНИШ

**ИЛЧИБЕКОВА МАҲИНА ОТАМБЕКОВНА**

*н.и.ф., дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: elcibekovab@gmail.com*

Олимони соҳаи педагогика исбот намудаанд, ки дарс шакли маъмули гирифтани дониш, малака ва маҳоратҳо барои хонандагон буда, ба рушди салоҳиятҳои касбии хонандагон мусоидат мекунад. Дониш, малака ва маҳорати хонандагон танҳо ба воситаи арзёбии омӯзгорон муайян гардида, он қисми муҳимми дарс мебошад ва аз омӯзгорон маҳоратҳои баланди касбӣ ва тахассусиро талаб мекунад. Арзёбии нодуруст дар таълими фан аз ҷониби омӯзгор рушди минбаъдаи фаъолияти хонандагонро коҳиш дода, боиси кам гардидани шавқу ҳаваси хонандагон ба фанни таълимӣ мегардад. Боиси зикр аст, ки аксари омӯзгорон дар ин масъала душворӣ мекашанд ва на ҳама вақт ба хонандагон баҳои воқеӣ ва арзандаро дода метавонанд. Мо дониши хонандагон ва донишҷӯёнро дар шаклҳои гуногун арзёбӣ ва натиҷагирӣ мекунем, ки яке аз навъи онҳо гирифтани тест мебошад. Арзёбии дониши хонандагон бо истифода аз усули тестӣ аз ҳама марҳилаи масъулиятнок ва мушкили қисмати дарс маҳсуб ёфта, барои фаҳмидани он, ки то чӣ андоза саволҳои таҳияшуда бомуваффақият буданд, оё ба воситаи онҳо мавзуъ пурра ҳалли худро ёфт ё не ва дар асоси воқеӣ баҳо гузоштан ба дониши хонандагон аз ҳар як омӯзгор маҳорати баландро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз дар ин мақола мо мухтасар дар бораи арзёбии дониши шогирдон бо истифода аз усули тестӣ сухан ронда, тавсияхоро низ пешниҳод намедем. Ба фикри мо ба навзар гирифтани тавсияҳои дар мақола овардашуда барои омӯзгорон имконият фароҳам меорад, ки дониши шогирдони худро аниқ ва мақсаднок арзёбӣ намоянд. Шогирдони онҳо бо усули тестӣ пурра шинос гардида, на танҳо дар вақти донишҷӯйӣ, балки дар фаъолияти минбаъдаи кориашон низ ин усул барои онҳо манфиат мебахшад.

**Калидвожа:** арзёбӣ, тест, омӯзгор, шогирд, хонанда, донишҷӯй, дониш, салоҳият, ташаккул, натиҷа

# ОЦЕНКА ЗНАНИЙ ПОСРЕДСТВОМ ТЕСТИРОВАНИЯ ЯВЛЯЕТСЯ КЛЮЧЕВЫМ ФАКТОРОМ В ИХ ЗАКРЕПЛЕНИИ

**ИЛЧИБЕКОВА МАҲИНА ОТАМБЕКОВНА**

*кандидат философских наук, доцент кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: elcibekovab@gmail.com*

Ученые-педагоги доказали, что урок является распространенной формой приобретения знаний, навыков и умений учащимися, способствуя развитию их профессиональных компетенций. Знания, навыки и умения учащихся определяются только посредством оценки учителя, которая является важной частью урока и требует от учителей высоких профессиональных навыков и квалификации. Неправильная оценка при преподавании предмета учителем снижает дальнейшее развитие деятельности учащихся и приводит к снижению их интереса к предмету. Оценка знаний учащихся с помощью метода тестирования считается одним из самых ответственных и сложных этапов урока. Необходимо понимать, насколько успешными были разработанные вопросы, были ли они полностью раскрыты в ходе обучения, и оценивать знания учащихся на реалистичной основе, что требует от каждого учителя

высокого мастерства. Поэтому в данной статье мы кратко поговорим об оценке знаний учащихся с помощью метода тестирования и дадим рекомендации. Стоит отметить, что большинство учителей испытывают трудности с этим вопросом и не всегда могут дать ученикам реальную и достойную оценку. Мы оцениваем и анализируем знания учеников различными способами, одним из которых является тестирование. Мы считаем, что учет рекомендаций, представленных в статье, позволит учителям точно и объективно оценивать знания своих учеников. Их ученики в полной мере освоят метод тестирования, и этот метод принесет им пользу не только в процессе обучения, но и в дальнейшей работе.

**Ключевые слова:** оценка, тест, учитель, ученик, читатель, обучающийся, знания, компетенция, формирование, результат.

## ASSESSMENT BY TESTING IS A KEY FACTOR IN REINFORCING KNOWLEDGE

**ILCHIBEKOVA MAHINA OTAMBEKOVNA**

*The Senior dotsent, Department of History and Philosophy International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: elcibekovab@gmail.com*

Pedagogical scientists have proven that the lesson is a common form of acquiring knowledge, skills and abilities for students, contributing to the development of students' professional competencies. Students' knowledge, skills and abilities are determined only through teacher assessment, which is an important part of the lesson and requires high professional skills and qualifications from teachers. Incorrect assessment in teaching a subject by a teacher reduces the further development of students' activities and leads to a decrease in students' interest in the subject. It is worth noting that many teachers struggle with this issue and are not always able to give students a realistic and meaningful assessment. We evaluate and evaluate the knowledge of students in various ways, one of which is taking tests. Assessing students' knowledge using the test method is considered the most responsible and difficult stage of the lesson. It requires high skill from every teacher to understand how successful the questions were, whether they fully addressed the topic, and to assess students' knowledge on a realistic basis. Therefore, in this article, we will briefly discuss the assessment of student knowledge using the test method and will not offer any recommendations.

In our opinion, taking into account the recommendations presented in the article will provide teachers with the opportunity to accurately and objectively assess the knowledge of their students. Their students will become fully familiar with the test method, and this method will benefit them not only during their studies, but also in their future work.

**Keywords:** assessment, test, teacher, student, reader, student, knowledge, competence, formation, result

Дарс шакли маъмули гирифтани дониш, малака ва маҳоратҳо барои донишҷӯён буда, ба рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мусоидат мекунад ва ғанӣ гардонидани мазмун ва мундариҷаи он вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор ба ҳисоб меравад. Омӯзгор вазифадор аст, ки фаъолияти шогирдонро дар дарс баланд бардошта, кӯшиш намояд, ки онҳо ба донишу донишандӯзӣ ҳавас пайдо намуда, онро сайқал диҳанд. Муаллим бояд доимо роҳу усулҳои фаъоли талимдиҳиро ҷустуҷӯ намуда, дар амал истифода барад. Барои баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯён, инкишофи фаъолияти шогирдон шаклу воситаҳои гуногунро ҳангоми таълимдиҳӣ мавриди истифода қарор диҳад. Яке аз шаклҳои баланд бардоштани майлу рағбат, шавқ ва фаъолияти донишҷӯён ба таълим истифодаи тестҳо дар дарсҳо ба ҳисоб меравад.

Боиси зикр аст, ки баҳо додан ба дониши донишҷӯён яке аз масъалаҳои мураккаби педагогӣ маҳсуб ёфта, аксари омӯзгорон дар ин масъала душворӣ мекашанд ва на ҳама вақт ба донишҷӯён баҳои воқеӣ ва арзандаро дода метавонанд. Дар баробари ин, кам ба

мушоҳида мерасад, ки ба баҳои гузоштаи омӯзгорон падару модарон ва ё донишҷӯён норизоӣ ё эътироз намоянд. Дар ин замина, баҳогузории донишҷӯён дар арзёбии дониши онҳо ва инчунин ҳавасмандгардонии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён танҳо ба воситаи арзёбии омӯзгорон муайян мегардад. Арзёбӣ қисми муҳимми дарс буда, аз омӯзгорон маҳоратҳои баланди касбӣ ва тахассусиро талаб мекунад. Арзёбии нодуруст дар таълими фан аз ҷониби омӯзгор рушди минбаъдаи фаъолияти донишҷӯёнро коҳиш дода, боиси кам гардидани шавқу ҳаваси донишҷӯён ба фанни таълимӣ мегардад. Аз ин рӯ, олимони илми педагогикаи муосир асосҳои илмии баҳодиҳии фаъолият ва дониши хонандагонро ба қисматҳои: "объективӣ, пайдарпайӣ ва мунтазамӣ, алоқамандӣ бо амалия, муносибати эҷодӣ, риояи меъёрҳои забонӣ" [2, С.ю 13]  ҷудо намудаанд. Аз таҳқиқотҳо низ муайян намудем, ки дар баҳогузорӣ принсипҳои болозикр нақши асосӣ доранд. Барои он ки омӯзгор дар кори таълиму тарбия натиҷаҳо ва дастовардҳои назаррасро ба даст орад, бояд меъёрҳои баҳодиҳиро моҳирона истифода барад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки баҳои омӯзгор ба дониши хонандагон обективӣ - воқеӣ ва холисона бошад ва дар тамоми раванди таълим (ҷорӣ, фосилавӣ, ҷамъбастӣ) баҳо гузошта шавад. Дар гузоштани баҳо омӯзгорро лозим аст, ки тамоми фаъолиятҳои хонандаро ба инобат гирад. Баҳо на танҳо ба дониши назариявии хонанда гузошта мешавад, балки алоқамандии дониш бо амалия, муносибати эҷодӣ, кӯшиши хонанда барои ёфтани роҳҳои ғайристандартӣ ва эҷодии ҳалли масъалаҳо, иҷрои супоришҳои муаллим дар синф ва хона, риояи имлои забон, донистани забони адабӣ ва амсоли инҳоро ба назар гирифтан муҳим аст. Ин асосҳо барои баланд бардоштани самаранокии таълим ва рушди шахсияти хонанда мусоидат мекунанд ва дар такмили дониш ва баланд гардидани сифати таълим нақши асосӣ доранд.

Дарс шакли маъмули гирифтани дониш, малака ва маҳоратҳо барои донишҷӯён буда, ба рушди салоҳиятҳои касбии онҳо мусоидат мекунад. Дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён танҳо ба воситаи арзёбии омӯзгорон муайян мегардад. Арзёбӣ қисми муҳимми дарс буда, аз омӯзгорон маҳоратҳои баланди касбӣ ва тахассусиро талаб мекунад. Дар ин бора муҳаққиқи соҳаи педагогика Саидиброимов Ш.О. қайд кардааст: "Арзёбии дониши хонандагон омили асосии зиёд шудани шавқу рағбати онҳо ба дарс ва баланд гардидани сифати таълиму тарбия мегардад. Арзёбии нодуруст дар таълими фан аз ҷониби омӯзгор рушди минбаъдаи фаъолияти донишҷӯёнро коҳиш дода, боиси кам гардидани шавқу ҳаваси донишҷӯён ба фанни таълимӣ мегардад". [7, С. 130.]

Боиси зикр аст, ки баҳо додан ба дониши донишҷӯён яке аз масъалаҳои мураккаби педагогӣ маҳсуб ёфта, аксари омӯзгорон дар ин масъала душворӣ мекашанд ва на ҳама вақт ба донишҷӯён баҳои воқеӣ ва арзандаро дода метавонанд. Маҳорати баҳодиҳии омӯзгор дар бедор кардани шавқи шогирд ба таълим мавқеи асосӣ дорад, агар омӯзгор чунин маҳорат надошта бошад, баръакс хонанда нисбат ба омӯзиши фанни вай шавқу рағбатро аз даст медиҳад.  И. Абдуллоев дар мақолаи худ "Арзёбии ташаккулдиҳанда — ҷузъи асосии банақшагирии дарс" овардааст: "Арзёбӣ ҷузъи калидии раванди таълим буда, аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб мекунад, зеро ин раванди доимии назорат ва мушоҳидаи таълими хонанда ба шумор меравад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ғайрирасмӣ буда, дар асоси меъёрҳои мутақобилаи хонандаю омӯзгор ба роҳ монда мешавад. Арзёбии диди назар ба омӯзгор имкон медиҳад, ки маводи таълимиро пешакӣ ташхис карда, раванди таълимро ба дараҷаи фаъолияти хонанда мутобиқ созад. Ба хонандагон низ ин навъи арзёбӣ имкон фароҳам меорад, ки сатҳи баланди масъулиятро нисбат ба таълим дарк намоянд". [2, С. 10].

Пас таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки арзёбии дониши хонандагон омили муҳимтарини баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Дониши хонандагон тақвият меёбад, эҷодкорӣ, мустақиломӯзӣ, озодии баёни фикр, ангезиши зеҳн, тафаккури интиқодии онҳо равнақ меёбад. Аз ин лиҳоз арзёбӣ бояд дар ҳар дарс сурат гирифта, ба омӯзгору хонанда барои мутобиқ намудани амалҳои худ ба вазъияти таълимӣ шароити мусоид фароҳам орад. Тавре муайян намудем арзёбӣ манбаи маълумот оид ба раванди доимии омӯзиши хонандагон аст. Аз таҷрибаҳои ҳаррӯзаи фаъолияти педагогӣ муайян намудем, ки агар

арзёбӣ на ба тарзи доимӣ, балки гоҳ - гоҳ ва ё тасодуфӣ ба роҳ монда шавад, маълумоти бадастомада наметавонад дар ташаккулдиҳии раванди таълиму омӯзиш ба кор равад. Барои ҳамин раванди арзёбӣ ба сифати таълим сахт алоқаманд аст он бояд доимӣ бошаду омӯзишро дастгирӣ кунад. Набояд арзёбиро санҷиш ҳисобид, он санҷиш нест, балки равандест, ки тавассути он доир ба дарку фаҳми хонандагон маълумоти сифатӣ ҷамъ оварда мешавад; натиҷаҳои таълим муайян мегарданд, алоқаи таълимдиҳанда бо таълимгирандагон равнақ меёбад ва муҳимтараш барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ заминаҳои нав ба вуҷуд меоянд: "Дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ муҳимтарин раванди фаъолияти педагогӣ мебошад ва он ба арзёбии дониши хонандагон вобастагии асосӣ дорад" [10, С. 187]

Дар асоси таҳқиқотҳои педагогони муосир низ арзёбии дониши хонандагон бо мақсади муайян кардани раванди азхудкунии дониш, рушди салоҳиятҳои хонандагон, малака ва маҳорати нав аз ҷониби таълимгиранда истифода мешавад. Арзёбӣ мақсаднок ва мубрам буда, бо гузоштани мақсад, яъне дар таълимгиранда кадом салоҳиятҳо бояд дар натиҷаи таълим ташаккул ёбанд, оғоз гардида, марҳила ба марҳила гузаронида мешавад ва хонандагон ба натиҷаи он шинос карда мешаванд. Мақсад ин аст, ки тавассути арзёбии дониш ва маҳоратҳои шогирдон раванди таълим назорат карда шуда, мушкилиҳои мавҷудаи таълимгиранда, ки дар раванди таълим ба онҳо рӯбарӯ шудааст, сари вақт муайян мегардад ва барои бартараф сохтани онҳо омӯзгор дар якҷоягӣ бо шогирдон тавассути мутобиқ сохтани раванди таълим, яъне азнавбанақшагирӣ, истифодаи усулҳои фаъоли замонавии таълим дар дарс, истифодаи воситаҳои техникӣ ва амсоли он чораҷӯӣ менамояд.

Аз таҷрибаҳои ҳаррӯзаи педагогӣ маълум аст, ки яке аз усулҳои арзёбии дониши хонандагону донишҷӯён тест мебошад, ки дар солҳои охир ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ҳангоми гузаронидани тест дар муддати кӯтоҳ тавассути саволҳои зиёд дониши донишҷӯёнро арзёбӣ кардан мумкин аст. Бинобар ин, ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ имрӯз қариб дар саросари ҷаҳон усули тестӣ истифода бурда мешавад. Аз ин сабаб, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳам барои тайёр намудани шогирдон ба дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияташон усули тестиро васеъ истифода мебаранд.

Омодагии омӯзгор ба дарс бо хусусияти илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва дидактикии ҳар фан фарқ мекунад. Аз ин рӯ, мо омӯзгоронро лозим меояд, ки аз шаклҳо ва усулҳои муосири таълим истифода бурда, шахси сазовори замонро ба воя расонем. Истифодаи усулҳои муосир аз омӯзгорон масъулиятшиносӣ, ҷӯяндагӣ, пуртоқатӣ ва фидокориро талаб менамояд.

Истифодаи тестҳо имконият медиҳад, ки салоҳият, малакаю маҳорати донишҷӯён нисбат ба омӯзиши фанни таълимӣ ва, дар маҷмӯъ нисбат ба андӯхтани дониш ва рушди истеъдодҳо баланд бардошта шуда, майлу рағбати онҳоро ба худомӯзӣ зиёд гардад. Ба кор бурдани тест дар дарс ба омӯзгор имконият медиҳад, ки аз олами ботинии донишҷӯён бохабар гардад, нуқтаи назари онҳоро ба оянда муайян намуда, ҳисси кунҷковии онҳоро бедор намояд.

Дар асоси таҳқиқотҳои олимон тест маҷмӯи саволҳо ё супоришҳоест, ки ба воситаи он дар асоси меъёрҳои муайян дар доираи барномаи таълим дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро месанҷанд. Супориши тестӣ ҷавоби мувофиқ ва аниқро талаб мекунад, ки дар асоси он дониш ва малакаи хонанда оид ба мавзуъҳои пешниҳодгардида пурра аён мегардад: "Тест аз калимаи англисӣ «test» (озмоиш, санҷиш) – озмоиши стандартикардашуда, кӯтоҳ, маҳдуд муҳлатнок буда, барои барқарор намудани фарқиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ таъин карда шудаст. Дар вақтҳои охир таваҷҷуҳ оид ба тестҳо ва тестгирӣ дар аксари мамлакатҳо бо мақсади ҳифзи хос ва ҳадафи ақал дар сатҳи давлат дастгирӣ намудани маориф ба чашм мерасад» [3, С. 87]

Саволҳои тестӣ бояд дар асоси барномаи таълимӣ бо назардошти сатҳи дониш ва малакаю маҳорати донишҷӯён тартиб дода шаванд. Хусусияти фарқкунандаи ин воситаи таълим аз он иброат аст, ки дар он саволҳои тестӣ доир ба амалҳои муҳимтарини

забондонӣ гирд оварда шуда, истифодаашон боиси навоварӣ ва шавқовару самарабахш гузаштани дарсҳо магардад.

Супоришҳои тестӣ бо мақсади санҷиши дониши донишҷӯён тартиб дода мешаванд. Дар онҳо имкониятҳои мантиқӣ ва фикрии донишҷӯён дар ҳалли супоришҳо дар назар дошта шудааст. Вобаста ба ин барои тартиб додани тест ба назар гирифтани тавсияҳои дар зер омада ба сифати роҳнамо оид ба тартиб додани тест ба манфиати кор хоҳад буд:

- тестҳо бояд ба санҷиши маҳоратҳо нигаронида шуда бошанд;
- диққати донишҷӯёнро ба худ ҷалб кунанд;
- саволҳо озодона интихоб шаванд;
- роҳ надодан ба такрори саволҳо;
- баҳисобгирии дараҷаи дониш ва қобилияти донишҷӯён;
- мақсаднок, мувофиқ ва шавқовар будани тестҳо;
- баробарии тақсимоти холҳо, ҳолҳои ҳар як савол муайян бошанд;
- ҳаҷман бисёр калон ва дилгиркунанда набошанд;
- забони оддӣ, равшан ва мушаххас (супоришҳо равшан вафаҳмо бошанд);
- ҷавоби аниқи ҳар як савол бояд кор карда шуда бошад;
- меъёри баҳогузорӣ дошта бошанд;
- чизи омӯхташуда санҷида шавад, яъне саволҳои тестӣ дар доираи барномаи таълимӣ бошанд.

Ба навзар гирифтани тавсияҳои боло барои омӯзгорон имконият фароҳам меорад, ки дониши шогирдони худро аниқ ва мақсаднок арзёбӣ намоянд. Шогирдони онҳо бо усули тестӣ пурра шинос гардида, на танҳо дар вақти донишҷӯйӣ, балки дар фаъолияти минбаъдаи кориашон низ ин усул барои онҳо манфиат мебахшад.

Ирӯзҳо, ки соҳаи маорифи ҷумҳурӣ давраи ислоҳотро аз сар гузаронида истодааст, дар бисёр муассисаҳои таълимии баъдимактабӣ истифодаи тестҳоро васеъ ба роҳ мондаанд. Дар ҷумҳурӣ Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст, ки ҳадафи он бо роҳи тестӣ амалӣ намудани имтиҳоноти қабул ва ҷорӣ дар муассисаҳои олии таълимии кишвар мебошад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, асосӣ ва ибтидоӣ зарур аст, ки дар ҷараёни таълими ин ё он фан аз тестҳо самаранок истифода баранд. Тавре ки дар боло қайд гардид, тавассути тест самараи меҳнати омӯзгор ва сатҳи сифати дониши донишҷӯён баръало намоён мешавад.

Донишҷӯён баъди санҷиши тестӣ хатогиҳои худро мустақилона муайян ва ислоҳ намуда, баҳогузорӣ мекунанд. Самаранок истифода намудани усули тестии арзёбии дониш маҳоратҳои ҷӯяндагӣ, эҷодкорӣ, мушоҳидакорӣ, фикррони ва ҳисси кунҷковии донишҷӯёнро бедор менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ / Дастур барои омӯзгор / Модули 4 // Мураттибон: Ф. Ниёзов, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев ва дигарон. - Душанбе, 2016. – 65 с.
2. И. Абдуллоев. Арзёбии ташаккулдиҳанда — ҷузъи асосии банақшагирии дарс // Маърифати омӯзгор, №11. - 19.11.2024.
3. К. Парпишоев. Усулҳои Педагогикаи иртиботӣ / Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ, 2014. – 120 с.
4. Лутфулоев М. Педагогикаи милии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6) / М. Лутфулоев. – Душанбе, 2015. - 704 с.
5. Низоми таълими салоҳиятнокӣ / Дастур барои омӯзгор / Модули 1. // Мураттибон: Ф. Ниёзов А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев Э., ва ғ..- Душанбе, 2016. – 36 с.
6. Раҳмонов Э. Уфуқҳои Истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ -нашриёт, 2018. – 436 с.

7. Саидиброимов Ш.О. Системаи дидактикии Носири Хусрав / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 178 с.

8. Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ., Қурбонов С. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол / Дастури таълимӣ / Д, Сафин, Р. Мусина, К. Мухторӣ, С. Қурбонов ва диг.. -Душанбе, 2007. - 376 с.

9. Файзулло Шарифзода. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 543 с

10. Ҷ. Булбулов, Ш.О. Саидиброимов. Саёҳат омили асосии рушди тафаккур ва салоҳиятҳои хонандагон (дар ҳаммуаллифӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019, №10. - С. 251-255.

11. Шогунбек Б, Имомназаров Б. Усули муосири таълим ва истифодаи он дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик / Б. Шогунбек, Б. Имомназаров. – Душанбе, 2017. - 111 с.

12. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия / М. Зимняя. - М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. – 277 с.

13. Мединцева И.П. Компетентностный подход в образовании / И.П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.

14. Пиявский С.А. Научно-ориентированное обучение / Доклады 4-й Всероссийской дистанционной августовской педагогической конференции "Обновление российской школы" (26 августа - 10 сентября 2002 г.). - http://www.eidos.ru/conf/)

15. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос". - 2005. - 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.

**УДК- 36.1**

# ДАРКИ ТАБИАТ ДАР АНЪАНАИ НИЁГОН

**ПАРПИШОЕВ КАРАМ ЗАМОНШОЕВИЧ**

*номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ. Суроға: 736000, Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи С. Бандалӣ 53. E-mail: karam.parpishoev@gmail.com. Телефон 93 766 01 87*

**Аннотатсия**. Мақолаи мазкур ба омӯзиши равобити инсон бо табиат дар анъанаҳои фарҳангии ниёгони тоҷикон бахшида шудааст. Аҳамияти мавзӯъ дар он аст, ки дар шароити муосир масъалаи муносибати устувор ва масъулона бо муҳити зист аҳамияти глобалӣ пайдо кардааст ва баррасии таҷрибаи ниёгон метавонад барои тарбияи насли нав ва рушди фарҳанги экологӣ заминаи назариявӣ ва амалии муҳим фароҳам оварад. Мақсади таҳқиқот равшан сохтани моҳияти ҷаҳонбинии ниёгон дар робита бо табиат, таҳлили арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии онҳо ва муайян кардани роҳҳои истифодаи ин таҷриба дар шароити муосир мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, усулҳои таҳлили манбаъҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва фарҳангшиносӣ истифода шудаанд. Муаллиф бо такя ба осори хаттӣ, ривоятҳои мардумӣ ва анъанаҳои суннатӣ нишон медиҳад, ки табиат дар тафаккури ниёгон на танҳо манбаи зиндагӣ, балки ҷузъи муқаддаси ҳастӣ ва асоси тарбияи ахлоқӣ ба ҳисоб мерафт. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот собит месозанд, ки ниёгон табиатро ҳамчун арзиши маънавӣ ва ахлоқӣ эҳтиром мекарданд, муносибати масъулона бо он доштанд ва ин раванд ба ташаккули ҷаҳонбинии устувор мусоидат менамуд. Хулоса бар он аст, ки таҷрибаи ниёгон дар дарки табиат метавонад барои рушди педагогикаи экологӣ, тарбияи эҳсоси масъулият ва ҳамбастагӣ бо муҳити зист дар ҷомеаи муосир аҳамияти назаррас дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** табиат, анъанаҳои ниёгон, ҷаҳонбинӣ, арзишҳои маънавӣ, педагогикаи экологӣ, масъулият, ҳамбастагӣ, фарҳанги экологӣ

# ПОСТИЖЕНИЕ ПРИРОДЫ В ТРАДИЦИЯХ ПРЕДКОВ

**ПАРПИШОЕВ КАРАМ ЗАМОНШОЕВИЧ**

*кандидат педагогических наук, заместитель директора по образовании, науке и инновациям Филиала Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников системы образования в ГБАО. Адрес: 736000, Таджикистан, г. Хорог, улица С. Бандали 53. E-mail: karam.parpishoev@gmail.com. Телефон 93 766 01 87.*

**Аннотация.** Статья посвящена изучению взаимоотношений человека и природы в культурных традициях таджикских предков. Актуальность темы заключается в том, что в современных условиях проблема устойчивого и ответственного взаимодействия с окружающей средой приобрела глобальное значение, а обращение к опыту предков может стать важной теоретической и практической основой для воспитания нового поколения и развития экологической культуры. Цель исследования состоит в раскрытии сущности мировоззрения предков в отношении природы, анализе их нравственных и этических ценностей, а также определении путей применения данного опыта в современном обществе. Для достижения цели использованы методы исторического анализа, сравнительного и культурологического исследования. Автор, опираясь на письменные источники, народные предания и традиционные практики, показывает, что природа в мировоззрении предков выступала не только источником жизни, но и священной частью бытия, а также основой нравственного воспитания. Основные результаты исследования подтверждают, что предки воспринимали природу как нравственную и этическую ценность, проявляли ответственное отношение к ней, и этот процесс способствовал формированию устойчивого мировоззрения. В заключе-

нии подчеркивается, что опыт предков в понимании природы может иметь важное значение для развития экологической педагогики, воспитания чувства ответственности и укрепления солидарности с окружающей средой в современном обществе.

**Ключевые слова:** природа, традиции предков, мировоззрение, нравственные ценности, экологическая педагогика, ответственность, солидарность, экологическая культура

## UNDERSTANDING NATURE IN THE TRADITIONS OF THE ANCESTORS

**PARPISHOEVA KARAM ZAMONSHOEVICH**

*candidate of pedagogical science, the deputy director for Education, Science and Innovation of the Branch of the Republican Institute for Professional Development in Education in GBAO, Home address: 53 C. Bandaly Street, Khorog, GBAO, Tajikistan, 736000. E-mail address: karam.parpishoev@gmail.com. Telephone number: 93 766 01 87*

**Abstract.** The article is devoted to the study of the relationship between humans and nature in the cultural traditions of the Tajik ancestors. The significance of the topic lies in the fact that in modern conditions the issue of sustainable and responsible interaction with the environment has acquired global importance, and the analysis of ancestral experience can provide both theoretical and practical foundations for educating the younger generation and developing ecological culture. The purpose of the research is to clarify the essence of the worldview of the ancestors in relation to nature, to analyze their moral and ethical values, and to identify ways of applying this experience in contemporary society. To achieve this goal, methods of historical analysis, comparative study, and cultural research were used. Based on written sources, folk narratives, and traditional practices, the author demonstrates that nature in the worldview of the ancestors was not only a source of life but also a sacred part of existence and a foundation of moral education. The main findings confirm that the ancestors respected nature as a moral and ethical value, maintained a responsible attitude towards it, and this process contributed to the formation of a stable worldview. The conclusion emphasizes that the ancestral experience of perceiving nature can play a significant role in the development of ecological pedagogy, in fostering responsibility, and in strengthening solidarity with the environment in modern society.

**Keywords:** nature, ancestral traditions, worldview, moral values, ecological pedagogy, responsibility, solidarity, ecological culture

Тақвими бадахшонӣ низоми анъанавии вақтсанҷӣ дар минтақаи Бадахшон аст, ки фаслҳо ва рӯзҳои махсусро бо рамзҳои узвҳои бадан пайваст мекунад. Ин низом на танҳо як тақвим, балки як ҷаҳонбинии рамзӣ ва илмӣ, таълимӣ-тарбиявӣ мебошад, ки ҷанбаҳои педагогӣ дорад. Он решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва садсолаҳо ҳамчун воситаи ҳамоҳангии зиндагии мардум бо табиат истифода мешуд: "Тақвим ба инсон ёд медиҳад, ки табиат мисли организми зинда аст ва ҳар фасл бо узвҳои муайян рамзгузорӣ мешавад" [6, С. 9]. Арзиши он на танҳо дар ҳисоб кардани рӯзҳо, балки дар нигоҳ доштани анъанаҳо, расму оинҳо ва ҷаҳонбинии мардумӣ мебошад. Дар ин мақола мо пайдарпайии чиллаҳо ва рӯзҳои узвҳоро баррасӣ мекунем, то нишон диҳем, ки чӣ гуна ниёгон табиатро мехонданд ва зиндагии худро бо он ҳамоҳанг месохтанд.

Методологияи таҳқиқоти мо бар асоси манбаи «Дарки табиат дар анъанаи ниёгон» таҳия шудааст ва дар мақола ҳамчун қисмати мустақил, пас аз муҳаддима ва баррасии назариявӣ, ҷой дода мешавад. Ин қисм вазифа дорад, ки асоси илмии таҳқиқотро нишон диҳад ва равшан созад, ки натиҷаҳо бо такя ба усулҳои муътамад ба даст омадаанд.

Дар таҳқиқот мо аз як қатор усулҳои илмӣ истифода бурдем. Пеш аз ҳама, усули муқоисавӣ барои муқоисаи низоми анъанавии тақвими Бадахшон бо дигар анъанаҳои солшуморӣ ва таҷрибаи муосир истифода шуд. Ин усул имкон дод, ки умумиятҳо ва фарқиятҳои ҷаҳонбинии ниёгон ва ҷомеаи имрӯзӣ равшан гарданд.

Ҳамзамон, таҳлили институтсионалӣ ба нақши анъанаҳо, оинҳо ва муассисаҳои

иҷтимоӣ дар танзими муносибати инсон бо табиат равона гардид. Ин таҳлил нишон дод, ки анъанаҳои суннатӣ на танҳо як низоми вақтсанҷӣ, балки як муассисаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буданд, ки зиндагии мардумро ҳамоҳанг месохтанд.

Барои нишон додани дақиқии низом, мо аз таҳлили оморӣ истифода кардем. Ҳисобҳои рӯзҳо, давраҳои чилла ва пайвастшавии онҳо бо узвҳои бадан ба таври рақамӣ таҳлил шуданд, то нишон дода шавад, ки ниёгон бо мушоҳидаҳои амиқ ва ҳисобҳои риёзӣ зиндагии худро танзим мекарданд.

Илова бар ин, усули системавӣ барои баррасии ҳамоҳангии инсон ва табиат ҳамчун як низоми ягона истифода шуд. Ин усул имкон дод, ки робитаи микрокосмос (инсон) ва макрокосмос (коиннот) равшан гардад.

Дар баробари ин, таҳлили ҳуқуқӣ низ мавқеи худро дошт. Мо меъёрҳои суннатӣ ва қонунҳои мардумиро баррасӣ кардем, ки муносибати инсон бо табиатро танзим мекарданд ва ба устувории иҷтимоӣ мусоидат менамуданд.

Манбаъҳои маълумот асосан матни «Дарки табиат дар анъанаи ниёгон», осори хаттӣ ва таърихии муътамад (Абурайҳони Берунӣ, М. С. Андреев, И. Муҳиддинов), ривоятҳои мардумӣ ва тадқиқотҳои муосир дар соҳаи педагогикаи экологӣ ва фарҳангшиносӣ буданд.

Усулҳои ҷамъоварии маълумот омӯзиши манбаъҳои хаттӣ ва таърихӣ, сабти ривоятҳо ва таҷрибаи мардумӣ, инчунин ҷамъоварии маълумоти оморӣ аз низоми суннатии солшуморӣ буданд.

Усулҳои таҳлил бар асоси муқоисаи назарияҳо ва таҷрибаҳо, баррасии робитаи арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ бо табиат, таҳлили сохторӣ ва системавии низоми тақвим барои муайян кардани қонуниятҳо ва ҳамоҳангии инсон бо табиат анҷом дода шуданд.

Дар қисмати натиҷаҳои таҳқиқот мо танҳо он маълумотеро пешниҳод мекунем, ки дар раванди таҳлил ба даст омадааст, бе шарҳи назариявӣ ва бе хулосабарорӣ. Таҳқиқот нишон дод, ки низоми анъанавии тақвими Бадахшон на танҳо як воситаи вақтсанҷӣ, балки як ҷаҳонбинии мукаммал буд, ки табиатро ҳамчун организми зинда дарк мекард. Чиллаҳои асосӣ — зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳ — бо давомнокии дақиқи рӯзҳо муайян шуда, ҳар яке бо узвҳои муайяни бадан рамзгузорӣ мегардид. Ин пайвастшавӣ нишон медиҳад, ки ниёгон донишҳои амиқи анатомӣ ва риёзиро бо мушоҳидаҳои табиӣ муттаҳид карда, зиндагии иҷтимоӣ ва кишоварзиро танзим менамуданд.

Натиҷаҳо собит месозанд, ки тақвим ҳамзамон вазифаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошт: ҷашнҳо ва оинҳо, аз ҷумла Сада, Хирчизун ва Наврӯз, бо давраҳои табиат ҳамоҳанг буданд ва ҳамчун рамзи зиндашавӣ ва устувории ҳаёт хизмат мекарданд. Ҳисобҳои дақиқи 93 + 93 рӯз ва таъкид ба узвҳои марказӣ — дармун, қабурға ва пайванди дил — нишон медиҳанд, ки ниёгон ба қонуниятҳои космологӣ ва биологӣ таваҷҷуҳи хос доштанд.

Дар натиҷа равшан гардид, ки низоми суннатӣ бо даврагардиши Замин ва ҳаракати Офтоб мутобиқати комил дошт ва то имрӯз арзиши илмӣ ва амалии худро нигоҳ доштааст. Ин низом на танҳо ба танзими кишту кор, балки ба устувории иҷтимоӣ ва тарбияи маънавӣ мусоидат мекард.

Низоми солшумории ниёгони мо як падидаи нодири фикрист, ки дар он дақиқии риёзӣ бо мушоҳидаҳои амиқи табиӣ омезиш ёфта, ҳаёти инсонро дар доираи чор чиллаи асосӣ танзим мекунад. Ин чор чилла ҳамчун сутунмӯҳраи тақвим аз Чиллаи зимистонӣ (41 рӯз) оғоз гардида, бо Чиллаи баҳорӣ (49 рӯз) ва Чиллаи тобистона (49 рӯз) идома меёбанд ва дар ниҳоят бо Чиллаи тирамоҳӣ (41 рӯз) ба анҷом мерасанд, ки дар маҷмӯъ 180 рӯзи комилро ташкил медиҳанд. М. С. Андреев дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки ин тақсимоти чиллаҳо дар байни тоҷикони кӯҳистон на танҳо вазифаи кишоварзӣ, балки вазифаи танзими ҳаёти иҷтимоиро низ иҷро мекард.

Аз ин ҷост, ки ҳар як чилла дар тақвими бадахшонӣ на танҳо як давраи вақт, балки як рамзи зиндагӣ ва ҷаҳонбинӣ мебошад. Онҳо бо ҳам як давраи пурраи ҳаётро: аз озмоиши зимистон то умеди баҳор, аз нерӯи тобистон то хазони тирамоҳ ташкил дода, ҳамоҳангии ҷисмонию рӯҳии инсонро бо табиат таъмин месозанд. Ин тақсимбандии дақиқ нишон медиҳад, ки чӣ тавр ниёгони мо давраҳои муҳимтарини гардиши табиатро бо интизоми

хоси риёзӣ ҷамъбаст намудаанд.»

Мантиқи ин солшуморӣ вақте ҳайратангез менамояд, ки мо иртиботи онро бо ҷисми инсон мебинем; ҳисоби рӯзҳо дар ду даври бузурги солона сурат мегирад. Даври аввал ҳаракатро аз поён ба боло, яъне аз нохуни по то мағзи сар дар бар гирифта, 93 рӯзи дақиқро ташкил медиҳад ва даври сония баръакс, ҳаракат аз боло ба поён буда, он низ 93 рӯзро фаро мегирад.

Дар ин тақсимоти риёзӣ ҳисоби аксари узвҳои бадан се рӯзро дар бар мегирад, аммо маҳз барои таъмини ин дақиқии 93-рӯза, се узви калидӣ — дармун (рӯда), қабурға ва пайванди дил дар ҳар ду даври бузург нуҳ рӯзӣ ҳисоб карда мешаванд: “Ин таносуби махсус нишон медиҳад, ки ниёгони мо ба узвҳои марказии бадан, ки ҳаётан муҳиманд, вақти бештар ҷудо карда, интизоми риёзиро бо сохтори биологӣ устодона пайваст намудаанд” [9, С. 71]. Олими маъруфи тоҷик И. Муҳиддинов дар асари худ «Земледелие памирских таджиков» ишора мекунад, ки ин тарзи ҳисоб нишондиҳандаи дониши баланди анатомии ниёгони мо ва тавоноии онҳо дар пайвастани «микрокосмос» (инсон) бо «макрокосмос» (коиннот) мебошад. Абурайҳони Берунӣ дар асари «Осору-л-боқия» ин ҳамоҳангиро чунин шарҳ медиҳад: «Сол иборат аз як даври комили Офтоб аст дар фалаки худ ва он вақтест, ки Офтоб аз як нуқтаи муайян ҳаракат карда, дубора ба ҳамон нуқта бармегардад. Ин муддатро ниёгони мо (эрониён) сесаду шасту панҷ рӯзу чоряки рӯз ҳисоб кардаанд...» .

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ин низоми ҳисобкунии суннатӣ бо даврагардиши Замин дар атрофи ОФтоб мутобиқати комил дорад. Дақиқии ин ҳисоб то ба дараҷаест, ки ҳар як тағйироти ночизи иқлимӣ ва ҳолати биологӣ бо гузариши рӯз аз як узв ба узви дигар мувофиқат мекунад ва ин нишон медиҳад, ки ниёгони мо бидуни технологияҳои муосир тавонистаанд қонуниятҳои кайҳониро бо набзи бадани инсон чунон устодона ҳамоҳанг созанд, ки он то имрӯз арзиши илмию амалии худро гум накардааст.

Чилаи зимистон аз 20 декабр то 29 январ идома мекунад ва 41 рӯзро дар бар мегирад. Ин давра бо сардиҳои шадид ва озмоиши устувории инсон ва ҳайвонот тавсиф мешавад. Мардум онро ҳамчун замони сабр ва таҳаммул мешиносанд, вақте ки табиат ба ҳолати оромӣ ва хомӯшӣ меравад.

Пас аз Чилаи зимистон солшумории бадахшонӣ аз **нохун** оғоз мегардад. Аз 30 январ то 1 феврал се рӯз ба нохун бахшида шудааст. Нохун узвест, ки нисбат ба дигар узвҳо хунуктар аст ва ҳамин хунукии чилла дар ин рӯзҳо идома меёбад. Дар ин давра ҳаво сард ва хушк аст, ва нохун ҳамчун рамзи устувории хунукӣ ва идомаи зимистон шинохта мешавад.

Маҳз аз оғози солшуморӣ, ё дар рӯзҳои нохун, иди Садда доир мегардад. Садда яке аз ҷашнҳои қадимии мардум аст, ки рамзи пирӯзии гармӣ бар сардиҳо ва омодагӣ ба баҳор мебошад. Дар ин рӯзҳо мардум оташ меафрӯзанд, гирди он ҷамъ мешаванд ва бо шодмонӣ зимистонро «мешикананд». Садда рамзи умед ва нерӯи нав аст, ки ба зиндагӣ ва кишту кор нерӯ мебахшад.

**Пушти по (2 – 4 феврал):** Ин рӯзҳо одатан бо барфу ях ҳамроҳанд ва пушти по рамзи қадамҳои вазнин дар барфи зимистон аст. Дар ин рӯзҳо роҳҳо сахт ва хатарнок мешаванд, қадамгузорӣ душвор мегардад ва ҳар ҳаракат бо эҳтиёт сурат мегирад. Мардум мегӯянд, ки пушти по нишонаи сабр ва таҳаммул аст, зеро зимистон ҳанӯз қавӣ ва устувор боқӣ мемонад.

**Бучули по** (5 – 7 феврал): Ин рӯзҳо аксаран бо шамолҳои сахт меоянд ва бучули по рамзи устувории инсон дар замини хунук ва шамолхез мебошад. Дар урфият мегӯянд, ки шамолҳои ин рӯзҳо «шамоли по» ном доранд, зеро қадамгузорӣ дар роҳҳои пурбарф ва шамолхез сангин мегардад. Ин рӯзҳо нишонаи онанд, ки табиат ҳанӯз қавӣ ва пурқувват аст, вале ҳамзамон ҳаракат ва бедории оҳиста ба назар мерасад. Мардум бовар доранд, ки шамолҳои сахти бучули по барфро мешикананд ва заминро барои омадани баҳор омода месозанд.

**Шитолинг (зонуи хунук)** (8 – 10 феврал): Дар ин рӯзҳо шамолҳои тез мевазанд ва ҳаракатҳои табиат бештар ба назар мерасанд. Шитолинг рамзи нерӯ ва тавозуни табиат дар

фасли сарди зимистон аст. Мардум мегӯянд, ки шамолҳои ин рӯзҳо барфро мешикананд ва роҳҳоро тоза мекунанд, гӯё табиат худ ба ҳаракат меояд. Ин шамолҳо нишонаи онанд, ки зимистон ҳанӯз қавӣ аст, вале нерӯи баҳор оҳиста-оҳиста аз паси шамолҳо эҳсос мешавад.

**Нармии по** (11 – 13 феврал): Дар ин рӯзҳо ҳаво каме мулоим мешавад, барфҳо нарм мегарданд ва нишонаҳои тағйироти оҳиста ба назар мерасанд. Нармии по рамзи мулоимӣ ва ҳамоҳангии табиат аст, вақте ки сардиҳои сахт каме шикаста мешаванд. Дар урфият мегӯянд, ки «барфи нарм ба об табдил меёбад», яъне табиат ба ҳаракат ва зиндашавӣ омода мешавад. Ин рӯзҳо нишонаи онанд, ки баҳор наздик аст ва табиат ба қадамҳои аввалини бедорӣ ворид мегардад.

**Бағали по** қисми пойи инсон аст, ки устуворӣ ва ҳаракатро таъмин мекунад ва ба инсон имкон медиҳад бо муҳити табиат ҳамоҳанг бошад. Барои ниёгон бағали рамзи пайвастшавӣ ва устувории ҳаёт буд.

Дар солшумории Бадахшон рӯзҳои 14–16 февралро ба бағали пойи рост меомад. Дар ин рӯзҳо одатан боришоти сабук ва ҳавои намнок буд ва нишон медоданд, ки замин ва об бо ҳам пайваст шудаанд. Дар ин давра бағали по ҳамчун нуқтаи пайвастшавӣ ва ҳамоҳангии қувваҳои табиат арзёбӣ мешуд. Ин маъно дошт, ки мисли решаҳои дарахт ва ҷараёни об, қувваҳо бо ҳам мепайванданд, устуворӣ ва ҳамоҳангии ҳаёт таъмин мешавад.

Ниёгон ин узвро дар дигар рӯзҳо истифода намекарданд, зеро боришот ё ҳавои мувофиқ набуд ва пайвастшавии табиат пурра амалӣ намешуд. Фақат 14–16 феврал устуворӣ, пайвастшавӣ ва ҳамоҳангии ҳаёт бо табиат ба таври комил таҷассум меёфт.

Аз 17 то 19 феврал навбат ба зону мерасад. Ин рӯзҳо нишонаи устувории табиатанд, вақте ки барф сахт ва устувор мемонад. Аммо дар айни замон, ин рӯзҳо омад-омади баҳорро низ ба ёд меоранд: яххо тадриҷан об мешаванд, обҳои рӯдхонаҳо зиёд мегарданд ва табиат ба ҳаракат меояд. Дар урфият мегӯянд: «18 баҳма бигзарад, баҳор ояд». Ин гуфта рамзи он аст, ки пас аз ин сана дигар зимистон қуввати худро аз даст медиҳад ва баҳор ба қадамҳои устувор ворид мешавад.

Бо нақле аст, ки рӯҳбоҳ фарзандашро таълим додааст: «Баъди 18 баҳма дигар ба пули яхин қадам манеҳ, ки хавфи шикастани ях ногузир мешавад». Ин нақл нишон медиҳад, ки мардум таҷрибаи табиатро ба ҳаёти рӯзмарра пайваст кардаанд. Зону дар ин рӯзҳо рамзи такягоҳ ва устувории табиат аст, аммо ҳамзамон нишонаи гузариш аз сардиҳои зимистон ба гармии баҳор мебошад

Аз 20 то 22 феврал навбат ба **бихтон (рон)** мерасад. Ин рӯзҳо аксаран бо хунукии сахт ва шабнамҳои зиёд ҳамроҳанд. Бихтон рамзи устухонҳои табиат аст, ки сахт ва устувор боқӣ мемонанд. Мардум ин рӯзҳоро ҳамчун нишонаи устувории охири зимистон мешиносанд, вақте ки барф ҳанӯз сахт аст ва табиат ба осонӣ таслим намешавад.

Ин рӯзҳо ҳамзамон ба даромади моҳи Ҳут рост меоянд: «Моҳи Ҳут дар тақвими мардумӣ рамзи об ва ҳаракат аст, ва оғози он нишонаи наздик шудани баҳор мебошад» [1, С. 112]. Дар ҳамин рӯзҳо иди қадимии мардумӣ — хирчизӯн таҷлил мешавад. Дар урфият мегӯянд: «Дар рӯзи хирчизун Офтоб дар мард медарояд ва қувват мегирад». Аз ҳамин рӯз мардум ба пошидани хок ба болои барф оғоз мекунанд, ки қадамҳои аввалини омодагӣ ба кишту кор аст. Ин амал рамзи умед ва оғози зиндагии нав мебошад.

Ҳамин тавр, бихтон дар тақвими бадахшонӣ на танҳо рамзи устухонҳои бадан, балки рамзи устувории табиат ва ҳамзамон нишонаи фарҳангӣ мебошад: охири зимистон, оғози моҳи Ҳут, иди хирчизӯн ва қадамҳои аввалини кишту кор.

**Харомез** дар солшумории Бадахшон ба 23 то 25 феврал рост меояд. Дар ин рӯзҳо одатан шамолҳои сахт ва ҳаракати ҳаво зиёд мешавад. Барои ниёгон Харомез рамзи сутуни табиат ва нерӯҳои эҳёкунандаи ҳаёт буд, зеро мисли сутуни инсон қувваҳои табиатро ба ҳам мепайвандонад ва бо ҳаракати шамол устуворӣ ва тавозунро нигоҳ медорад.

Харомез ба ниёгон ёдоварӣ мекард, ки нерӯҳо ва қувваҳои табиат ҳамоҳангӣ доранд, ва шамолҳо мисли нерӯи ҳаёт ба замин таъсир мерасонанд. Он рамзи устуворӣ ва пайвастшавӣ буд, ки дар ин давра пурра таҷассум меёфт.

Дар солшумории Бадахшон **пуфмуф** аз 26 то 28 феврал давом мекунад. Дар ин рӯзҳо

одатан шамолҳои сахт ва нафаси табиат ба таври зиёд эҳсос мешуд. Пуфмуф рамзи нафаскашии табиат дар фасли зимистон аст. Мисли нафас, ки ба организм нерӯ мебахшад, ин узв ҳам ба инсон ва табиат устуворӣ ва қувват медиҳад.

Барои ниёгон Пуфмуф нишон медод, ки табиат ҳамеша дар ҳаракат аст, шамол ва қувваҳои ҳаво ба ҳаёт ва устувории инсон таъсир мерасонанд. Ин узв рамзи ҳамоҳангӣ ва қувваи ниҳоии табиат ба шумор мерафт.

Дар давраи дарозтар, аз 29 феврал то 8 март, **дармун** ҷой гирифтааст. Ин рӯзҳо боришоти зиёд ба назар мерасад ва агар «дармун» канда шавад, борон ва барф пай дар пай меборад. Дармун рамзи устувории дохилии табиат ва нерӯи пинҳонӣ мебошад.

**Кабурға** дар солшумории Бадахшон ба рӯзҳои 9–17 март рост меояд. Дар ин рӯзҳо аксаран боришоти зиёд ва шамолҳои сахт мешавад. Кабурга рамзи муҳофизати табиат мебошад, зеро мисли сутун ва паноҳгоҳи инсон, дил ва шуши оламро ҳифз мекунад.

Кабурга ба ниёгон ёдоварӣ мекунад, ки ҳама қувваҳо ва узвҳо барои устуворӣ ва ҳифзи ҳаёт ба ҳам пайвастанд ва табиат низ мисли бадан бо ҳамоҳангӣ амал мекунад.

**Пардаи дил** дар солшумории Бадахшон ба рӯзҳои 18–20 март рост меояд. Дар ин рӯзҳо нишонаи ҳифзи ҳаёт ва наздикшавии баҳор мебошад. Пардаи дил ба ниёгон рамзи эҳё ва нигоҳдории қувваи ҳаёт буд, зеро дил нерӯи асосии ҳаёт ва равғани оламро таъмин мекунад.

Он ба ниёгон ёд медиҳад, ки табиат ба ҳамоҳангӣ ва эҳё ниёз дорад, ва ҳар як узв ва ҳар як нерӯи олам барои нигоҳдории устуворӣ ва қувваи ҳаёт муҳим аст.

Давраи **пайванди дил** (21 – 29 март) дар тақвими бадахшонӣ на танҳо як бахши рамзӣ, балки як марҳалаи воқеан муҳим дар табиат ва зиндагии мардум мебошад.

Ин рӯзҳо бо гармии оҳиста ҳамроҳанд: барфҳо об мешаванд, замин нарм мегардад ва нишонаҳои зиндашавии табиат ба чашм мерасанд. Пайванди дил рамзи муҳаббат ва пайвастагии инсон бо олам аст, зеро табиат худ ба зиндагӣ бармегардад ва инсон низ бо умед ва нерӯи нав ба кишту кор оғоз мекунад.

Дар урфият ин рӯзҳо ба Хидирайём (иди Наврӯз) рост меоянд — ҷашни зиндашавии табиат ва оғози кишту кор. Ҳамзамон, баробаршавии шабу рӯз низ дар ҳамин давра сурат мегирад, ки рамзи тавозун ва ҳамоҳангии табиат аст. Мардум ин рӯзҳоро ҳамчун оғози соли нав, оғози зиндагии нав ва пайвастагии инсон бо нерӯи табиат мешиносанд.

Ҳамин тавр, пайванди дил дар тақвими бадахшонӣ на танҳо як узви рамзӣ, балки як давраи пур аз маънои фарҳангӣ ва табиатгаро мебошад: оғози кишту кор, тавозуни шабу рӯз, ва эҳёи ҳаёт.

Ниёгони мо рӯзҳои 30 март то 1 апрелро рӯзҳои **дил** ҳисоб мекарданд. Ин рӯзҳоро оғози пурраи баҳор дониста, мегуфтанд, ки замин аз хоб мехезад, обҳо ҷараён мегиранд ва ҳар гуна ҷонвар ба нафас меояд ва рӯдхона ҷараён мегирад. Дил мисли маркази нерӯ ва чароғи гарм ба инсон ва табиат нерӯ мебахшад, ёдовар мекунад, ки қувваҳои ҳаёт ҳамеша зинда ва ҷараён доранд.

Ин рӯзҳо ба он интихоб шудаанд, зеро ба монанди дил дар бадан, ки нерӯҳоро ба тамоми узвҳо мерасонад, табиат низ ҷараёни нерӯҳояшро пурра ба ҳаракат меорад. Боришоти мулоим ва ҳавои намнок мисли нафаси нав ба ҳар ҷонвар нерӯ мебахшад, ва нерӯҳои замин, об ва ҳаво ҳамоҳанг ва устувор фаъол мешаванд.

Ниёгон медонистанд, ки танҳо дар ҳамин рӯзҳо пайвастшавии пурраи қувваҳои табиат ба амал меояд. Аз ин рӯ, дил рамзи оғози ҳаёт ва эҳёшавии тамоми олам шуд. Он ёдоварӣ мекунад, ки нерӯҳо ва ҷараёнҳои ҳаёт ҳамеша зина ба зина пеш меравад ва ҳар ҳаракат бо дигар нерӯҳо ҳамоҳанг мебошад.

Онҳо дилро на танҳо узви бадан, балки рамзи пурқуввати табиат ва оғози эҳёшавӣ медонистанд. Ин рӯзҳо нишон медиҳанд, ки мисли ҷараёни дил дар бадан, ҷараёни ҳаёт дар табиат ҳамоҳанг ва устувор аст, ва ҳамеша ба инсон ва олам нерӯ мебахшад.

Узви **сина**ро ниёгон аз 2 то 4 апрел, ҳисоб мекарданд. Онҳо синаро рамзи нафас ва нерӯи зиндагии табиат медонистанд. Аз нигоҳашон дар ин рӯзҳо ҳаво мулоим ва тоза мешавад, шамолҳои сабук ба ҳаракат медароянд ва ҷараёни ҳаёт дар тамоми олам эҳсос карда

мешавад. Сина мисли маркази нафас дар бадан, ҷараёни ҳаво ва ҳаётро ба тамоми узвҳо мерасонад ва нерӯ мебахшад.

Ниёгон медонистанд, ки сина дар ҳамин рӯзҳо ба инсон ёд медиҳад, ки ҷараёни ҳаёт бояд ҳамоҳанг ва озодона бошад. Мисли нафаси тоза, ки ба бадан нерӯ мебахшад, шамол ва ҳавои мусоид ба рӯи замин ва ҷангалҳо нерӯ медиҳанд, ба обҳо ва ҷонварон ҳаёт мебахшанд ва табиатро зинда нигоҳ медоранд.

Ин рӯзҳо барои он интихоб шудаанд, ки танҳо дар ҳамин давра нерӯҳои ҳаво ва ҷараёни ҳаёт ба таври комил ҳамоҳанг мешаванд. Сина ба мо ёд медиҳад, ки ҳар ҳаракат ва ҷараёни ҳаёт бо дигар нерӯҳо пайваст ва устувор мебошад. Он рамзи озодӣ, ҳамоҳангӣ ва эҳёшавии табиат аст ва нишон медиҳад, ки мисли ҷараёни нафас дар бадан, ҷараёни ҳаёт дар табиат ҳамеша фаъол, пурқувват ва устувор аст.

Сабаби ба рузҳои 5 то 7 апрел, мансуб доштани **бағал**ро ниёгон ҳамчун рамзи озодӣ ва ҳаракати табиат қадр мекарданд. Онҳо медонистанд, ки мисли пойҳо, ки инсонро устувор ва ҳаракатпазир мегардонанд, багал ба мо ёд медиҳад, ки қувваҳои ҳаёт ва ҷараёни табиат бояд озодона ҷорӣ шаванд, вале ҳамзамон ҳамоҳанг бо ҳам бошанд.

Дар ин рӯзҳо обҳо ҷараён мегиранд, рӯдхонаҳо ва чашмаҳо пурқувват мешаванд ва рангҳои замин ва гиёҳон аёдат пайдо мекунанд. Ниёгон медонистанд, ки мисли пойҳо дар бадан, ки нерӯ ва устувориро ба тамоми узвҳо мерасонанд, багал низ нерӯҳои табиатро ба муҳити атроф тақсим мекунад. Ин узв ёдрас мекунад, ки ҳаракати озод ва ҷараёни ҳаёт ҳамеша бо ҳамоҳангӣ ва тавозун пайвастанд.

Ранги сабз ва рангҳои обӣ дар ин рӯзҳо рамзи зиндагию тавоноии табиат буданд. Ҳар ҷараёни об ва ранг ба инсон ва ҳайвонон нерӯ мебахшид ва эҳёшавии оламро нишон медод. Багал, аз назари ниёгон, рамзи озодӣ ва ҳамоҳангии ҳаёт бо табиат буд — узвест, ки ҳаракати ҷон, об ва қувваҳоро ҳамоҳанг нигоҳ медорад ва ба тамоми муҳити атроф устуворӣ мебахшад.

Ниёгони мо рӯзҳои 8 то 10 апрелро рамзи масъулият ва борбардории табиат медониста, онҳоро ба **китф** мансуб медоданд. Китф ба мо ёд медиҳад, ки мисли замин, ки киштро қабул мекунад ва нерӯҳои ҳаётро ба ҳам мепайвандад, ҳар қувва ва ҳаракат дар табиат бояд бо ҳам ҳамоҳанг ва устувор бошад.

Дар ин рӯзҳо замин бо рангҳои сабз ва хокистарӣ оро ёфта, қувваҳои об ва ҳаво ба ҷараён медароянд. Боришот ва шамол мисли нафаси нав ба рӯи замин ва ҷангалҳо нерӯ мебахшанд ва тамоми муҳити атроф эҳё мешавад. Китф ҳамчун рамзи масъулият ёдовар мешавад, ки ҳар ҳаракат ва ҷараёни табиат бояд ба зиндагии ҳама ҷонварон ва растаниҳо тавозун ва устуворӣ биёрад.

Ниёгон медонистанд, ки мисли китф дар бадан, ки нерӯ ва қудратро ба узвҳо мерасонад, китфи табиат низ нерӯҳои ҳаётро пайваст ва ҳамоҳанг мекунад. Он рамзи бори масъулият ва устувории зиндагӣ дар муҳити табиат буд. Ҳар об, ҳар ҷонвар ва ҳар растанӣ ба ҳам пайваст шуда, бо ҳамоҳангӣ ва устувории китф эҳё мешуданд.

Аз 11 то 13 апрел, ниёгон ҳисобро ба **гулӯ** нисбат дода, онро рамзи сухан, иртибот ва ҳаракати нерӯҳои табиат медонистанд. Дар ин рӯзҳо гулҳо мешукуфанд ва садоҳои табиат — аз шаршараҳо то ҷараёни шамол — ба ҳам мепайванданд, мисли нафаси инсон, ки ба сухан ва иртибот нерӯ мебахшад.

Ниёгон медонистанд, ки гулӯ мисли маркази иртибот дар бадан, нерӯҳои ҳаёт ва ҷараёни табиатро ба ҳам мепайвандад. Ҳар растанӣ ва ҳар ҷонвар бо садоҳо, рангҳо ва ҳаракати ҳаво бо ҳам ҳамоҳанг мешаванд. Дар ин рӯзҳо боришоти сабук ва ҳавои тоза нерӯ ва эҳё ба муҳити атроф мебахшанд ва табиат бо ранг ва бӯйи гулҳо зиндагиро таҷассум мекунад.

Гулӯ ёдрас мекунад, ки сухан ва иртибот на танҳо барои инсон, балки барои тамоми муҳити табиат муҳиманд. Мисли садо ва ҷараёни об, ҳар ҳаракат ва нерӯи ҳаёт бояд ҳамоҳанг ва устувор бошад. Ин рӯзҳо рамзи пайвастшавии қувваҳои табиат ва нерӯҳои эҳёкунанда мебошанд.

**Риш**ро ниёгонамон рамзи зоҳир, шахсияти табиат ва ҳамоҳангии нерӯҳои зинда

мегуфтанд ва рӯзҳои аз 14 то 16 апрелро ба ин узв медоданд. Дар ин рӯзҳо замин бо сабзаҳо ва баргҳои тару тоза оро меёфт, ва ҳар шакл ва рангҳои табиат ба инсон ёд медиҳанд, ки ҳар гуна зоҳир ва нафаси олам бо ҳам пайваст ва ҳамоҳанганд.

Ниёгон медонистанд, ки мисли риш дар бадан, ки чеҳра ва зоҳирро муайян мекунад, риш дар табиат низ шакл ва рӯҳи оламро баён мекунад, нишон медиҳад, ки нерӯҳои ҳаёт ва ҷараёни табиат ҳамеша бо ҳам пайвастаанд. Сабзаҳо ва баргҳо мисли узвҳои зиндаи табиат ба ҳар ҷонвар нерӯ мебахшанд ва ҳаракати ҳамоҳанг ва устувории муҳити атрофро таъмин мекунанд.

Аз 17 то 19 апрел, ниёгон ҳисобро ба **лабу дандон** нисбат медоданд. Онҳо мегуфтанд, ки дар ин рӯзҳо табиат ба марҳилаи ғизобахшии худ мерасад. Замин мева медиҳад, гиёҳо қувват мегиранд ва ҳар чизи зинда нерӯи нав меёбад. Мисли лабу дандон, ки ғизоро қабул ва ба қувваи бадан табдил медиҳанд, табиат низ неъматҳои худро ба ҳаёт мебахшад.

Дар ин айём сабзаҳо пурқувват мешаванд, навдаҳо сахт мегарданд ва замин он чиро, ки дар рӯзҳои пеш парвариш кардааст, ба зиндагӣ мерасонад. Ниёгон мефаҳмиданд, ки ғизо танҳо хӯрдан нест, балки табдили нерӯ аст: офтоб, об ва хок ба қувваи ҳаёт мубаддал мешаванд.

Лабу дандон барои онҳо рамзи қабул ва тақсим кардани неъмат буданд. Ин рӯзҳо ёдрас мекарданд, ки инсон ва табиат ҳамзамон нерӯ мегиранд: инсон аз меваи замин ва табиат аз ғамхории инсон. Ҳамин тавр, ҳаёт пурқувват шуда, ба марҳилаи камол мерасад.

Аз 20 то 22 апрелро, ниёгон **димоғ** ҳисоб мекарданд. Онҳо бар ин боварӣ доштанд, ки дар ин рӯзҳо нафаси табиат ошкоро эҳсос мешавад. Ҳаво нарм мегардад, бӯйи гулҳо ва хок дар фазо паҳн мешавад ва инсон гӯё бори аввал пас аз зимистон табиатро бо тамоми ҳастӣ эҳсос мекунад.

Димоғ барои ниёгон танҳо узви нафаскашӣ набуд, балки дарвозаи ҳиссиёт ба шумор мерафт. Мисли он ки димоғ бӯйҳоро қабул карда, ба шуур мерасонад, табиат низ дар ин рӯзҳо паёмҳои худро ба инсон мерасонад: паёми зиндашавӣ, ҳаракат ва идомаи ҳаёт.

Дар ин айём шамолҳо на сахтанду на хомӯш, балки мисли нафаси мувозинатноки инсон ҳаракат мекунанд. Ниёгон мегуфтанд, ки агар инсон дар ин рӯзҳо ба ҳаво, бӯй ва оромии табиат гӯш диҳад, метавонад ҳамоҳангии байни фикр, эҳсос ва муҳити атрофро дарк кунад.

Димоғ рамзи он марҳила аст, ки инсон ва табиат якдигарро на танҳо мебинанд, балки эҳсос мекунанд. Ин рӯзҳо ёдрас мекунанд, ки ҳаёт танҳо ҳаракат нест, балки ҳис кардан, дарк намудан ва бо нафаси олам ҳамқадам будан аст.

Аз 23 то 25 апрел, дар тафаккури ниёгон навбат ба **чашм** мерасад. Дар ин айём равшании рӯз меафзояд, сояҳо кӯтоҳ мешаванд ва шаклу ранги олам возеҳтар ба назар мерасад. Табиат дигар пинҳон намемонад: ҳар дарахт, ҳар ҷӯй ва ҳар ҳаракати замин худро ошкор мекунад.

Чашм барои ниёгон танҳо василаи дидан набуд, балки асбоби шинохт ба ҳисоб мерафт. Онҳо бовар доштанд, ки дар ин рӯзҳо инсон метавонад тартиби оламро дарк кунад: чӣ гуна нур ба растанӣ қувват мебахшад, чӣ гуна об роҳ меёбад ва чӣ гуна ҳамма чиз ҷойи худро меёбад.

Ин давра замоне аст, ки иштибоҳ кам мешавад ва роҳ равшан мегардад. Ниёгон мегуфтанд, ҳар касе, ки дар ин рӯзҳо бо диққат ба табиат менигарад, метавонад ҳамоҳангии нерӯҳоро на танҳо эҳсос мекунад, балки мебинад. Чашм рамзи он лаҳза аст, ки огоҳӣ аз ҳисси дохилӣ ба шинохти равшан мегузарад.

Дар ҳамин рӯзҳо инсон мефаҳмад, ки ҷаҳон тасодуфӣ нест: ҳар нур, ҳар соя ва ҳар ҳаракат маъно дорад. Чашм ин маъниро ошкор месозад.

Аз 26 то 28 апрел ниёгони мо ҳисобро ба **сар** мепайвастанд. Ин айёмро онҳо замони ба тартиб даромадани олам медонистанд. Пас аз он ки нерӯҳои баҳор бедор шуданд, ғизо ёфтанд, нафас гирифтанд ва ошкор гаштанд, акнун навбати идора кардан фаро мерасад.

Сар рамзи ҷамъбасти нерӯҳо буд. Ниёгон мегуфтанд, ки дар ин рӯзҳо табиат дигар танҳо намеҷӯшад, балки меандешад: ҳар растанӣ роҳи сабзидани худро меёбад, ҳар об

маҷрои устувор пайдо мекунад ва ҳар ҳаракат мақсаднок мешавад. Ин айём замони тасодуф нест, балки замони низом аст.

Мисли сари инсон, ки кори тамоми узвҳоро ҳамоҳанг мекунад, табиат низ дар ин рӯзҳо қувваҳои парокандаро ба як равия меорад. Хок медонад чиро нигоҳ дорад, об мефаҳмад куҷо истад, ва шамол қувваашро бе зиёдатӣ истифода мекунад.

Ниёгон бовар доштанд, ки ҳар касе дар ин рӯзҳо ба кори худ бо хирад наздик шавад, барор меёбад, зеро худи табиат ба тартиб ва дурандешӣ рӯ меорад. Аз ҳамин сабаб сар рамзи идора, қарор ва устувории баҳор шуморида мешуд.

Аз руйи ақидаи ниёгонамон аз 29 апрел то 1 май давраи **мағзи сар** рамзи хиради ҷамъшуда, шуури бедор ва қудрати роҳнамоии табиат мегардад. Дар ин марҳила ҳамаи равандҳое, ки қаблан шакл гирифта буданд, ба низоми воҳид муттаҳид мешаванд; ҳаракатҳо дигар тасодуфӣ нестанд, балки ба ҳадаф нигаронида мешаванд. Табиат қобилияти андеша карданро таҷассум менамояд: интихоби роҳ, нигоҳдории тавозун ва идоракунии нерӯҳо ба таври огоҳона сурат мегирад. Ҳаёт на танҳо мешукуфад, балки маъно пайдо мекунад. Ин рӯзҳо нишон медиҳанд, ки рушд натиҷаи ҷамъшавии таҷриба аст — вақте замин субот мебахшад, об хотираро нигоҳ медорад, шамол андешаро паҳн мекунад ва шуур онҳоро ба як самти воҳид равона месозад.

Ҳамин тавр, ҳар як узв дар тақвими бадахшонӣ на танҳо ба бадани инсон, балки ба ҳолати табиат ва иқлим пайваст аст. Ин низом нишон медиҳад, ки ниёгони мо табиатро ҳамчун як организми зинда мебдиданд ва ҳар узв рамзи як ҳолати табиӣ мебошад.

Пас аз он чилаи баҳор фаро мерасад. Аз 2 май то 20 июн, дар давоми 49 рӯз, табиат бедор мешавад. Ин давра рамзи навсозӣ ва оғози кишт аст. Хоки замин нафас мекашад, обҳо равон мешаванд ва зиндагӣ аз нав нерӯ мегирад. Чилаи баҳор дар фарҳанги мардумӣ нишонаи умед ва оғози кору заҳмат аст.

Пас аз анҷоми чиллаи баҳорӣ, чиллаи тобистон фаро мерасад, ки аз 21 июн то 8 август идома ёфта, 49 рӯзро дар бар мегирад. Ин давра бо гармии шадид ва пухтани зироатҳо тавсиф шуда, дар ҷаҳонбинии мардум ҳамчун рамзи нерӯи ҳаётӣ ва фаровонӣ эътироф мегардад. Ҳар як рӯзи ин чилла барои ҷамъоварии ҳосил ва истифодаи баракатҳои табиат муҳим мебошад.

Маҳз дар нуқтаи ниҳоии ин гармои шадид, вақте ки нерӯи Офтоб ба авҷи аълои худ мерасад, ҳисоби узвҳо дар даври дуюми тақвимӣ аз болотарин нуқтаи ҷисми инсон оғоз меёбад. Аввалин марҳилаи ин давра **мағзи сар** (9–11 август) мебошад, ки ҳамчун мазҳари хирад ва шуури табиат дониста мешавад. Дар ин рӯзҳо, ки замин ба пухтани пурраи ҳосил наздик мегардад, мардум бовар доштанд, ки мағзи сар мисли маркази фикри табиат тамоми нерӯҳои кайҳониро ба ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ, расм буд, ки пиронсолон ба ҷавонон маслиҳат медоданд, то корҳои саҳро бо хирад анҷом ёбад ва мардум ба дуову шукргузорӣ машғул шуда, ин давраро ҳамчун рамзи «ақли ҷамъият» ҷашн мегирифтанд.

**Сар** (12–14 август) — таҷассумгари идоракунӣ ва тавозуни табиат мебошад. Гармии рӯзона сахт аст, аммо шабҳо каме мулоим мешаванд. Сар нишонаи он аст, ки табиат тадриҷан ба поёнравии гармӣ омода мешавад. Дар фолклор мегӯянд: «Сари табиат мисли роҳбар аст, ки гармиро идора мекунад». Дар ин рӯзҳо мардум корҳои саҳроиро ба тавозун меоваранд: обёрӣ, ҷамъоварии аввалин меваҳо ва тайёр кардани замин барои мавсими нав.

**Чашм** (15–17 август) — ифодакунандаи дид ва огоҳии табиат аст. Равшании офтоб бештар аст ва осмон соф мешавад. Мардум мегуфтанд, ки чашми табиат ба онҳо имкон медиҳад, ки ояндаи ҳосилро бинанд. Дар баъзе анъанаҳо ин рӯзҳо барои дуо ва шукргузорӣ аз нур истифода мешуданд. Чашм ҳамчунин рамзи «биниши дуруст» дар зиндагӣ аст: мардум кӯшиш мекарданд, ки дар ин рӯзҳо қарорҳои муҳимро қабул кунанд.

**Димоғ** (18–20 август) — оинаи нафас ва ҳиссиёти табиат аст. Ҳаво пур аз бӯйи ҳосил ва гиёҳҳо мешавад. Мардум бовар доштанд, ки димоғи табиат бӯйи баракатро ба онҳо мерасонад. Дар ин рӯзҳо расм буд, ки мардум гиёҳҳои хушбӯйро ҷамъоварӣ мекарданд ва онҳоро барои зимистон нигоҳ медоштанд. Бӯйи меваҳои пухта рамзи фаровонӣ ва хушбахтӣ ҳисоб мешуд.

**Лабу дандон** (21–23 август) — симои ғизо ва нерӯи табиат аст. Ин рӯзҳо ба ҷамъоварии ҳосил рост меоянд. Меваҳо ширин ва пуркувват мешаванд. Дар фолклор мегӯянд: «Лаби замин бо ширинии меваҳо сухан мегӯяд». Дар ин рӯзҳо мардум ҷашнҳои хурд баргузор мекарданд, ки дар онҳо меваҳои навпухта ба ҳамдигар тақдим мешуданд.

**Риш** (24–26 август) — намунаи зоҳир ва шахсияти табиат аст. Дар ин рӯзҳо замин бо ҳосил оро ёфтааст. Риш нишонаи фаровонӣ ва баракат мебошад. Мардум мегуфтанд, ки риши замин бо гандум ва меваҳо зебо мешавад. Дар баъзе деҳаҳо расм буд, ки аввалин гандумро ба хона меоварданд ва онро «риши баракат» меномиданд.

**Гулӯ** (27–29 август) — василаи сухан ва иртиботи табиат аст. Дар ин рӯзҳо замин пур аз рангу бӯй мегардад. Мардум бештар ба суруд ва шеъру гуфтор машғул мешуданд. Гулӯ рамзи шукуфтан ва зебоии табиат аст. Дар анъанаҳо ин рӯзҳо барои тӯйҳо ва ҷашнҳои хурд мувофиқ ҳисоб мешуданд.

**Китф** (30 август – 1 сентябр) рамзи масъулият ва борбардории табиат аст. Дар ин рӯзҳо мардум ҳосилро ба хона мебаранд. Китф нишонаи қувваи табиат барои нигоҳ доштани зиндагӣ мебошад. Мардум мегуфтанд: «Китфи инсон мисли китфи замин аст, ки борро мебардорад».

**Бағал** (2–4 сентябр) — нишонаи озодӣ ва ҳаракати табиат аст. Дар ин рӯзҳо мардум озодона ба корҳои саҳро машғул мешуданд. Багал нишонаи васеъшавии зиндагӣ ва фаровонӣ мебошад. Дар фолклор мегӯянд: «Багали кушода нишонаи дили кушода аст».

**Сина** (5–7 сентябр) — манбаи нафас ва нерӯи зиндагӣ аст. Дар ин рӯзҳо ҳаво мулоим мешавад ва нафаси табиат тоза мегардад. Мардум бовар доштанд, ки синаи табиат ба онҳо нерӯи нав мебахшад. Дар ин рӯзҳо расм буд, ки мардум ба саҳро мерафтанд ва нафаси тозаи саҳроиро ба худ мегирифтанд.

**Дил** (8–10 сентябр) маркази ҳаёт аст. Дар ин рӯзҳо муҳаббат ва нерӯи табиат бештар эҳсос мешавад. Замин пур аз ҳосил ва баракат мегардад. Дар фолклор мегӯянд: «Дили замин бо муҳаббат ба мардум ҳосил медиҳад». Дар ин рӯзҳо мардум бештар ба шукргузорӣ ва дуо машғул мешуданд.

**Пайванди дил** (11–19 сентябр) — пайвандгари инсон бо табиат аст. Дар ин рӯзҳо мардум ҳосилро ҷамъ мекунанд ва барои зимистон омода мешаванд. Ин пайванд нишонаи ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ мебошад. Дар анъанаҳо расм буд, ки мардум якҷо ҷамъ омада, ҳосилро тақсим мекарданд.

**Пардаи дил** (20–22 сентябр) — сипари муҳофизати табиат аст. Дар ин рӯзҳо ҳаво тадриҷан сард мешавад. Пардаи дил мисли сипар ҳаётро муҳофизат мекунад. Дар фолклор мегӯянд: «Пардаи дил мисли пардаи осмон аст, ки заминро аз шамол муҳофизат мекунад».

**Қабурға** (23 сентябр – 1 октябр) — такягоҳи муҳофизати табиат аст. Шамолҳои тирамоҳӣ меоянд ва кабурга дил ва шуши оламро ҳифз мекунад. Дар анъанаҳо ин рӯзҳо нишонаи устувории табиат буданд. Мардум мегуфтанд: «Кабургаи замин устувории зиндагиро нигоҳ медорад».

**Дармун** (2–10 октябр) — бунёди устувории дохилии табиат аст. Боронҳо заминро сероб мекунанд. Мардум онро баракат мешумориданд ва мегуфтанд: «Дармун устувории заминро нишон медиҳад». Дар ин рӯзҳо мардум бештар ба ҷамъоварии об ва нигоҳдории он машғул мешуданд.

**Пуфмуф (11–13 октябр)** — ҷараёни нафаскашии табиат аст. Шамолҳои сахт меоянд ва ҳаво пур аз ҳаракат мешавад. Пуфмуф нишонаи нерӯи табиат барои тоза кардани ҳаво мебошад. Дар фолклор мегӯянд: «Пуфмуфи шамол заминро аз хастагӣ пок мекунад».

Давраи аз 14 то 16-уми октябр дар фарҳанги бостонии мо бо номи **харомез** маъруф аст, ки рамзи сутуни устувории табиат мебошад. Дар ин айём шамолҳои сард вазида, гӯё устувории оламро месанҷанд. Бинобар ин, мардум бовар доштанд, ки бояд сутунҳои хона ва иродаи инсон мустаҳкам бошад. Маҳз дар маркази ин давра — 15-уми октябр — иди бузурги Меҳргон ҷашн гирифта мешавад, ки он иди нур, меҳру муҳаббат ва шукрона аз ҳосили фаровон буда, сутуни маънавии фарҳанги моро ташкил медиҳад.

**Бихтон** (17–19 октябр) рамзи устухонҳои табиат аст. Хунукии аввалини тирамоҳ мео-

яд ва устухонҳо рамзи устувории зиндагӣ мебошанд. Дар анъанаҳо ин рӯзҳо нишонаи қувваи дохилӣ буданд.

**Зону** (20–22 октябр) — пояи устуворӣ ва нуқтаи таваққуфи нерӯи наботот аст. Зону дар ҷисми инсон вазифаи борбардорӣ ва мувозинатро дорад; дар ин рӯзҳо низ табиат борбардории ҳосилро ба анҷом расонида, ба ҳолати оромӣ мегузарад. Ин узв нишонаи он аст, ки замин "ба зону зада", қувваашро барои зимистон дар дохили худ ҷамъ мекунад.

**Бағали по** (23–25 октябр) — маркази ҳифзи намии ботинӣ мебошад. Чун ин узв дар ҷисми инсон қисмати пӯшида ва гарм аст, дар тақвим он давраеро ифода мекунад, ки замин намии аз боронҳои тирамоҳӣ гирифтаашро ба қабатҳои поёнӣ мебарад, то решаҳои дарахтонро аз яхкунӣ муҳофизат намояд.

**Нармии по** (26–28 октябр) — таҷассумгари мулоимии пеш аз сардӣ аст. Ин қисмати мушакии по рамзи охирин рӯзҳои мулоим ва "нарм"-и тирамоҳ мебошад. Ин давраи гузариши эластикӣ аст, ки дар он ҷисми инсон ва табиат ҳанӯз сахтии яхро надидаанд, вале ба он омода мешаванд.

**Шитолинг** (29–31 октябр) — нишондиҳандаи сардии воқеӣ дар буғумҳост. Тавре ки қаблан зикр кардем, "шито" (хунукӣ) ва "линг" (по) пайванди мустақими эҳсоси сардиро бо ҷисм нишон медиҳанд. Ин рӯзҳо нуқтаи гардиши биологӣ мебошанд, ки дар он сардӣ аз пӯст гузашта, ба бофтаҳои амиқи инсон ва замин нуфуз мекунад.

**Буҷули по** (1–3 ноябр) — нуқтаи иртиботи наздик бо хок аст. Буҷул ҳамчун узве, ки дар наздикии замин ҷойгир аст, аввалин шуда сардии хокро ҳис мекунад. Дар ин рӯзҳо ҳарорати қабати болоии замин ба дараҷае мерасад, ки раванди сабзиш комилан қатъ мегардад ва табиат нафаси сарди зимистонро аз қаъри хок берун медиҳад.

**Пушти по** (4–6 ноябр) — сипари ниҳоии муҳофизатӣ мебошад. Ин узв, ки аз боло заминро "мепӯшонад", нишонаи омодагии замин ба қабули барфи аввал аст. Пушти по дар тақвим рамзи пӯшида шудани давраи фаъол ва гузаштан ба ҳифзи энергияи ҳаётӣ дар зери қабати сармо мебошад.

Марҳилаи ниҳоии ин давра **нохун** (7–9 ноябр) мебошад, ки ҳамчун нуқтаи навсозӣ ва оғози дигаргунӣ шинохта мешавад. Нохун дар ҷисми инсон узви охиринест, ки давраи ҷисмониро ба анҷом мерасонад ва маҳз дар ҳамин рӯзҳо табиат низ давраи кӯҳнаро баста, ба марҳилаи нави устуворӣ қадам мегузорад. Дар фолклор мегӯянд: «Нохуни табиат давраи кӯҳнаро мебандад ва навро мекушояд».

Ин пайдарпайӣ ба таври равшан нишон медиҳад, ки ниёгони мо чӣ гуна тадриҷан сард шудани ҳаворо аз зону то нӯги ангуштони по мушоҳида кардаанд. Ҳар қадар рӯзҳо ба нохуни по наздик шаванд, ҳамон қадар сардӣ ба замин наздиктар ва амиқтар мегардад.

Маҳз ҳамин наздикшавии сармо ба қаъри замин замина мегардад, ки чиллаи тирамоҳ аз 10 ноябр то 19 декабр пурра фаро расад. Ин давраи 41-рӯза рамзи ниҳоии хазон ва омодагии ҷиддӣ ба зимистон аст. Вақте ки рӯзҳо аз нӯги по гузашта, ба замин мепайвандад, табиат ба хоби амиқ рафта, баргҳо пурра мерезанд ва мардум ба захира кардани маводи зарурӣ машғул мешаванд. Ҳамин тариқ, Чиллаи тирамоҳ нишонаи ҷамъбаст ва эҳтиёт мебошад, ки инсонро барои гузаштан ба фасли сарди пешомада омода месозад.

Ҳамин таоиқ тақвими бадахшонӣ на танҳо як низоми вақтсанҷӣ, балки як ҷаҳонбинии пурра ва рамзии ниёгон мебошад. Он бо пайвастани фаслҳо ва рӯзҳои махсус ба узвҳои бадан, табиатро ҳамчун организми зинда ва ҳамоҳанг тасвир мекунад. Ҳар як узв рамзи нерӯ, масъулият, ҳамоҳангӣ ва эҳё аст, ки ба инсон ёд медиҳад: зиндагӣ танҳо бо пайвастагии қувваҳои табиат ва ҳамоҳангии онҳо устувор мемонад.

Чиллаҳо ҳамчун сутунҳои асосии солшуморӣ давраҳои ҳаётро таҷассум мекунанд: зимистон — озмоиши сабр ва устуворӣ; баҳор — умед ва навсозӣ; тобистон — нерӯ ва фаровонӣ; тирамоҳ — хазон ва эҳтиёт. Ҳар як давра бо расму оинҳои мардумӣ ҳамроҳ аст, ки ба зиндагии инсон маънои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебахшад.

Солшумории узвҳо низ бо рамзҳои худ ҷаҳонбинии ниёгонро равшан мекунад: нохун — устувории сардиҳо; дил — маркази муҳаббат ва нерӯ; гулу — сухан ва иртибот; китф — масъулият ва борбардорӣ. Ҳар як узв ба инсон ёдрас мекунад, ки табиат мисли бадан бо ҳам

пайваст ва ҳамоҳанг аст.

Ҳамин тавр, тақвими бадахшонӣ як низоми зинда аст, ки на танҳо рӯзҳоро ҳисоб мекунад, балки ҷаҳонбинии мардумро баён менамояд. Он инсонро бо табиат пайваст мекунад, ба зиндагӣ маънои рамзӣ мебахшад ва ба фарҳанги маҳаллӣ устуворӣ ва эҳтиром медиҳад. Ин низом намунаи нодири ҳамбастагии илм, фарҳанг ва фолклор аст, ки то имрӯз арзиши таърихӣ ва маънавии худро нигоҳ доштааст.

**АДАБИЁТ**:


1. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи). Вып. 1-2. / М.С. Андреев. - Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1953-1958. – 260 с.
2. Берунӣ, А. Осору-л-боқия (Осор аз гузаштагон) / А. Берунӣ. — Душанбе: Ирфон, 1990. - 300 с.
3. Консепсияи миллии тарбия Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе 2006.
4. Мухиддинов, И. Земледелие памирских таджиков в XIX – начале XX вв / И. Мухиддинов. — Москва: Наука, 1975. Ғ 400 с.
5. Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯз / Р.Шаъбонӣ. - Душанбе, 2011. - 190 с.
6. Саидиброимов Ш.О. Наврӯз ва равнақи ҳунарҳои мардумӣ // Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №1-2(7-8). – С. 8-11.
7. Саидиброимов Ш.О. Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони тоҷик (асрҳои X-XI) / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе: Сифат-Офсет, 2024. – 370 с.
8. У. Назир. Шукӯҳи таъриху тамаддун» (нигоҳе ба суннатҳо. расму ойини идҳои тоисломӣ) У. Назир. - Душанбе. – 2011. - 114. с.
9. Шакармамадов Н, Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон / 3. Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов. - Хоруғ, 2003. - 203 с.
10. Шоҳинбод, Г. Тақвими мардумии Бадахшон Г. Шоҳинбод. — Душанбе, 2012. - 173 с.
11. Ҷашни табиат, иди миллат ва рамзи Ваҳдат / Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявб бахшида ба иди байналмилалии Наврӯзи фархундапай). –Душанбе, 2012, 164 с.

**УДК 37.017.4**

# ТАРАННУМИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ X-XI-И ТОҶИКУ ФОРС

**САИДИБРОИМОВ ШОЗОДАИБРОҲИМ ОДИЛШОЕВИЧ**
*н.и.п., дотсенти кафедраи «Таърих ва фалсафа»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055 Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5 E-mail: shozoda07.71@mail.ru*

**Аннотатсия.** Мавзуи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои олии кишвар аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳимми раванди таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, тадриси он вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа дорад ва таълими ин масъала дар тамоми сохторҳои илмию таълимӣ ба роҳ монда шудааст. Ватандӯстӣ қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванд аст ва ҳар як шаҳрванди кишвар бояд барои абадӣ пойдор мондани сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва Истиқлолият дар Ватани азизамон саҳми арзандаи худро гузорад. Бахусус, дар замони муосир, ки гурӯҳҳои ифротгаро ва найрангбоз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавононро ба ҳар навъ ҳаракатҳои террористӣ ва ниҳоят номатлуб роҳандозӣ мекунанд, вазифаи ҷавонон зиракии сиёсиро аз даст надода, шомил шудан ба ин гурӯҳҳоро инкор кардан аст. Бояд гуфт, ки худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан иборахое мебошанд, ки дарки маънии он барои ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ вазифаи ҷонӣ мебошад. Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ ва фиребу найранги ашхоси бегона нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Аз ин рӯ, тарғиби ҳамешагии ин мафҳумҳо барои насли ҷавони кишвар дорои аҳамияти махсус аст. Вобаста ба ин дар мақола, бо такя ба осори бузургони тоҷику форс мо ватандӯстӣ ва роҳҳои ташаккули онро мавриди таҳқиқ қарор дода, асоснок намудем. Ин мақола барои омӯзгорон дар пешбурди корҳои тарбиявӣ бо наврасону ҷавонон маводи муҳим ба ҳисоб меравад.

**Калидвожа:** Ватан, ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, мутафаккир, тоҷик, насли наврас, ҷавон, Истиқлолият, сулҳ, ваҳдат.

# АНТОНИЯ ПАТРИОТИЗМА В ТРУДАХ ТАДЖИКИВО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ X-XI ВЕКОВ

**САИДИБРОИМОВ ШОЗОДАИБРОҲИМ ОДИЛШОЕВИЧ**
*к.п.н. доцент кафедры истории и философии, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана Адрес: 734055 Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5 E-mail: shozoda07.71@mail.ru*

**Аннотация.** Тема патриотизма, национального самосознания и уважения к высшим ценностям страны является одной из важных тем образовательного процесса, и её преподавание считается первостепенной и священной обязанностью каждого гражданина. Сегодня Правительство Республики Таджикистан, особенно Вождь Нации, достопочтенный Эмомали Рахмон, уделяет этому вопросу особое внимание, и преподавание этой темы осуществляется во всех научно-образовательных структурах. Патриотизм — сыновний долг каждого гражданина, и каждый гражданин страны должен внести достойный вклад в вечное сохранение мира и единства в обществе и независимости нашей любимой родины. Особенно в наше время, когда экстремистские и коварные группы в мировом сообществе подстрекают молодежь к участию во всевозможных террористических и крайне нежелательных действиях, долг молодежи — не терять политической проницательности и отказываться от вступления в эти группы. Следует отметить, что национальное самосознание, чувство патриотизма и верность Родине — это понятия, смысл которых является важнейшим долгом каж-

дого гражданина республики. Именно благодаря этому чувству патриотизма, несмотря на любые трудности или обман со стороны внешних сил, наша нация установила национальное единство в стране. Поэтому постоянное продвижение этих концепций имеет особое значение для молодого поколения страны. В этой связи в статье, опираясь на труды великих таджикских и персидских деятелей, мы исследовали и обосновали патриотизм и пути его формирования. Данная статья является важным материалом для учителей при проведении воспитательной работы с подростками и молодежью.

**Ключевые слова:** Родина, патриотизм, самопознание, самосознание, мыслитель, таджик, молодое поколение, молодежь, независимость, мир, единство.

## THE ANTONY OF PATRIOTISM IN THE WORKS OF TAJIKI-PERSIAN THINKERS OF THE 10TH-11TH CENTURIES

**SAIDIBROIMOV SHOZODAIBROIM ODILSHOEVICH**

*candidate of pedagogical science, dotsent Department of History and Philosophy International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Saidibroimov Shozodaibrohim Odilshoevich. Home address: 48/5 Borbad Street, Dushanbe, Tajikistan, 734055. E-mail address: shozoda07.71@mail.ru*

**ANNOTATION.** The theme of patriotism, national self-awareness, and respect for the highest values of the country is one of the important topics of the educational process, and its teaching is considered the primary and sacred duty of every citizen. Today, the Government of the Republic of Tajikistan, especially the Leader of the Nation, the Honorable Emomali Rahmon, pays special attention to this issue, and teaching this issue is implemented in all scientific and educational structures. Patriotism is the filial duty of every citizen, and every citizen of the country must make a worthy contribution to the eternal preservation of peace and unity in society and independence in our beloved homeland. Especially in modern times, when extremist and cunning groups in the global community are inciting young people to engage in all kinds of terrorist and extremely undesirable activities, it is the duty of young people not to lose their political acumen and refuse to join these groups. It should be said that national self-awareness, a sense of patriotism, and loyalty to the Motherland are phrases whose meaning is a vital duty for every citizen of the republic. It was this sense of patriotism that, regardless of any difficulties or deceptions of outsiders, our nation established national unity in the country. Therefore, the constant promotion of these concepts is of particular importance for the younger generation of the country. In this regard, in the article, based on the works of Tajik and Persian greats, we have investigated and substantiated patriotism and the ways of its formation. This article is an important material for teachers in conducting educational work with adolescents and young people.

**Keywords:** Homeland, patriotism, self-knowledge, self-awareness, thinker, Tajik, younger generation, youth, Independence, peace, unity.

Таҳқиқотҳо ва таҷрибаҳо собит намудаанд, ки инсон ҳанӯз аз лаҳзаи чашм ба олами ҳастӣ кушодан ба таълиму тарбия эҳтиёҷ дошта, берун аз он вуҷуд дошта наметавонад. Инчунин, инсон маҳз ба туфайли таълиму тарбия ба хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили ватандӯстӣ, саҳми арзанда гузоштан дар таҳкими сулҳу субот худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ соҳиб гашта, ба мартабаи баланди инсоният - шахси донишманду хушахлоқ мерасад.

Рӯёрӯӣ ба таҷрибаҳои ҷаҳонӣ имрӯза, рӯбарӯ шудан ба фарозу нишеби зиндагӣ, шоҳиди ҳоли неку бади ҳаррӯзаи замон гардидан тарбияи насли наврасро дар руҳияи арзишҳои миллӣ, ватандӯстиву сулҳу субот боз ҳам ногузир месозад. Пешравиҳои босуръати олам нишон медиҳанд, ки асри XXI аз аввали солшумории хеш бо дастовардҳо ва чолишҳои бесобиқа башариятро дар ҳайрат гузошта, аҳли илм,

бахусус, олимони соҳаи педагогикаро водор месозад, ки барои ҳифз ва ташаккули ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ ва амалӣ намоянд.

Аз ин лиҳоз, талаботҳо ба арҷ гузоштан ба арзишҳо ва андешаҳои миллӣ ва равнақ бахшидани онҳо беш аз пеш фузун мегардад. Маҳз ҳадафи таҳияи ин мақола аз тақвияти ҳаматарафаи ватандӯстӣ ва ба кор гирифтани беҳтарин таҷрибаҳои ниёгон, сабақҳо ва намунаҳо барои сохтани ояндаи босаодат ва намунаи ибрат иборат мебошад.

Таҳқиқи андешаҳои мутафаккирони форсу тоҷик, ки банда дар ин самт корҳои зиёди илмиро анҷом додаам, исбот менамояд, ки дар рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас, бахусус, ватандӯстӣ, андӯхтани таҷрибаи гузаштагону замони хеш, муҳити зист, шароити зиндагии маҳал, оин, урфу одат, анъанаҳои мардумиву миллӣ ва амсоли инҳо нақши бориз доранд. Масалан, малик-уш-шуаро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ “Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир”-ро [11, с. 87] муҳим мешуморад ва Унсурулмаолии Кайковус низ ба ин маънӣ панд медиҳад, ки дар тарбия додани фарзанд ба андӯхтани таҷрибаи рӯзгору ниёгон ҷалб кардани ӯ муҳим аст: “Охир гуфт: «Ҳар кӣ рӯзгор ӯро доно накунад, дар омӯзиши ӯ ҳеҷ касро ранҷ набояд бурд, ки ранҷи ӯ зоеъ бошад»” [13, с.48]. Муҳаққиқ Расулов Д. дар ин бора нигоштааст: “Дар ҷараёни тарбияи ахлоқии насли наврас ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки баробари меъёрҳои умумии ахлоқӣ ба ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахс, шароити маҳал, анъанаҳо ва урфу одатҳои маҳал таъсир мерасонад” [12, с. 82]. Аз ин иқтибосҳо низ бар меояд, ки андӯхтани панду андарзҳои гузаштагон, бохабар будан аз арзишҳову андешаҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллии насли наврас ва ҷавон саҳми назаррас мегузорад.

Масъалаи асосие, ки дар осори мутафаккирони форсу тоҷик ҷойгоҳи махсус дорад, ватандӯстӣ ва дар партави он хештаншиносиву худогоҳии миллӣ мебошад. Масалан, Рӯдакӣ дар Ватан буданро аз ҳамаи чиз авлотар дониста, ҷудоӣ аз Ватанро дарди сахту ҷонгудоз медонад. Дар шеъри “Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд” шоир боди Ватанро василаи шифои дили соҳибватан медонад ва аз он руҳу илҳоми тоза ва қувват мегирад:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи хушу мушки насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо бар вазад он бод,
Гӯи магар он бод ҳаме аз Хутан ояд [3, с. 87].

Дар тараннуми ватандӯстӣ, муҳаббату садоқат ба Ватан шеъри машҳури “Бӯйи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме”-и Рудакиро низ қайд намудан мақсаднок аст. Ин шеър буд, ки амир Наср ибни Аҳмадро аз Ҳирот ба Бухоро овард. Шунидани васфи табиати зебову бузургии Ватан шоҳро ба Ватан баргардонд. Аз як тараф тасвири зебои Рӯдакӣ, аз тарафи дигар фироқи Ватан боис гардид, ки амир ба Ватан баргардад.

Дардноку ҷонсӯз будани фироқ ва дурӣ аз ватанро мутафаккири бузурги асрҳои X-XI Ҳаким Носири Хусрав низ моҳирона ба қалам дода, аз ҷудоии Ватан шиква ва изҳори нороҳативу норозигӣ менамояд:

Бигзар, эй боди дилафрӯзи хуросонӣ,
Бар яке монда ба Юмгондара зиндонӣ.
Андар ин тангии бероҳат биншаста,
Холӣ аз неъмату аз зайъату деҳқонӣ.
Гашт чун барги хазоне зи ғами ғурбат,
Он рухи равшани чун лолаи бӯстонӣ [2, с. 115].

Ба ақидаи мутафаккирони бузурги форсу тоҷик чун Ватан азизу муқаддас аст, пас онро бояд гиромӣ дошт ва муҳофизат намуд. Дар муҳофизати Ватан аз ҷон, дороӣ ва ҳастии хеш бояд гузашт ва далерона ба ҳимояи он бояд бархост. Ба унвони мисол метавон овард, ки Абушакурӣ Балхӣ хавфи ҳуҷумҳои аҷнабиёнро ба хоки Ватани худ дида панд медиҳад:

Ба душман - барат устуворӣ мабод,
Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.
Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талх орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид! [16, с. 123].

Абулмуайяди Балхӣ (асри X) Ватанро чунон азизу муқаддас мешуморад, шахси тарсончаку аз корзор гурезонро бо таъқир зан мехонад:

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,
Зани зоч хонаш, махонаш далер! [12, с. - 117].

Ин ақида дар осори Ҳанзалаи Бодғисӣ низ мақоми марказиро дорост. Ин намояндаи бузурги асри X низ дар муҳофизати Ватан рӯёрӯйӣ ба маргро муҳим ва ҳатто қарзи фарзандӣ дар назди Ватан мешуморад:

Меҳтаре, гар ба коми шер дар аст,
Шав хатар кун, зи коми шер биҷуй.
Ё бузургию иззу неъмату чоҳ,
Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй [12, с. 237].

Ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷик оид ба ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми он ба ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд ва ин мутафаккирон ҷонбозиҳову ҷоннисориҳоро дар ҳифзи Ватан хислати далериву мардонагӣ мешуморанд. Назар меандозем ба афкори Фирдавсӣ:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
Чунин гуфт муъбад, ки «мурдан ба ном
Беҳ, ки душман бар ӯ шодком».
Нигар то натарсӣ ту аз маргу чиз,
Ки кас бе замона намурдаст низ.
Вагар кушт хоҳад ҳаме рӯзгор,
Чи некӯтар аз марг дар корзор.
Бикӯшему мардӣ ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем [1, с. 210].

Бале, Ватан чун модар муқаддас ва беҳамтост. Ниёгон муҳим мешумориданд, ки фарзардонро дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намоем ва аз хурдӣ дар ниҳоди онҳо тухми муҳаббат ба Ватан ва марзу буми он корида тавонем. Масалан, яке аз мавзуъҳои асосие, ки аз қадим мардуми тоҷик дар таълиму тарбияи фарзанд, насли наврас ва ҷавон ба он диққати асосӣ медоданд ва мавзуи марказии афсонаҳои халқӣ буд, ин муҳаббат ба Ватан ва муҳофизати он буд. Дар афсонаҳои халқӣ асосан симои бадӣ ва душмани Ватан деву аждарҳо ва амсоли инҳо буданд ва мардони шуҷоъ ба ҳайси қаҳрамон ин девҳоро нобуд ё бадрағa намуда, мардуми деҳ ё шаҳрро аз ӯ озод менамуданд. Шояд ин афсонаҳо хаёлӣ бошанд, вале масдари ҳақиқат дошта, нақши бориз дар тарбия, муҳофизати Ватан ва арзишҳои миллӣ мегузоштанд. Афсонаҳо мазмуни баланди ватандӯстӣ, муҳофизати Ватан, дӯст доштани диёр ва кишвари хеш, тоза нигоҳ доштани он ва дигар мавзуъҳои ба он вобастаро тараннум мекарданд. Пас ба қавли Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз овони кӯдакӣ ҷалб намудани фарзандон ба омӯхтани осори мутафаккирони форсу тоҷик муҳим аст. Китобхонӣ, дониши баланд ва ахлоқи намунавӣ омили асосии ташаккули ватандӯстӣ мебошад.

Дар асоси ақидаҳои мутафаккирон, шоирону олимони тоҷик яке аз заминаҳои асосии ватандӯстӣ муносибати нек бо мардуми атроф, халқу миллатҳои гуногун, иттиҳоду иттифоқ ва нақши муассир гузоштан дар таҳкими сулҳу субот мебошад.

Имрӯз замоне расидааст, ки набояд насли наврас ё ҷавон ба кӯчактарин хато роҳ диҳад, зеро вазъи пурпечутоби дунё барои мубаддал гаридидани хатои кӯчак ба бузург замина мегузорад ва ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллиро халалдор мекунад. Ба унвони мисол даст задан ба дуздӣ, ё танҳо гоҳ – гоҳ истифода бурдани маводи мухаддир ва дигар хатогиҳо метавонанд одамро то ба дараҷаи хурофотпарастӣ, ифротгароиву амали терористӣ оварда расонанд. Аз ин лиҳоз панди "илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ"-ро бояд ҳама вақт шиори зиндании худ қарор дод, ба қавли мутафаккири бузурги тоҷик Фирдавсӣ:

Бикуш оташи хурд пеш аз газанд,
Ки гетӣ бисӯзад чу гардад баланд. [1, с. 126].

Тавре дар боло қайд гардид, барои расидан ба мартабаи баланди ватандӯстӣ андӯхтани илму донишро мутафаккирони форсу тоҷик муҳим мешуморанд, зеро касе, ки доност, раҳнамояш ақлу хирад аст ва хирадгароро ватндӯстӣ, сулҳу салоҳ пешаву андеша аст. Он, ки ғарқаи баҳри нодонӣ гашта бошад, марому мақсудаш на дӯстиву иттиҳод андохтан дар миёни мардум аст, балки коштану коридани тухми кина кори ӯст:

Ҳама ниюшаи хоҷа ба некӯию ба сулҳ аст,
Ҳама ниюшаи нодон ҷангу фитнаву ғавғост[12, с. 87].

Аз таҳлилҳои мухтасари дар боло оварда ба хулоса омадем, ки дар осори мутафаккирони форсу тоҷик тараннуми ватандӯстӣ мавқеи асосӣ дорад ва ватандӯстиву ободии Ватан яке аз қисматҳои ҷудонопазири ашъори ин шоирон мебошад. Аз ин лиҳоз, дар рафти дарс дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ, фаъолиятҳои беруназдинфӣ, соатҳои синфиву тарбиявӣ, маҳфилҳои адабиву фаннӣ, чорабиниҳои мухталиф истифода бурдани осори мутафаккирони форсу тоҷики ба Ватан ва ватандӯстӣ бахшидашуда мақсаднок ва дорои аҳамият аст. Масъалаи ватандӯстӣ имрӯз мавзуи мубрами рӯз аст ва барои расидан ба ин мақсад насли наврасу ҷавонро бояд ба омӯзиши ашъори гузаштагону муосирон ҷалб намуд ва шавқу рағбати онҳоро ба ҳифзи ашъори шуаро такон бахшид, муҳаббати шеъру шоирӣ ва хонданро дар ниҳоди насли наврас парваридан вазифаи асосии ҳар як аъзои ҷомеа аст.

## АДАБИЁТ


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1. / А.Фирдавсӣ. -Душанбе, 1963. -478 с.
2. Носири Хусрав. Куллиёт (осори фалсафӣ ҷилди 3) / Н.Хусрав.- Душанбе: Нашриёти «Нодир», 2004. -353 с.
3. Осори Рӯдакӣ. Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзрев /. -Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сатлинобод, 1958. 541 с.
4. Р.Муқимов. Санъати замони Абуалӣ ибни Сино // Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ / Р.Муқимов, А.Раҷабов. - Душанбе: Дониш, 2005. - 470 с.
5. Раҳимова Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик / Б.Рахимов, А.Нуров. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. - 295 с.
6. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. Муҳаррир: К.Абдураҳимов / Э, Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2007. – 144 с.
7. Раҳмонов Э. Уфуқҳои Истиқлол / Э.Раҳмон. –Душанбе: Ганҷ -нашриёт, 2018. – 436 с.
8. Расулиён К. Пешинаи ориёӣ ва ақвоми ориёӣ // Адаб, 2010, №4-5. - С. 12-16.
9. Ризвоншоева, Г.Н. Афсонаҳои серомези Бадахшон (таҳқиқи ғоя ва образ) / Г.Н. Ризвоншоева. – Душанбе: Дониш, 2011. – 256 с.
10. Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯзӣ / Р.Шаъбонӣ. - Душанбе, 2011. - 300 с.
11. Рӯдакӣ А. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи К. Рустам / А.Рӯдакӣ.- Олиотӣ, 2007. -256 с.

12. Саидиброимов Ш.О. Усулҳои ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллии насли наврас бо истифода аз ашъори шуарои муосири тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020 №7 С. 223-229.

13. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома / У.Кайковус. -Душанбе, Маориф, 2016. -239 с.

14. Файзулло Шарифзода. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф. Шарифзода. –Душанбе: «Ирфон». – 2010. – 543 с.

15. Фидолиева З. Нақши зан-модар дар оила (мақола). // Раҳнамои омӯзгор № 11 (143), Хоруғ, 2014.- С. 22-24.

16. Ҷ. Амир. Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ (хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия)» / Ҷ. Амир, М. Холов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. – 134 с.

**УДК 37.01**

# АҲАМИЯТИ ПРИНСИПИ АЁНИЯТ ВА ИСТИФОДАИ РӮНАМО (ПРЕЗЕНТАТСИЯ) ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ЭТИКА ВА ЭСТЕТИКА

**ҲАЙДАРОВ АБДУСАМАД АЛИФБЕКОВИЧ**
*н.и.п., дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: avsamad@bk.ru.*

**Аннотатсия**. Муаллиф дар ин мақола роҷеъ ба аҳамияти истифодабарии ВТТ, усулҳои фаъоли таълим ва презентатсияҳо зимни таълими фанни этика ва эстетика андешаҳои хешро баён менамояд. Муаллиф, инчунин менигорад, ки усули 90-дақиқагӣ барои соати дарси таълимӣ ва барои аз худ намудани мавзуи дарс бартарӣ хоҳад дошт. Вале барои ин каме муҳлат лозим аст, то омӯзгорони ҷавон ва донишҷӯён ба ин вақт мутобиқ шаванд. Андешаҳои муаллиф дар бораи мавзуъҳои барои рӯнамо ҷудо намуда ва аз донишҷӯён зимни дарсҳои КМРО ихтиёран талаб намудани презентатсия (рӯнамо) низ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

**Вожаҳои калидӣ:** *принсип, принсипи аёният, рӯнамо, таълим, этика, эстетика*

# ЗНАЧЕНИЕ ПРИНЦИПА НАГЛЯДНОСТИ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРЕЗЕНТАЦИИ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ДИСЦИПЛИНЫ ЭТИКИ И ЭСТЕТИКИ

**ХАЙДАРОВ АБДУСАМАД АЛИФБЕКОВИЧ**
*к.п.н., доцент кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: avsamad@bk.ru.*

**Аннотация.** В данной статье автор излагает свои мысли о важности использования технических средств обучения, методов активного обучения и презентаций при преподавании этики и эстетики. Автор также считает, что 90-минутный метод был бы предпочтительнее с точки зрения усвоения материала урока. Однако молодым учителям и ученикам потребуется некоторое время, чтобы адаптироваться к такому расписанию. Также будут иметь значение мысли автора относительно тем, выделенных для презентаций, и требования к презентациям от студентов во время занятий по СРСП.

**Ключевые слова:** *принцип, принцип наглядности, презентация, обучение, этика, эстетика.*

# THE IMPORTANCE OF THE PRINCIPLE OF VISUAL CLARITY AND THE USE OF PRESENTATIONS IN THE TEACHING PROCESS OF ETHICS AND AESTHETICS

**HAIDAROV ABDUSAMAD ALIFBEKOVICH**
*Ph.D., Associate Professor of the Department of History and Philosophy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: avsamad@bk.ru.*

**Annotation.** In this article, the author expresses his thoughts on the importance of using technical teaching aids, active learning methods and presentations in teaching ethics and aesthetics. The author also believes that the 90-minute method would be preferable in terms of learning the lesson material. However, it will take some time for young teachers and students to adapt to this schedule. The author's thoughts on the topics allocated for presentations and the presentation requirements from students during the IRSW (Independent work of a student with the participation of a teacher) classes will also be important.

**Key words:** *principle, principle of visual clarity / principle of visual learning, presentation, education / teaching, ethics, aesthetics*

Рушди босуръати тамаддунҳои муосир ва ҳамсафари сунъии онҳо- ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳангу маорифи тамоми кишварҳои олам, хусусан мамолики дорои рушди миёна ва суст ва ақшори мухталифи ҷомеаи онҳо таъсири амиқ, бебозгашт ва боризи худро гузошта истодааст. Ин раванд ҳам аз ҷанбаҳои мусбат ва ҳам аз ҷанбаҳои манфӣ бархурдор мебошад.

Истифодаи бамавқеъ аз он, ба он оварда мерасонад, ки фарҳангҳои алоҳидаи мардуми олам ба тамаддуни умумибашарӣ равобите бештаре касб намуда, ба он пайваст шаванд. Истифодаи стихиявӣ ва содалавҳона боиси он мегардад, ки мардуми мамолики дорои иқтисодиёти сусттараққикарда аз унсурҳои асосии фарҳангии хеш дер ё зуд маҳрум хоҳанд гашт. Дур мондан ва напазируфтани пешрафти муосир низ, битамом имконнопазир аст.

То солҳои наздик ва ҳоло ҳам аксари омӯзгорони насли калонсол муқобили истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанни этика ва эстетика мебошанд. Онҳо истинод бар он мебанданд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) рақамикунонӣ боиси бесаводтар гардидани шогирдон хоҳад шуд. Ба андешаи онҳо, чун заминаи дониши шогирдон аз макотиби мутавасита суст мебошад, барои онҳо танҳо истифодаи усулҳои таълими суннатӣ созгор асту бас. Агар тибқи андешаҳои онҳо амал кунем, то садсолаҳои наздик аз ихтирои чархи ароба болотар иқтидор нахоҳем дошт.

Вале рушди имрӯзаи ҷомеа тақозоҳои қатъии хешро дорад, риоя ва аз бар кардани онҳо ҳам аз ҷониби насли ҷавон, ҳам миёнсол ва ҳам калонсол зарурӣ хоҳад буд.

Мусаллам аст, ки насли калонсоли ҷомеа дар тамоми тули мадиди таърих пайваста ҷонибдори тамоюли консервативӣ буд ва дигаргуниҳои ҳам муфид ва ҳам музирро намепазируфт ва ё ин ки дертар қоил мегардид.

Вале насли миёнсол тарроҳи ин ҳама дигаргуниҳо ва насли ҷавон иҷрогар ва амалисозандаи ин нақшаҳо буданд ва мебошанд.

Пешрафти ҷомеаи имрӯза ва маорифи имрӯза бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонӣ сахт марбут мебошад:

“Техникаи кайҳонӣ, энергетикаи атомӣ, лоиҳаи объектҳои мукаммалтарини базаи информатсия ва донишро беистифодабарии компютер тасаввур кардан маҳол аст”[1,31].

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, яке аз нахустин ташаббускорони гузаштан ба низоми кредитии таҳсил буда, базаи мустаҳками васоити техникии таълим ва иқтидори кофии потенсиали мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи мазкур мебошад. Ҳануз дар соли 2008-2009 тамоми омӯзгорони синну соли мухталиф курси мазкурро хатм намуда, соҳиби сертификат гардидаанд. Баъдан курсҳо оид ба истифодабарии тахтаи электронӣ низ борҳо баргузор гардид. Пас бо итминон метавон гуфт, ки аксарияти омӯзгорон метавонанд, ки бемалол аз ВТТ ва тахтаи электронӣ истифода бурда, дарсҳои хешро муассиртару шавқовартар гузаронанд.

Яке аз тамоюлҳои муҳими улуми замони муосир ин баҳамназдикшавии илмҳо ва фанҳои таълимӣ мебошад. Инчунин, бояд зикр намуд, ки ҳатто истилоҳоти махсуси соҳаҳои гуногун метавонанд, ки мавриди истифодаи фунуни дигар бигиранд. Яъне ҳамгироии фанҳо бештар ривоҷ ёфта истодааст.

Дар силки ин фунун метавон этика ва эстетикаро ҳамчун илм ва фанни таълимӣ шомил сохт. Этика ва эстетика аз илмҳои гуманитарӣ – фалсафа, психология, таърихро ва аз улуми табиӣ – анатомия, қавонин ва баъзе истилоҳоти соҳаи физикаро фарогир мебошад. Этикаро асрҳо фалсафаи амалӣ низ номидаанд. Технологияҳои иттилоотии муосир низ аз ин доира берун намемонад. Зеро яке аз вазифаҳои асосии этика ва эстетикаи муосир вазифаи иттилоотӣ ва ахбордиҳии ҷомеа низ мебошад. Дар гузашта ин вазифа дар натиҷаи равобити байни давлатҳо, рафтуои одамон ва матбуот дар муддатҳои дароз амалӣ мегардид. Имрӯзҳо ин вазифаи этика ва эстетика бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир дар кӯтоҳтарин лаҳзае амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, фарҳанги асри XXI-ро фарҳанги иттилоотӣ низ мегӯянд [1,63].Технологияҳои иттилоотӣ, яке аз феноменҳои

фаҳанги иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд, аз ин хотир, хусусиятҳои хоси фарҳанги иттилоотӣ мавриди омӯзиши бевоситаи илми этика ва эстетика қарор гирифтааст.

Дастовардҳои илмҳои муосир омӯзгори фанни этика ва эстетикаро вазифадор менамомояд, ки ба ин масъала жарфтар ва амиқтар нигарад ва дар истифодаи онҳо зимни тадриси ин фан саҳмгузор бошад. Танҳо омӯзгоре, ки аз истифодаи ин усул баҳраманд аст, худро муваффақ ҳисобида метавонад.

Дар ҳақиқат, дар солҳои охир кредити фанни этика ва эстетика, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷае кам карда шудааст, ки он боиси таассуф аст. Кредити фанни этика ва эстетика ба 2 кредит, яъне ба 48 соат бо иштироки омӯзгор фароварда шудааст ва ин 2 фанро бо ҳам омехтаанд, ки он дар якҷоягӣ 2 кредит бо иштироки омӯзгорро ташкил медиҳад.

Лекин ба ин мушкилӣ нигоҳ накарда, омӯзгорони фанни этика ва эстетика аз истифодаи ВТТ ва усулҳои фаъоли таълим бояд истифода баранд.

Фанни этика ва эстетика ҳамагӣ 48 таълим дода мешавад ва он 16 соат лексия, 16 соат дарси амалӣ ва 16 соат КМРО- мебошад.

Дар дарсҳои лексионӣ омӯзгор метавонад, ки мавзуъҳои муҳимро бо презентатсия гузарад. Барои мисол, зимни гузаштани дарси "Этикаи бостонии Шарқ" омӯзгор, худ беҳтар аст дар бораи ахлоқ дар Эрони қадим презентатсия нишон диҳад. Вале дар дарси КМРО-и ҳамин мавзуъ (мавзуи "Этикаи Ҳинду Чин, Эрони бостон") омӯзгор бояд ба донишҷӯён супориш диҳад, то ки онҳо, ихтиёран дар бораи ин мавзуъҳо презентатсия тайёр намоянд. Ин иқдом аз як тараф сарфаи вақт хоҳад буд ва аз тарафи дигар шавқи мустақилона омӯхтанро дар вуҷуди донишҷӯёни бедор менамояд. Таҷрибаи солҳои гузашта нишон дод, ки омода намудани презентатсия барои дарсҳои КМРО, на танҳо донишҷӯёни фаъолу хубхонро, балки донишҷӯёни сустхонро низ ба таҳрик ва шавқ меорад. Зимни таҳияи рӯнамо (презентатсия), донишҷӯ оид ба мавзуи додашуда маълумоти зиёде дастрас менамояд ва дар давоми дарси КМРО мекӯшад, ки дониши худро нишон диҳад, чизи аз дигарон бештар пайдокардаи хешро нишон диҳад.

Инчунин, омӯзгор мавзуи "Этикаи атиқаи Юнон ва Рими қадим"—ро низ метавонад, ки чун супориш барои машғулияти амалӣ пешниҳод намояд. Бигузор шогирдон мавзуъҳои кори мустақилонаи донишҷӯро низ ба тариқи презентатсия тайёр намоянд. Соли таҳсили гузашта мавзуъҳои КМД: "Чехраҳои мондагор"- Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти он дар тарбияи ахлоқии насли ҷавони имрӯза", "Нақши Паёми Президент ҶТ Эмомалӣ ба Маҷлиси Олии ҶТ дар пешрафти фарҳанги миллӣ" барои донишҷӯён чун мавзуъҳои интихобӣ пешниҳод гардида буданд. Бархе КМД-ро шакли реферат ва қисми каме дар шакли презетатсия пешниҳод намуданд. Баъди нишон додани намоиш (презентатсия), шогирдоне, ки КМД-ро пешниҳод намуда буданд аз дидани бартарии намоиш ба ваҷд омада, хоҳиш карданд, ки онҳо ҳам метавонанд, чунин намоишро таҳия кунанд, агар омӯзгор қабул намояд.

Чи қадаре, ки маводи таълимӣ тавассути васоити техникии таълим ба донишҷӯён пешниҳод карда шавад ва присипи аёният истифода бурда шавад, дониши онҳо ҳамон қадар амиқу устувортар мегардад.

Асосгузори принсипи аёният Ян Амос Коменский мебошад. "Қоидаи тиллоии дидактика"- маҳсули кори ӯст. Ин присипро педагогони машҳури дигари олам И.Г.Песталотси ва К.Д.Ушинский тақвият ва такомул бахшидаанд[5, 412].

Дар радифи омӯзиши фанни этика ва эстетика метавон роҷеъ ба масъалаи омӯзиши забонҳо тавассути компютер низ қайд намуд, ки ин равиш дар мамолики хориҷа даҳсолаҳо қабл ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор оварда буд. Дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба андешаи мо нақшеро, ки ИНТЕРНЕТ бозида метавонад, на ҳар омӯзгор бар он қодир буда метавонад, зеро дар он тамоми намуди китобҳои дарсӣ, фарҳангномаҳои дузабона ва баръакс, муҳоварҳо, текстҳо, топикҳо ва дарсҳо оиди талаффуз ва имлои калимаҳои забони омӯхташуда мавҷуд ва дастраси донишҷӯён мебошад.

Барои омӯзгорон низ ин мавод, бемузду миннат устоде, раҳнамое буда метавонад. Бинобар ин, омӯзгор доставвал худ бояд, инро биёмӯзад.

Чи тавре ки маълум аст, барномаи дурустнависӣ ва талаффузи дурусти калимаҳои забонҳои ҷудогона солҳост, ки мавриди истифодаи забономӯзон қарор дорад. Чунин барномаҳои саҳеҳи дурустнависӣ ва талаффузи дурусти калимаҳои забони тоҷикӣ алҳол дастраси ҳамагон нагардидааст.

Зеро омӯзиши забонҳо тавассути интернет, на танҳо барои лингвистҳо, балки барои омӯзгорони дигар фанҳо аз ҷумла этика ва эстетика низ аз манфиат орӣ нахоҳад буд.

Бале, истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ, ВТТ ва усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои этика ва эстетика, бартарияти зиёдеро нисбат ба усулҳои суннатии таълим дар худ доранд.

Омӯзгорон бар он андешаанд, ки соатҳои муқарраргардида ҳатто барои омӯзондани имло кофӣ нест, чӣ сазад, ки боз ба тахтаи электронӣ ва дигар усулҳо руҷуъ намуд. Ба ҳар ҳол, омӯзгор мусаллам аст, ки доставвал силлабуси таҳиякардаи хеш, матни лексияҳои таҳияшудаи электронии фанро дастраси донишҷӯён мегардонад. Китобҳои электронии марбутаи фанни таълимии этика ва эстетика, тестҳои рейтинги аввал, маводи КМРО, дарсҳои амалӣ низ дастраси донишҷӯён гардонида мешаванд. Ин аз як тараф хуб аст, вале бояд қайд намуд, ки бо ин роҳ донишҷӯён ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши мустақилона шавқу завқ пайдо нахоҳанд кард.

Хулоса, мавриди истифодаи бамавқеъ қарор додани технологияҳои иттилоотӣ, дар ҳақиқат, боиси пешравист. Вале дар хотир бояд дошт, ки ноуҳдабароёна ва бедиққат истифода бурдани онҳо ва аз ҳад зиёд низ эътибор додан ба онҳо донишҷӯро аз фаҳмиши умумии фанни тадрисшаванда дур месозад: “Аз ҳад зиёд ба аёният эътибор додан барои чуқур аз худ намудани дониш халал мерасонад, пеши роҳи фикри абстрактӣ ва дарк намудани моҳияти қонуниятҳои умумӣ ва ҷамъи онҳоро мегирад”[5, с.414].

Имрӯзҳо тадриси соатҳои дарсӣ бо ташаббуси раёсати ДБССТ дар фарогирии 90 дақиқагӣ муайян гардидааст. Ба андешаи мо, баъди мутобиқ гардидани донишҷӯён ва омӯзгорони ҷавон ба ин усул самаранокии он нисбат ба низоми 50 дақиқагӣ афзалтар хоҳад буд. Барои истифодаи ВТТ ва рӯнамову усулҳои фаъоли таълим мусоидат низ фаровонтар мегардад.

**АДАБИЁТ**:

1. Капранова, М.Н. Роль иформации в современном обществе/ Сборник молодых Учёных МГУКИ.М.,2006.
2. Каптерев, А.И.Мультимедиа как социокультурный феномен / . М.,2002.
3. Комилов Ф. С. Информатикаи татбиқӣ.-Душанбе, 2009.
4. Комилов Ф.С.Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ.-Душанбе, 2016.
5. Раҳимов Х., Нуров А.Педагогика.-Душанбе, 2011.
6. Ҳайдаров А.А. Педагогика.-Душанбе, 2015.
7. Шоҳназар Б., Баҳодур Ш. Этика.-Душанбе, 2016.

**УДК 37.03**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАКМИЛИ АХЛОҚИ НАСЛИ НАВРАСУ ҶАВОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**ЁДГОРШОЕВА ЛОЛА НАЗРИШОЕВНА**

*муаллимаи калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055 Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5 E-mail: yodgorshoevalola@gmail.com*

Илми педагогика исбот намудааст, ки яке аз вазифаҳои тарбия ин тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавон мебошад. Таърих шоҳиди ҳол аст, ки баробари тараққиёти ҷамъият ахлоқ тағйир меёбад, он категорияи доимии тағйирёбанда буда, бо мурури замон аз нав сохтани ҷамъият ва бо имтинони афкори ҷомеа дастгири меёбад. Бахусус, дар замони муосир талабот ба ахлоқ, меъёр ва рафторҳои шоистаи насли наврас ва ҷавон муносибати навро тақозо дорад, зеро ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад. Илму дониш ва тарбияи дуруст дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳад. Забон, адабиёт, таърих, манбаъҳои хатти ва шифоҳи, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телевизион, маводи компютер, шабакаи «Интернет», воситаи ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас ва ҷавон нақши асоси доранд. Маърифат ва одобу ахлоқ воситаест, ки насли наврас ва ҷавон ва дар маҷмӯъ фард ва ҷомеаро аз кулли ҳодиса ва мушкилоту нобасомониҳо наҷот медиҳад.

Пас омӯзгорону падару модар  ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки кӯдакон, насли наврасро ҳамчун инсони дорои маърифат, илму фарҳанг ва ахлоқ тарбия намоянд, зеро фарҳангу илму ахлоқ беҳтарин аслиҳа, бузургтарин сармоя ва қудратест, ки миллат ва ҷомеаро аз ҳама хавфу хатар нигоҳ медорад.

Вобаста ба ин дар ин мақола мо андешаҳои навро оид ба такмили ахлоқи насли наврас ва ҷавон ба таҳқиқ фаро гирифтем. Мақолаи мавзкур барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумиву олии ва доираи васеи таълимдиҳандагон маводи муфид аст.

**Калидвожаҳо:** насли наврас, ҷавон, ахлоқ, падару модар, омӯзгор, таълим, тарбия, китобхони, осори бузургон, натиҷа.

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОВЫШЕНИЯ НРАВСТВЕННОСТИ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ

**ЁДГОРШОЕВА ЛОЛА НАЗРИШОЕВНА**

*старший преподаватель кафедры истории и философии, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055 Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5 E-mail: yodgorshoevalola@gmail.com*

Педагогическая наука доказала, что одной из задач образования является нравственное воспитание подростков и молодежи. История свидетельствует о том, что мораль меняется по мере развития общества; это постоянно меняющаяся категория, поддерживаемая с течением времени перестройкой общества и формированием общественного мнения. В частности, в современную эпоху требования к морали, нормам и достойному поведению всё более молодых поколений требуют нового подхода, поскольку мораль является элементом, связывающим другие части образования и формирующим основу гражданской активности. Наука, знания и правильное воспитание формируют духовный мир человека. Язык, литература, история, письменные и устные источники, исторические памятники, произведения искусства, радио- и телепрограммы, компьютерные материалы, Интернет и средства массовой информации играют ключевую роль в нравственном и духовном воспитании всё более молодого поколения. Образование и нравственность - это средства, которые спасают

всё более молодое поколение, а также отдельного человека и общество в целом от всевозможных происшествий, проблем и невзгод.

Поэтому учителям, родителям и обществу необходимо воспитывать детей и молодое поколение как знающих, научно подкованных, культурных и этичных людей, поскольку культура, наука и этика — это лучшее оружие, величайший капитал и сила, защищающая нацию и общество от всех опасностей и угроз.

Связи с этим в данной статье мы рассмотрели новые идеи по повышению морального духа молодого и младшего поколений. Статья является полезным ресурсом для преподавателей общеобразовательных и высших учебных заведений, а также для широкого круга педагогов.

**Ключевые слова:** молодое поколение, молодежь, мораль, родители, учителя, образование, воспитание, чтение, труды великих людей, результат.

## PEDAGOGICAL FOUNDATIONS FOR IMPROVING THE MORALS OF THE ADOLESCENT AND YOUNG GENERATION IN MODERN TIMES

**YODGORSHOEVA LOLA NAZRISHOEVNA.**

*The Senior Lecturer, Department of History and Philosophy International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Home address: 48/5 Borbad Street, Dushanbe, Tajikistan, 734055. E-mail address: yodgorshoevalola@gmail.com*

Pedagogical science has proven that one of the tasks of education is the moral upbringing of the adolescent and young generation. History is a witness that morality changes as society develops, it is a constantly changing category, supported over time by the reconstruction of society and the formation of public opinion. In particular, in modern times, the demand for morality, norms and decent behavior of the younger and younger generations requires a new approach, because morality is an element that connects other parts of education and forms the basis of citizen activity. Science, knowledge and proper upbringing form the spiritual world of man. Language, literature, history, written and oral sources, historical monuments, works of art, radio and television programs, computer materials, the Internet, and mass media play a key role in the moral and spiritual upbringing of the younger and younger generation. Education and morality are the means that save the younger and younger generation, and the individual and society as a whole, from all kinds of incidents, problems, and troubles.

Therefore, it is necessary for teachers, parents, and society to educate children and the younger generation as knowledgeable, scientific, cultural, and ethical people, because culture, science, and ethics are the best weapons, the greatest capital, and the power that protects the nation and society from all dangers and dangers.

In this regard, in this article we have explored new ideas on improving the morals of the younger and younger generations. The article is a useful resource for teachers of general and higher education institutions and a wide range of educators.

**Keywords:** younger generation, youth, morality, parents, teachers, education, upbringing, reading, works of great people, result.

Дар шароите, ки насли наврасу ҷавон ҳаёт ба сар бурда истодааст, ҷаҳони глобали бо суръати баланд рушд дорад ва ин бевосита ба ахлоқи насли наврас таъсири худро мегузорад. Вобаста ба глоболизатсия нигаҳдошти арзишҳои милли ва анъанави, ки омили асосии инкишофи аҳлоқи шаҳрвандон мебошад, мавзуи мубрами рӯз аст. Аз таҳқиқотҳо ва таҷрибаҳо пурра аён аст, ки тарбияи хислатҳо ба монанди росткориву дурусткори, ватандӯсти, таҳаммулпазири, эҳтиром, ҷавонмарди, садоқату вафодори, некиву некукори ва дигар хислатҳои инсони таваҷҷуҳи бештарро тақозо дорад. Роҷеъ ба масъалаи мазкур олимони ватанию хориҷи амсоли олимони аврупои О.Г. Дробниский, А.А. Гусейнов, мутафаккирони тоҷику форс З. Рози, Фороби, Н. Тусӣ, Сино, Н. Хусрав, олимони муосири

тоҷик М. Илолов Х. Диноршоев Н. Идибеков, А. Самиев, Э. Лукшева, А.В. Мудрик, З. Мухторов, Б. Ализода ва У.Х. Бобоев ва дигарон андешаҳои асоснокро баён намудаанд. Мо аз таҷрибаҳо дарёфтем, ки маълумоти назариявиро қариб ҳамаи донишҷӯён ва ҷавонон дар бораи андешаҳои ахлоқии ин ва дигар донишмандон доранд, аммо вазифаи мо таълимдиҳандагон имрӯз саҳми назаррас гузоштан дар амали намудани раҳнамоҳиҳои бузургон дар ҷодаи тарбия мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки тарбияи ахлоқи ва хувиятсозии насли наврас ва ҷавон аз ташаккули худшиноси сарчашма мегирад ва он пояи асосии хештаншиноси мебошад, ки бевосита ба дарк намудани арзишҳои милли, бунёди ҳувият оварда мерасонад ва аз ҳама шаҳрванди кишвар доштани ҳисси миллиро тақозо менамояд. Мо дар ин роҳ нақши падару модар ва оиларо дар мадҳи аввал қарор медиҳем, зеро мактаби нахустини ҳаёт оила ва омӯзгори аввалини ин мактаб падару модар мебошанд: «Ба шарофати падару модар ахлоқ, маърифату маънавият ва беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагони мо аз насл ба насл интиқол ёфта, ба як мактаби бузурги тарбияи ахлоқи иҷтимои ва маънавии шахсият мубаддал мегарданд» [13, с. 17]. Ин иқтибос далели фикрҳои болои мо мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар тарбияи ахлоқии насли наврас мақоми асоси дорад, аз тараққиёти иқтисодиву иҷтимои баланд гузоштани мақоми маънавиёт, аз ҷумла, арзишҳои ахлоқи мебошад. Дар далели ин фикр мисол овардани тараққиёти давлатҳои абарқудрати дунё ба маврид аст. Имрӯз давлатҳои калонтарини дунё ба тараққиёти иқтисодиву иҷтимои диққати аввалиндараҷа дода, масъалаи ахлоқро дар навбати дуввум мегузоранд ва ё тамоман аз мадҳи назари онҳо дур аст. Натиҷа ин аст, ки ҷавонон аз ахлоқ дур монда, қурбони бозиҳои гурӯҳҳои террористиву экстеремисти мешаванд. Пас вазифаи таълимдиҳандагон имрӯз аз чи иборат аст? Дар ин бора Фирдавси овардааст:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти неки барем. [3, с. 32].

Мутафаккири бузурги тоҷик Абуали ибни Сино низ бар ин ақида аст. Ӯ дури ҷустан аз мардуми «музаввари бадасли бадгуҳар», ки гурӯҳои тундрави террористи, ифротгароиву хурофотпараст аз ҷумлаи онҳоянд ва дар вайрон кардани ахлоқи насли наврасу ҷавон даст доранд, таъкид мекунад:

Бо ҳар хасе зи рӯи ҳаво дӯсти мадор,
Бо ҳар касе зи содадили рози худ магӯй.
Бо мардуми музаввари бадасли бадгуҳар,
Дар кӯи мардуми зи паи дӯсти мапӯй [4, с. 287].

Ин андешаро мо дар осори Саноии Ғазнавӣ низ дарёфтем:

Манишин бо бадон, ки суҳбати бад,
Гарчи поки, туро палид кунад.
Офтоб ҳарчи равшан аст варо,
Пораи абр нопадид кунад [7, с. 198].

Дар асоси таҳқиқотҳои афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар навбати аввал тарбияи ахлоқии насли наврасу ҷавон, дури ҷустани ҷавонон аз ҳамнишинони бад ва бадхоҳ меистад. Аз андешаи болозикри Фирдавси, Сино ва Санои муайян намудем, ки доштани ҳамнишини солеҳву мувофиқ яке аз хислатҳои ҳамидаи инсони ба шумор рафта, дар ҳаёти наврасону ҷавонон нақши бориз дорад. Донишмандони болозикр ба аҷли башар тавсия медиҳанд, ки ҷавононро дар руҳияи баланди ватандӯсти, ободкориву созандаги тарбият бояд кард, зеро ояндаи ҳар як халқу миллат аз онҳо вобастааст ва рӯзе ҷаҳонро ба дасти онҳо месупорем ва онҳо бояд хуб эҳсос кунанд, дар амал нишон диҳанд, ки пешрафти ҷомеа танҳо ба як иқтисодиёт ва иҷтимоиёт вобаста нест, тавре дар боло қайд кардем, дар пешравии ҷомеа маънавиёт, аз ҷумла, арзишҳои ахлоқи нақши муассир доранд. Агар дар ҷомеа, бахусус насли наврасу ҷавон, киояндасози миллат аст, ахлоқ коста гардида бошад, фиребкори, бевиҷдони, баднафси, беэҳтироми, риёкори, ришвахури, чашмбанди, кинаву адоват, мунокишаандози, ифротгарой, хурофотпарасти ва дигар зуҳуротҳои номатлуб ҷой

дошта бошанд, пас, чунин ҷомеа новобаста аз тараққиёти баланди иқтисоди доштанаш, дур намеравад ва ҳатман ба шикасти ҷидди дучор мешавад.

Роҳи дигари такмил додани ахлоқи наврасону ҷавонон ба мутолиаи доимии осори мутафаккирони тоҷик, шоирону донишмандони замони муосир, омӯзиши ҳар чи бештари арзишҳои миллӣ ҷалб намудани онҳо мебошад. Аз таҳлилҳо хуб аён аст, ки мутолиаи доимии осори мутафаккирони тоҷик, шоирону донишмандони замони муосир, омӯзиши ҳар чи бештари арзишҳои миллӣ дар инкишофи илм ва ахлоқи хонандагон аҳамияти беандоза дорад. Маҳз дониши баланд ва рафтори намунавӣ инсонҳоро ба хештаншиносӣ ва худогоҳи мерасонад. Гузаштаи инсоният, зиндаги, машғулият, тамаддун, ҳаводис ва таҳаввулот маҳз тариқи доштани саводи баланди илми ошкор ва мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Омӯзиши таърихи ниёгон, воқиф будан аз гузаштаи худ ва барои сохтани ояндаи дурахшон ба кор бурдани таҷрибаҳои таърихи роҳи дигари такмили ахлоқи насли наврас ва ҷавон мебошад. Таърих як қисми ёди халқ аст. Бо ҳама пастию баландиҳояш, бо ҳама шахсиятҳои оқилу ҷоҳилаш дар ёди ҳамзамонону дар сабти қаламкашон боқи мемонад. Ҳар давру замони таърихи хусусиятҳои хоси худро дорад. Бо ҳамон хусусиятҳояшон ин давлатҳою халқҳо, ҳокимону қаҳрамонон ва аҳли заҳмат вориди таърих мешаванд. Дар таърих ҳар ҳодиса сабаб ва оқибат дорад ва вазифаи инсон он аст, ки сабаби рӯй додани ин ва ё он ҳодисаҳоро омӯзад ва оқибати бади онро пешгири кунад. Танҳо инсоне, ки таърихи миллати худро хуб омӯхтааст, дорои ифтихор ва ғурури милли мебошад. Таърихи миллати тоҷик, ки як ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи ҷаҳонист пеш аз ҳама ба ҷаҳонбини ва худшиносии хонанда таъсири мусбат мерасонад. Хонанда таърихи халқи тоҷикро аз худ намуда, ба бисёр саволҳои худ ҷавобҳои аниқ пайдо намуда, роҳи ояндаи худро дуруст ва бехато интихоб менамояд.

Пас омӯхтани таърихи гузаштагони худ на танҳо гузаштаро ба хотир меорад, балки барои зиндагонии имрӯза ва оянда кумак намуда, дар ҳаёти насли ҷавон нақши асоси дорад, ба қавли Пешвои миллат: «Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ сабақ гирад ва дурнамои ояндаашро муайян созад» [16, с. 13].

Қайд кардан муҳим аст, ки масъалаи тарбияи маънави - ахлоқи дар шароити имрӯза, ки бархурди тамаддунҳо ва омилҳои таъсиррасон ба мафкураи насли наврас ба воситаи сомонаҳои иҷтимои ва интернет ба назар мерасад, ба таври мубрам арзёби мегардад. Коста гардидани ахлоқи насли наврасону ҷавонон, пеш аз ҳама, агар ба сомонаҳои иҷтимои марбут бошад, дар ҳалли ин муаммо аҳли ҷомеа ва падару модарон низ сабабгор ҳастанд. Аз ин лиҳоз мо роҳи дигари ташаккули ахлоқи наврасону ҷавононро дар тарғибу одат кунонидани онҳо ба истифодаи дуруст ва бофарҳанги техникаи муосир, шабакаҳои иҷтимои медонем. Агар мо пайваста ин қишри ҷомеаро барои истифодаи телефонҳои мобили ва шабакаҳои иҷтимои танқид кунем, ин роҳи ҳал нест. Аҳли ҷомеа, мактаб, падару модар, зиёиён ва кулли ҷомеаро муҳим аст, ки нисбати ин масъала бетарафи зоҳир накунанд. Барои он ки ҷавонон маърифати созанда дошта бошанд, бояд ҳар як идораву муассиса, ҳар як фарди дилогоҳу ватандӯст, ҳар кадоми мо даст дар дасти ҳам ниҳем ва дар ҳамбастаги онҳоро аз ҷодаи торики гумроҳи берун намоем, сиёсати кунуни ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳоли, махсусан насли наврасу ҷавон амали намоем. Тарбияи наврасону ҷавонон вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ва муассисаву ниҳодҳои иҷтимои мебошад. Барои он ки қонуну тартиботи ҷамъияти то меъёри муайян риоя карда шавад, бояд падарону модарон ва кулли ҷомеа дар ин масъала ҳамкориро ба роҳ монда, якҷоя дар тарбияи ахлоқии насли наврасу ҷавон саҳмгузор бошанд. Албатта истифодаи шабакаҳои интернети тарафҳои зиёди мусби дорад, аммо на ҳар як насли наврас ва ҷавон онро ба мавқеъ истифода мебаранд. Барои мақсаднок истифода бурдани шабакаҳои иҷтимои ва фазои иттилооти аз тарафи насли наврасу ҷавон мо пешниҳод мекунем:

- ҳар яки мо маданияти истифодабарии шабакаҳои интернетиро риоя карда, дар навбати худ онро ба насли наврас ва ҷавон омӯзонем, ки онҳо низ баҳра бурда, унсурҳои зарарнок, ақидаҳои харобиовари бегонаро фарқ карда тавонанд;

- риояи вақт ва ба қадри вақти худ расидан бояд дар ниҳоди насли наврас ва ҷавон тарбия дода шавад, яъне истифодаи интернет низ вақти муайянро бояд дошта бошад;

- падару модар, ҷавонони пешқадаму ватандӯст, омӯзгорон, шахсони ботаҷриба бояд истифодаи шабакаҳои интернетиро аз тарафи ҷавонон назорат баранд:

- анъанаи китобхони, азёд кардани осори шоирону адибони бузурги тоҷик дар ҳар як оила эҳё ва ба ҳукми анъана даровarда шавад;

- назорат бурдан муҳим аст, ки ҷавонон набояд ба маводҳои порнографи, ифроти ва ғайриахлоқи дастраси дошта бошанд;

- насли наврас ва ҷавон бояд хуб дарк намоянд, ки дар мавриди истифодаи шабакаҳои иҷтимои фарҳанги баланди истифодабарии шабакаи Интернетро аз худ намоянд ва вобастаи ашадии интернет ё шабакаҳои иҷтимои нашаванд;

- таҷрибаи кофии робитаҳои иҷтимоию иртиботи дар насли наврасу ҷавон тақвият дода шавад;

- дар ниҳоди насли наврасу ҷавон муҳаббат ба омӯхтани осори гузаштагон тақвият дода шавад, то онхо бештар Интернетро барои хондани осори бузургон истифода баранд;

- ҷалби ҷавонон ба маҳфилҳое, барои дуруст гузарондани вақти холи, таъмини иштироки онҳо, ташкили мизи мудаввар бо ҷавонон, бозиҳои варзиши ва амсоли инҳо.

Дар баробари инкишоф додани қобилияти илмии хонандагон, ба корҳои илмиву эҷоди, равнақи ҳунарҳои мардуми ҷалб намудани онҳо мақсаднок аст, ки ин роҳи дигарест, ки дар такомули ахлоқии онҳо мусоидат мекунад. Насли наврасу ҷавон, масалан, хонандагону донишҷӯёнро ба корҳои эҷоди навиштани шеъру ҳикоя, ҳунарҳои мардуми аз қабили дуредгари, сохтмончи, устои таъмири хона ё нақлиёт ва амсоли инҳо ҷалб намуда, шавқу рағбаи онҳо фузун мегардад, онҳо ба корҳои беҳуда вақт намеёбанд ва ҳатто дар бораи корҳои характери манфидошта фикр ҳам намеунанд.

Дар охир хулоса карданием, ки роҳи аз ҳаме беҳтари такмили ахлоқи насли наврасу ҷавон диқққати асоси равона кардан ба тарбияи фарзанд аз хурдсоли ва ҳатто аз рӯзи ба дунё омадани ӯ мебошад. Зеро сарчашмаи асосии тарбия даврони кӯдаки ва ҳатто дар батни модар будани фарзанд мебошад. Дар ин бора муаллими ахлоқ - Саъди Шерози таъкид менамояд, ки одобу ахлоқро бояд аз кӯдаки оғоз кард, зеро агар дар кӯдаки инсон аз адаб дур бошад, пас дер хоҳад шуд:

Ҳар ки дар хурдияш адаб накунад,
Дар бузурги фалоҳ аз ӯ бархост.
Чӯби тарро, чунон ки хоҳи, печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост. [12, с. 214].

Яъне ба ақидаи Саъдӣ шохаи тару тозаро ҳар тавре мехоҳи, печу хам мекуни, аммо чун хушк шуд, дигар рост кардани он душвор аст ва, агар бо зӯр онро рост куни, мешиканад.

Чанд андешаи дар боло овардашуда насли наврасу ҷавонро ба зоҳир намудани ғайрату ташаббус ва ҷасорату мардонаги водор менамояд. Аз ин рӯ, тарбияи ахлоқи аз нахустин қадамҳои ҳаёти бошууронаи инсон хеле барвақт сар мешавад ва дар оянда саҳми арзанда мегузорад.

Насли наврасу ҷавон бояд ҳамеша дар он кӯшад, ки намунаи ибрати дигарон бошад, то онҳоро ҳамчун шахси бофаҳм, боадаб, ибратомӯз ҳама эҳтиром намоянд. Насли наврасу ҷавонро дар ҳаёт дар ҳамаи лаҳзаҳо одоби накӯ, сухани ботамкин ва меҳрубонию латифаҳои нозук доштан зарур аст ва ин нишонгари худшиносиву худогоҳии баланд мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абуали ибни Сино и культура его эпохи // под ред. Илолов М., Диноршоев Х. – Душанбе, 2012 .- 309 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.1 / А. Фирдавсӣ. - Душанбе, 1963.
3. Алиев Р. «Гулистон»-и Саъдӣ (тасҳеҳи матни илмии интиқоди, тарҷумаи русӣ, муқаддима, таълиқот ва ҳавошӣ ба қалами Рустам Мусоӯғлӣ Алиев) / Р. Алиев. - М., 1959. - 276 с.
4. Амир Ҷ., Холов М. Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳони (хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия) / Ҷ. Амир. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2006. - 134 с.
5. Асроров Ш. Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. - Душанбе, 2005;
6. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор / З. Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 440 с.
7. Зоҳиров А. Адабиёти тасаввуф (асрҳои XI-XIII) / А. Зоҳиров. - Хуҷанд: Ношир, 2013. – 236 с.
8. Кайковус У. Қобуснома. Ҳайати таҳхририя: А. Самадов, Ш. Исрофилниё, Б. Мақсудов, Р. Ваҳҳоб, Н. Зайниддинов. Душанбе: Маориф, 2016. - 240 с.
9. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Дониш, 1997. - 150 с.
10. Муллоев А, Алиев Н. Қомуси тарбия. Ҷилди 1 / А. Муллоев. – Душанбе.: Ирфон, 2011. - 336 с.
11. Саидиброимов Ш. О. Системаи дидактикии Носири Хусрав / Ш.О. Саидиброимов. – Душанбе.: Ирфон, 2014.- 173 с.
12. Саъдии Шерози. Мунтахаби куллиёт / С. Шерози. - Сталинобод, 1956. – 470 с.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 14 декабри 2010. ш. Душанбе.
14. Ҷомӣ А. Куллиёт / А. Ҷомӣ. – Душанбе, 1993. – 270 с.
15. Ф. Шарифзода. Педагогика: Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳанги / Ф. Шарифзода. - Душанбе. 2010. - 550 с.
16. Эмомали Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.10 / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон. -2019. – 576.
17. Эмомали Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – 433 с.

**УДК. 796:613.7:378**

## НАҚШИ ВАРЗИШ ДАР ҲАЁТ ВА САЛОМАТИИ ДОНИШҶӮЁН

**НАЗРУЛЛОЕВ АСАДУЛЛО ХАЙРУЛЛОЕВИЧ**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии ДБССТ.
E-mail: asadullonazrullo@gmail.com

**СУЛТОНОВ КОМРОН ҶАББОРОВИЧ**
ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии ДБССТ.
E-mail: asadullonazrullo@gmail.com

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба таҳқиқи нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ варзиш ҳамчун омили муҳими рушди ҷисмонӣ, устувории равонӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Қисмати эмпирикии таҳқиқот натиҷаҳои пурсиш миёни донишҷӯёнро инъикос намуда, сатҳи ҷалбшавӣ ба фаъолияти ҷисмонӣ, басомади машғулиятҳо, ҳолати субъективии саломатӣ, сатҳи хастагӣ ва стрессро муайян мекунад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти донишҷӯён ба варзиш муносибати мусбат дошта, саломатии худро мусбат арзёбӣ менамоянд, аммо хастагӣ ва стресс ҳамчун омилҳои маъмул боқӣ мемонанд. Камбуди вақт ҳамчун монеаи асосии фаъолияти мунтазами варзишӣ муайян гардид. Хулосаҳо аҳамияти варзишро ҳамчун унсури калидии тарзи ҳаёти солим ва зарурати такмили механизмҳои ташкили фаъолияти ҷисмонӣ дар муҳити донишгоҳӣ асоснок менамоянд.

**Калидвожаҳо**: варзиш, фаъолияти ҷисмонӣ, саломатии донишҷӯён, стресс, хастагӣ, тарзи ҳаёти солим, муҳити донишгоҳӣ.

## РОЛЬ СПОРТА В ЖИЗНИ И ЗДОРОВЬЕ СТУДЕНТОВ.

**НАЗРУЛЛОЕВ АСАДУЛЛО ХАЙРУЛЛОЕВИЧ**
*ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма МУТПТ. E-mail: asadullonazrullo@gmail.com*

**СУЛТОНОВ КОМРОН ДЖАББОРОВИЧ**
*ассистент кафедры гуманитарных и естественно-математических наук Института туризма МУТПТ.* E-mail: asadullonazrullo@gmail.com

**Аннотация.** Настоящая статья посвящена исследованию роли спорта в жизни и здоровье студентов. На основе анализа научной литературы спорт рассматривается как значимый фактор физического развития, психической устойчивости и социальной адаптации личности. Эмпирическая часть работы отражает результаты анкетирования студентов, позволяющие выявить уровень вовлеченности в физическую активность, частоту занятий, субъективную оценку состояния здоровья, уровень утомляемости и стресса. Полученные данные свидетельствуют о позитивном отношении студентов к спорту и в целом благоприятной самооценке здоровья, при сохранении распространенности утомления и стрессовых состояний. Основным ограничивающим фактором регулярных занятий спортом выступает дефицит времени. Сделанные выводы подчеркивают значение спорта как ключевого компонента здорового образа жизни и обосновывают необходимость совершенствования организационных условий физической активности в образовательной среде вуза.

**Ключевые слова:** спорт, физическая активность, здоровье студентов, стресс, утомляемость, здоровый образ жизни, образовательная среда.

# THE ROLE OF SPORTS IN THE LIFE AND HEALTH OF STUDENTS

**NAZRULLOEV ASADULLO HAIRULLOEVICH**
*assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of IUTET.* E-mail: asadullonazrullo@gmail.com

**SULTONOV KOMRON JABBOROVICH**
*assistant of the department of humanities and natural-mathematical sciences of Institute of tourism of IUTET.* E-mail: asadullonazrullo@gmail.com

**Abstract.** This article examines the role of sport in students' life and health. Based on a review of scholarly literature, sport is conceptualized as a crucial factor of physical development, psychological stability, and social adaptation. The empirical component presents findings from a student survey assessing the level of engagement in physical activity, frequency of exercise, self-rated health, as well as perceived fatigue and stress. The results indicate generally positive attitudes toward sport and favorable self-assessments of health, while fatigue and stress remain common features of student life. Lack of time is identified as the primary barrier to regular participation in sport. The conclusions highlight the significance of sport as a key element of a healthy lifestyle and emphasize the need to improve institutional and organizational support for physical activity within the university environment.

**Keywords**: sport, physical activity, student health, stress, fatigue, healthy lifestyle, university environment.

Донишҷӯён қисми фаъоли ҷомеа ба шумор рафта, неруи зеҳнӣ ва ояндаи кишварро ташаккул медиҳанд. Бо вуҷуди ин, афзоиши сарбории таълимӣ, истифодаи зиёди технологияҳои рақамӣ, камҳаракатӣ ва фишорҳои равонӣ боиси коҳиши сатҳи фаъолияти ҷисмонӣ ва бадшавии нишондиҳандаҳои саломатӣ миёни онҳо гардидааст. Дар чунин шароит варзиш ҳамчун воситаи рушди ҷисмонӣ ва омили муҳимми таҳкими саломатии равонӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Варзиш падидаи бисёрҷанба буда, дар баробари тақвияти қобилияти ҷисмонӣ, ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иродавӣ низ мусоидат менамояд. Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ фаъолияти системаи дилу рагҳо, нафаскашӣ ва мубодилаи моддаҳоро беҳтар намуда, хавфи бемориҳои музминро коҳиш медиҳад. Барои донишҷӯён, ки аксаран вақти зиёди худро паси мизи таҳсил мегузаронанд, варзиш воситаи муассири пешгирии бемориҳои сутунмуҳра, фарбеҳӣ, хастагии музмин ва пастшавии қобилияти корӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки машқҳои ҷисмонӣ сатҳи стрессро паст намуда, ҳолати рӯҳиро муътадил мегардонанд, фаъолияти зеҳнӣ ва хотираро беҳтар месозанд ва ба баланд гардидани самаранокии таълим мусоидат мекунанд.

Муҳити донишгоҳӣ дар баробари фазои омӯзишӣ будан, муҳити ташаккули шахсият мебошад. Дар ин марҳилаи муҳимми ҳаёт, донишҷӯён тарзи зиндагии худро муайян намуда, одатҳои устуволеро шакл медиҳанд, ки солҳои минбаъда низ боқӣ мемонанд. Агар дар ин давра фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва машғулияти мунтазами варзишӣ ташаккул ёбад, он метавонад заминаи устувори саломатии ҷисмонӣ ва равонии шахсро барои тамоми умр фароҳам оварад. Аз ин рӯ, баррасии нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён аҳамияти назариявию амалии бузург дорад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, таҳқиқи илмии масъалаи нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён зарурати воқеӣ пайдо мекунад. Омӯзиши таъсири фаъолияти ҷисмонӣ ба нишондиҳандаҳои саломатии соматикӣ ва равонӣ, инчунин ба сатҳи муваффақияти таълимӣ ва фаъолнокии иҷтимоӣ, метавонад барои таҳияи барномаҳои муассири солимгардонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ заминаи назариявӣ ва амалиро фароҳам созад. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҷойгоҳ ва аҳамияти варзиш дар низоми ҳаётии донишҷӯён бахшида шуда, кӯшиш менамояд робитаи мутақобилаи фаъоли-

яти ҷисмонӣ ва саломатии онҳоро дар заминаи назария ва далелҳои эмпирикӣ равшан намояд.

Масъалаи нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён дар адабиёти илмӣ дар доираи якчанд равияҳои назариявӣ ва амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки гарчанде фаъолияти ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун омили муҳими рушди инсон дар илмҳои гуногун эътироф гардидааст, омӯзиши комплексии он маҳз дар муҳити донишгоҳӣ ҳанӯз ҳам ба таври пурра шакл нагирифтааст. Ин вазъият зарурати таҳқиқоти амиқ ва ҳамгироёнаро дар ин самт тақвият медиҳад.

Дар таҳқиқоти таърихӣ варзиш бештар ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ шудааст. Асарҳои Абдурасулов [1], Бабаев [3] ва Бобоҷонов [6] рушди фарҳанги ҷисмонӣ ва ҳаракати варзиширо дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ таҳлил намуда, нақши онро дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва рушди институтсионалӣ нишон медиҳанд. Ин гуна таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки варзиш дар ҷомеа ҳамеша дорои аҳамияти фарохтар аз танҳо фаъолияти ҷисмонӣ буда, ба равандҳои иҷтимоӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ пайваст мебошад. Варзиш ҳамчун воситаи таҳкими тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани қобилияти меҳнатӣ ва рушди шахсият баррасӣ мегардад. Бо вуҷуди аҳамияти назариявии баланд, маҳдудияти асосии ин гурӯҳи сарчашмаҳо дар он аст, ки онҳо ба масъалаҳои муосири физиологӣ ва психологии донишҷӯён бевосита намепардозанд. Таъсири варзиш ба саломатии инфиродӣ дар шароити нави иҷтимоӣ, афзоиши сарбории зеҳнӣ ва рақамикунонии муҳити таълимӣ дар онҳо ба таври махсус таҳлил намешавад.

Ҷанбаҳои психофизиологӣ ва функсионалии фаъолияти ҷисмонӣ дар таҳқиқоти равоншиносӣ ва физиологияи варзиш мавқеи назаррас доранд. Асарҳои Байдиченко [4], Богданов [7] ва Болотин [8] ба таҳқиқи механизмҳои танзими фаъолияти ҳаракатӣ, қобилиятҳои психомоторӣ, устувории равонӣ ва омилҳои самаранокии фаъолияти варзишӣ бахшида шудаанд. Ин таҳқиқотҳо бо далелҳои илмӣ тасдиқ менамоянд, ки фаъолияти ҷисмонӣ ба равандҳои нейродинамикӣ, ҳамоҳангии ҳаракат, устувории эҳсосотӣ ва қобилияти мутобиқшавии организм таъсири мусбат мерасонад. Механизмҳои таъсири варзиш ба фаъолияти системаи асаб, баланд гардидани сатҳи диққат, устувории равонӣ ва коҳиши стресс дар ин асарҳо ба таври назариявӣ асоснок шудаанд. Аммо бояд қайд кард, ки аксари ин таҳқиқотҳо ба варзишгарони касбӣ равона гардидаанд. Муҳити варзиши касбӣ аз муҳити донишгоҳӣ фарқ мекунад, зеро дар он омилҳои ангезишӣ, сатҳи омодагӣ ва хусусияти сарборӣ комилан дигар аст.

Дар таҳқиқоти иҷтимоӣ варзиш ҳамчун падидаи фарҳангӣ ва механизми иҷтимоишавӣ баррасӣ мешавад. Асарҳои Бустонова аҳамияти варзишро дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, рушди нақшҳои гендерӣ ва фарҳанги ҷамъиятӣ нишон медиҳанд. Варзиш дар ин дидгоҳ на танҳо фаъолияти ҷисмонӣ, балки воситаи асосии ҳамгироии иҷтимоӣ, ташаккули ҳувият ва рушди арзишҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ин гуна таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти варзишӣ метавонад ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, масъулиятшиносӣ ва фарҳанги муошират мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, масъалаи саломатии физиологӣ ва равонии донишҷӯён дар чунин таҳқиқотҳо ба таври дуюмдараҷа қарор мегирад.

Ҷанбаҳои этнографӣ, ки дар асарҳои Веселовский [11], Гадаш [12] ва Гафуров [13] инъикос ёфтаанд, варзиш ва фаъолияти ҳаракатиро дар заминаи анъанаҳои таърихӣ ва рамзҳои фарҳангӣ баррасӣ мекунанд. Ин сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ҷисмонӣ решаҳои таърихӣ дошта, бо арзишҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ алоқаманд мебошад. Гарчанде ин таҳқиқотҳо барои ташаккули биниши назариявии комплексӣ аҳамияти калон доранд, онҳо ба масъалаҳои муосири саломатии донишҷӯён иртиботи мустақим надоранд.

Дар адабиёти муосир масъалаи саломатии донишҷӯён бештар дар доираи таҳқиқоти тиббӣ-биологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Асари Москин [14] фаъолияти ҷисмониро ҳамчун унсури асосии амнияти саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим арзёбӣ менамояд. Таҳқиқоти Макеева [15] ва ҳаммуаллифон динамикаи нишондиҳандаҳои физиологиро дар муҳити таълимӣ нишон дода, таъсири фаъолияти ҷисмониро ба системаи гардиши хун ва рушди ҷисмонӣ асоснок мекунанд. Асарҳои Алдошин [2] нақши фарҳанги ҷисмониро дар танзими

ҳолати психофизикӣ, худидоракунӣ ва мутобиқшавии равонӣ баррасӣ менамоянд. Дар баробари ин, таҳқиқоти Мешенина ва Юдина [16] таъсири технологияҳои муосир, камҳаракатӣ ва сарбории иттилоотиро ба саломатии донишҷӯён таҳлил намуда, зарурати фаъолияти ҷисмониро ҳамчун омили мувозинати функсионалӣ таъкид мекунанд.

Таҳлили маҷмӯии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъала аз ҷиҳати назариявӣ нисбатан васеъ омӯхта шудааст. Таъсири фаъолияти ҷисмонӣ ба равандҳои физиологӣ, ҳолати равонӣ ва рушди иҷтимоӣ бо далелҳои илмӣ тасдиқ гардидааст. Аммо дар баробари ин, як қатор масъалаҳои муҳим ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти иловагӣ ниёз доранд. Пеш аз ҳама, аксари таҳқиқотҳо хусусияти фрагментарӣ доранд. Ҷанбаҳои физиологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ аксаран дар алоҳидагӣ баррасӣ мешаванд, дар ҳоле ки саломатии инсон падидаи комплексӣ мебошад. Дуюм, қисми зиёди таҳқиқотҳо дар муҳитҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии дигар гузаронида шудаанд, ки хусусиятҳои маҳаллии тарзи зиндагӣ, шароити таълим ва омилҳои иҷтимоиро пурра инъикос намекунанд. Сеюм, масъалаи таъсири варзиш ба нишондиҳандаҳои воқеии саломатии донишҷӯён, аз ҷумла сатҳи стресс, хастагии зеҳнӣ, фаъолияти когнитивӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ, ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти эмпирикии комплексӣ ниёз дорад. Яъне, дараҷаи омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки гарчанде заминаи назариявӣ ва методологӣ мавҷуд аст, масъалаи нақши варзиш маҳз дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён ҳамчун як низоми мутақобилаи омилҳои физиологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти амиқ ниёз дорад. Ин вазъият аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро тақвият бахшида, нишон медиҳад, ки омӯзиши комплексии масъала метавонад ба рушди назарияи фарҳанги ҷисмонӣ ва педагогика саҳми назаррас гузорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, ки дар асоси пурсиш миёни донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба даст оварда шуданд, имконият медиҳанд, ки масъалаи нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён аз дидгоҳи амалӣ таҳлил карда шавад. Маълумоти бадастомада сатҳи ҷалбшавии донишҷӯёнро ба фаъолияти ҷисмонӣ инъикос менамояд ва муносибати онҳоро ба саломатии инфиродӣ низ равшан месозад.

Нахуст, таҳлили ҷавобҳо ба саволи марбут ба иштироки донишҷӯён дар варзиш нишон медиҳад, ки аксарияти иштирокчиён ба фаъолияти ҷисмонӣ ҷалб гардидаанд **(Ниг. Диаграммаи 1)**. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки мунтазам ба варзиш машғул мешаванд, 45 фоизро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки 48 фоиз ба таври ғайримунтазам, ба варзиш машғул мешаванд. Танҳо 7 фоизи пурсидашудагон тамоман ба варзиш машғул намешаванд. Ин нишондиҳандаҳо далели муҳим мебошанд, зеро онҳо сатҳи нисбатан баланди огоҳӣ ва таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба фаъолияти ҷисмонӣ тасдиқ мекунанд. Ҳамзамон, бартарии гурӯҳи «баъзан вақт машғул мешаванд» нишон медиҳад, ки гарчанде муносибати мусбат ба варзиш вуҷуд дорад, устувории рафтори варзишӣ ҳанӯз ҳам ба дараҷаи кофӣ ташаккул наёфтааст.




**Диаграммаи 1.**

Натиҷаҳои саволи марбут ба басомади машғулиятҳои варзишӣ ин тамоюлро тақвият медиҳанд. Қисмати назарраси донишҷӯён (39 фоиз) танҳо 1–2 маротиба дар як ҳафта ба варзиш машғул мешаванд. Ҳамин миқдор донишҷӯён (39 фоиз) 3–4 маротиба машқ мекунанд, дар ҳоле ки танҳо 22 фоиз варзишро бо басомади баландтар, яъне 5 маротиба ва бештар интихоб намудаанд. Ин тақсимот нишон медиҳад, ки фаъолияти ҷисмонӣ дар ҳаёти донишҷӯён бештар хусусияти мӯътадил дорад. Аз нуқтаи назари физиология ва тибби варзиш, басомади 3–4 маротиба дар як ҳафта метавонад ҳамчун нишондиҳандаи нисбатан оптималӣ арзёбӣ гардад, зеро он ба нигоҳдории фаъолияти функсионалии организм мусоидат менамояд. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи назарраси донишҷӯёне, ки танҳо 1–2 маротиба машқ мекунанд, метавонад нишонаи маҳдудиятҳои вақт, сарбории таълимӣ ё омилҳои ангезишӣ бошад.

Таҳлили интихоби намудҳои варзишӣ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва рафтории фаъолияти ҷисмониро инъикос менамояд. Бартарии варзишҳои дастаӣ (48 фоиз) нишон медиҳад, ки донишҷӯён бештар ба шаклҳои коллективии фаъолияти ҷисмонӣ майл доранд. Ин тамоюл аҳамияти иҷтимоии варзишро тасдиқ менамояд, зеро варзишҳои дастаӣ на танҳо рушди ҷисмонӣ, балки ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамкорӣ ва ҳамгироиро низ тақвият медиҳанд. Ҳиссаи донишҷӯёне, ки давидан ва фитнесро интихоб мекунанд (27 фоиз), нишон медиҳад, ки қисми муайяни ҷавонон ба шаклҳои инфиродии фаъолияти ҷисмонӣ бартарӣ медиҳанд. Варзиши вазнин, ки 9 фоизро ташкил медиҳад, бештар бо ҳадафҳои махсуси рушди қувваи ҷисмонӣ алоқаманд буда метавонад. Гурӯҳи «дигар намудҳо» (16 фоиз) гуногунрангии манфиатҳои варзиширо инъикос менамояд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини таҳқиқ арзёбии субъективии ҳолати саломатии донишҷӯён мебошад. Маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки аксарияти пурсидашудагон саломатии худро мусбат арзёбӣ менамоянд. 45 фоиз ҳолати саломатии худро аъло, 39 фоиз хуб ва 16 фоиз қаноатбахш арзёбӣ намудаанд. Муҳим аст, ки ягон иштирокчӣ ҳолати саломатии худро ҳамчун суст муайян накардааст. Ин натиҷа метавонад якчанд ҷанбаҳои муҳимро инъикос намояд.

Аз як тараф, чунин нишондиҳандаҳо метавонанд сатҳи воқеии нисбатан мусбати саломатии ҷавононро нишон диҳанд. Синну соли донишҷӯён одатан бо фаъолияти баланди физиологӣ ва устувории функсионалии организм алоқаманд мебошад. Аз ҷониби дигар, арзёбии субъективии саломатӣ метавонад таҳти таъсири омилҳои равонӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта бошад. Дар таҳқиқоти иҷтимоӣ аксаран мушоҳида мешавад, ки ҷавонон саломатии худро нисбатан мусбат арзёбӣ мекунанд, ҳатто дар ҳолатҳои мавҷудияти баъзе мушкилоти функсионалӣ.

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада метавон робитаи назариявии байни фаъолияти ҷисмонӣ ва арзёбии саломатиро баррасӣ намуд. Гарчанде таҳқиқоти мазкур таҳлили мустақими коррелятсионӣ пешниҳод намекунад, мутобиқати умумии нишондиҳандаҳо ҷолиби диққат мебошад. Сатҳи баланди ҷалбшавӣ ба варзиш ва арзёбии мусбати саломатӣ метавонанд нишонаи он бошанд, ки фаъолияти ҷисмонӣ дар ташаккули эҳсоси некӯаҳволии ҷисмонӣ ва равонӣ нақши муҳим мебозад. Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ метавонад ба коҳиши стресс, беҳтаршавии ҳолати равонӣ ва баланд гардидани тонуси умумии организм мусоидат намояд, ки дар навбати худ ба арзёбии мусбати саломатӣ таъсир мерасонад.

Ҳамзамон, натиҷаҳо як қатор масъалаҳои муҳимми таҳлилро низ ба миён мегузоранд. Пеш аз ҳама, ҳиссаи назарраси донишҷӯёне, ки варзишро танҳо баъзан интихоб мекунанд, нишон медиҳад, ки фарҳанги фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ ҳанӯз ҳам ба таҳкими иловагӣ ниёз дорад. Ин вазъият метавонад бо сарбории таълимӣ, тарзи ҳаёти камҳаракат, таъсири технологияҳои рақамӣ ва омилҳои ангезишӣ алоқаманд бошад. Дуюм, басомади нисбатан пасти машғулиятҳо дар қисми донишҷӯён метавонад нишон диҳад, ки фаъолияти ҷисмонӣ на ҳамеша ҳамчун ҷузъи ҳатмии тарзи ҳаёти солим қабул карда мешавад.

Идомаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои функсионалӣ ва психоэмотсионалии ҳолати донишҷӯён дар иртибот бо фаъолияти ҷисмонӣ ба таври амиқтар баррасӣ карда шаванд. Маълумоти бадастомада аз саволҳои марбут ба хастагӣ,

стресс, аҳамияти варзиш ва омилҳои маҳдудкунанда нишон медиҳанд, ки масъалаи варзиш дар ҳаёти донишҷӯён дорои хусусияти бисёрҷанба мебошад.

Натиҷаҳои арзёбии сатҳи хастагӣ нишон медиҳанд, ки танҳо қисми нисбатан ками донишҷӯён (12 фоиз) изҳор доштаанд, ки ҳеҷ гоҳ зуд хаста намешаванд (**Ниг. Диаграммаи 2**). Дар баробари ин, аксарияти иштирокчиён хастагиро ҳамчун падидаи даврӣ таҷриба мекунанд: 51 фоиз хастагиро баъзан ва 37 фоиз аксар вақт эҳсос менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо аҳамияти махсус доранд, зеро хастагӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии ҳолати функсионалӣ ва мутобиқшавии организм ба сарбории зеҳнӣ ва равонӣ ба ҳисоб меравад. Муҳити донишгоҳӣ, ки бо фаъолияти баланди зеҳнӣ, сарбории иттилоотӣ ва фишорҳои равонӣ алоқаманд аст, метавонад боиси афзоиши хастагии равонӣ ва физиологӣ гардад. Дар чунин шароит фаъолияти ҷисмонӣ ҳамчун механизми муҳими барқарорсозии функсионалӣ ва коҳиши хастагӣ баррасӣ мешавад.

Таҳлили сатҳи стресс ин тамоюлро тақвият медиҳад. Аксарияти донишҷӯён сатҳи стрессро ҳамчун миёна арзёбӣ намудаанд (51 фоиз), дар ҳоле ки 19 фоиз стрессро баланд ва 30 фоиз паст муайян кардаанд. Ин нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, ки стресс дар ҳаёти до-




**Диаграммаи 2**

нишҷӯён падидаи маъмул мебошад. Аз нуқтаи назари психофизиология, стресс яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти системаи асаб, ҳолати эмотсионалӣ ва қобилияти кории инсон мебошад. Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ дар адабиёти илмӣ ҳамчун воситаи муассири коҳиши стресс, муътадилсозии ҳолати равонӣ ва беҳтарсозии устувории психоэмотсионалӣ эътироф шудааст. Дар ин замина, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд нишон диҳанд, ки гарчанде донишҷӯён ба варзиш ҷалб гардидаанд, стресс ва хастагӣ ҳанӯз ҳам дар ҳаёти онҳо нақши назаррас доранд, ки эҳтимолан ба нокифоягии басомад ё шиддати фаъолияти ҷисмонӣ алоқаманд мебошад.

Мавқеи донишҷӯён нисбат ба аҳамияти варзиш хусусияти ҷолиби таҳлилӣ дорад. Қариб тамоми иштирокчиён варзишро ҳамчун омили муҳим арзёбӣ намудаанд. 48 фоиз варзишро хеле муҳим ва 48 фоиз муҳим муайян кардаанд. Танҳо 4 фоиз онро камаҳамият арзёбӣ намудаанд. Ин натиҷа сатҳи баланди огоҳии донишҷӯёнро нисбат ба нақши варзиш тасдиқ мекунад. Яъне, дар сатҳи шуур ва муносибати арзишӣ варзиш мавқеи устувор дорад. Аммо муқоисаи ин нишондиҳанда бо натиҷаҳои қаблӣ нишон медиҳад, ки байни дарки аҳамияти варзиш ва рафтори воқеии варзишӣ тафовут мавҷуд аст. Гарчанде аксарият варзишро муҳим мешуморанд, қисми назаррас онро мунтазам иҷро намекунанд. Ин падида дар таҳқиқоти иҷтимоӣ ҳамчун «тафовути байни муносибат ва рафтор» маъруф мебошад.

Таҳлили омилҳои маҳдудкунанда сабабҳои эҳтимолии ин тафовутро равшан месозад (**Ниг. Диаграммаи 3**). Омили асосии боздоранда камбуди вақт ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби 70 фоизи донишҷӯён зикр шудааст.




**Диаграммаи 3**

Ин нишондиҳанда аҳамияти махсус дорад, зеро он таъсири сарбории таълимӣ ва тарзи ташкили фаъолияти рӯзмарраи донишҷӯёнро инъикос менамояд. Дар шароити таълими муосир, ки бо ҳаҷми зиёди иттилоот, омодагии мустақилона ва истифодаи технологияҳои рақамӣ алоқаманд аст, камбуди вақт ҳамчун монеаи асосии фаъолияти ҷисмонӣ баромад мекунад. Дар баробари ин, 15 фоиз сабабҳои саломатиро зикр намудаанд, ки метавонад нишондиҳандаи мавҷудияти маҳдудиятҳои функсионалӣ ё мушкилоти тиббӣ бошад. Камбуди шароит (9 фоиз) ва набудани ҳавасмандӣ (6 фоиз) нисбатан камтар зикр шудаанд, аммо онҳо низ аҳамияти муайян доранд.

Хулосаи таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён мавқеи бисёрҷанба ва аҳамияти стратегӣ дорад. Таҳлили назариявии адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ ба таври ҳамгиро тасдиқ менамоянд, ки фаъолияти ҷисмонӣ на танҳо омили рушди ҷисмонӣ, балки механизми муҳими танзими ҳолати функсионалӣ, устувории равонӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон мебошад. Дар муҳити таълимии муосир, ки бо сарбории баланди зеҳнӣ, фишорҳои иттилоотӣ ва таъсири технологияҳои рақамӣ тавсиф мегардад, аҳамияти варзиш ҳамчун унсури калидии тарзи ҳаёти солим боз ҳам бештар мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти донишҷӯён ба варзиш муносибати мусбат дошта, қисми назарраси онҳо ба фаъолияти ҷисмонӣ ҷалб гардидаанд. Сатҳи баланди эътирофи аҳамияти варзиш аз ҷониби иштирокчиён нишон медиҳад, ки дар шуури ҷавонон варзиш ҳамчун омили муҳим ва зарурии ҳаёт дарк мегардад. Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолияти варзишӣ дар бисёр ҳолатҳо хусусияти мунтазам ва устувор надорад. Бартарии ҷавобҳои марбут ба машғулияти «баъзан» ва басомади нисбатан маҳдуди машқҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде муносибати арзишӣ ба варзиш шакл гирифтааст, татбиқи амалии он бо монеаҳои объективӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Дар баробари ин, таҳқиқ нишон медиҳад, ки хастагӣ ва стресс дар ҳаёти донишҷӯён падидаҳои маъмул мебошанд. Қисмати назарраси иштирокчиён хастагиро ҳамчун ҳолати даврӣ ва стрессро ҳамчун омилҳои ҳамроҳи фаъолияти таълимӣ арзёбӣ намудаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки муҳити донишгоҳӣ бо сарбории функсионалӣ ва психоэмотсионалии назаррас алоқаманд мебошад. Дар чунин замина варзиш метавонад ҳамчун механизми муассири барқарорсозии қобилияти корӣ, коҳиши стресс ва беҳтарсозии устувории равонӣ хизмат намояд. Мутобиқати умумии байни сатҳи ҷалбшавӣ ба варзиш ва арзёбии мусбати саломатӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти ҷисмонӣ ба эҳсоси некӯаҳволии умумӣ таъсири мусбат мерасонад.

Омили асосии маҳдудкунандаи фаъолияти варзишӣ камбуди вақт муайян гардид, ки таъсири сарбории таълимӣ ва хусусиятҳои ташкили фаъолияти рӯзмарраи донишҷӯёнро инъикос менамояд. Ин падида аҳамияти муҳими методологӣ дорад, зеро нишон медиҳад, ки

масъалаи фаъолияти ҷисмонӣ танҳо ба сатҳи ангезиш ё муносибати инфиродӣ вобаста нест, балки бо шароити институтсионалӣ ва низоми ташкили раванди таълим алоқаманд мебошад. Варзиш дар чунин шароит бояд ҳамчун ҷузъи асосии сиёсати таълимӣ ва солимгардонӣ баррасӣ гардад, на ҳамчун фаъолияти ихтиёрии дуюмдараҷа.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ тасдиқ менамоянд, ки варзиш дар ташаккули саломатии комплексии донишҷӯён нақши калидӣ мебозад. Саломатӣ дар ин замина на танҳо ҳамчун ҳолати физиологӣ, балки ҳамчун низоми ҳамгироии омилҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Фаъолияти ҷисмонӣ метавонад ба беҳтаршавии ҳолати функсионалӣ, устувории равонӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва баланд гардидани самаранокии таълим мусоидат намояд.

Аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, таҳқиқоти мазкур зарурати таҳкими фарҳанги тарзи ҳаёти солим дар муҳити донишгоҳиро нишон медиҳад. Баланд бардоштани дастрасӣ ба машғулиятҳои варзишӣ, такмили инфрасохтори варзишӣ, мутобиқсозии низоми таълим ба талаботи фаъолияти ҷисмонӣ ва рушди механизмҳои ҳавасмандгардонӣ метавонанд ба беҳтаршавии нишондиҳандаҳои саломатӣ ва сифати ҳаёти донишҷӯён мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур тасдиқ менамояд, ки масъалаи нақши варзиш дар ҳаёт ва саломатии донишҷӯён дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, омӯзиши минбаъдаи комплексӣ ва эмпирикии он метавонад ба рушди илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ саҳми назаррас гузорад.

## АДАБИЁТ


1. Абдурасулов, А.Т. Из истории физической культуры и спорта в Таджикистане (1917-1980 гг.). Дисс.канд.ист.наук/А.Т.Абдурасулов.-Худжанд, 2004. - 173 с.
2. Алдошин А.В., Алдошина Е. А., Демина А. В., Иванина Л. И. Регулирование процессов самопознания и самоуправления психофизическим состоянием обучающихся вузов в образовательном пространстве физической культуры // Ученые записки Орловского государственного университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. 2018. № 2 (79). С. 209-212.
3. Бабаев, И.И. Физическая культура и спорт в годы независимости Республики Таджикистан / И.И. Бабаев //Автореф. дисс.канд.наук. - Душанбе, 2005. - 24 с.
4. Байдыченко Т.В. Особенности психомоторных способностей для совершенствования технической подготовленности спортсменов - стрелков из лука/Т.В.Байдыченко,И.П. Лисенко//Спортивный психолог. - 2013. - № 1 (28). - С. 22-27.
5. Бобочонов, А.К. Спортивный век Таджикистана/А.К.Бобочонов.-Душанбе,1998.-15 с.
6. Бобоҷонов, А.К. История физической культуры и спорта в Таджикистане (1917-1997 гг.). /А.К.Бобочонова//Автореферат докт.дисс. - Душанбе, 1998. - 46 с.
7. Богданов, А.И. Специальная подготовка стрелка из лука/А.И.Богданов.-Физкультура и спорт, 1971. - С. 52-57.
8. Болотин,А.Э. Факторы, пределяющие высокую эффективность стрельбы из лука / А.Э. Болотин, В.В.Бакаев // Ученые записки университета им. П.Ф.Лесгафта. - 2014. - № 3 (109). - С. 33-35.
9. Бустонова, Н. Участие женщин Таджикистана в физкультурном движении (1955-1985 гг.)/Н.Бустонова // Дисс.канд.ист.наук. - Душанбе, 1995. - 217 с.
10. Бустонова, Н.Ч,. Сахми занони точик дар инкишофи харакати варзишӣ/Н.Ч,. Бустонова. -Душанбе, 2001. - 64 с.
11. Веселовский, Н.И. Роль стрелы в обрядах и её символическое значение /Н.И.Веселовский//ЗВОРАО, т.25, - 1921. - С.273-292.
12. Гадаш, Ф.Лук и стрела/ Ф.Гадаш, И.Вискочил - М.: Физкультура и спорт, 1960.-206 с.
13. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя, средневековая и новая история. В 2-х книгах/Б.Г.Гафуров.-Душанбе: Ирфон, 1989. Кн. 1. - 384 с.

14. Моськин С. А. Медико-биологические вопросы безопасности личности и здорового образа жизни // Наука-2020. 2018. № 1-1 (17). С. 22-31.
15. Макеева В.С., Баркалов С. Н., Герасимов И. В. Динамика показателей системы кровообращения и физического развития курсантов вуза МВД России, обучающихся по профилю ГИБДД // Культура физическая и здоровье. 2018. № 3 (67). С. 125-127.
16. Мешенина Н. В., Юдина М. А. Влияние современных технологий на здоровье студентов // Вестник Воронежского института высоких технологий. 2020. №. 2. С. 97-100.

**УДК: 37.013**

## МУШКИЛАИ ТАРБИЯ ДАР ТАЪРИХИ ТАМАДДУН

**ҲАБИБОВ СУДОШАН ИЗЗАТУЛЛОЕВИЧ**
*омӯзгори калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: sudoshan@inbox.ru.*

**Аннотатсия**. Мушкилаи тарбия дар ҳама давру замон мубрамият дошт ва дорад. Мутафаккирони ҳама даврахои тамаддун ба ин масъала ба ин ва ё он тавр таваҷҷуҳ мекарданд. Тарбия раванди дорои ҷанбаҳои мухталиф буда, соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Дар байни ҳама соҳаҳо тарбияи меҳнатӣ мавқеи асосиро мебозад. Дар замони муосир тарбия наметавонад раванди мутазоди ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар нагирад. Ҳадафи ниҳоийи тарбия аз он иборат аст, ки инсон ба сатҳи дарки мақсад ва моҳияти зиндагии хеш расида тавонад. Маънии зиндагии инсон дар судманд будани он натанҳо барои худ, барои оила, балки, ҳамчунин, барои ҷомеаи онро иҳотакунандаро низ дар назар дорад, зеро инсон аз худ корҳои некро ба мерос гузошта, тавассути ҷомеа худро ҷовидон мегардонад. Арзёбии қимати инсон низ танҳо тавассути ҷомеа ва дар ҷомеа амалӣ мегардад.

**Калидвожаҳо:** Тарбия, тамаддун, бисёрҷанба, ҳаётгузаронӣ, мутазод, раванд, шараф, судмандӣ, маънӣ, мавқеъ, воқеият, ҷаҳонишавӣ.

## ПРОБЛЕМА ВОСПИТАНИЯ В ИСТОРИИ ЦИВИЛИЗАЦИЙ

**ХАБИБОВ СУДОШАН ИЗЗАТУЛЛОЕВИЧ**
*старший преподаватель кафедры фалософии и истории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: sudoshan@inbox.ru*

Проблема воспитания во все времена была актуальной проблемой. Мыслители всех времен, так или иначе, уделяли этому вопросу соответствующее внимание. Воспитание является процессом многогранным и охватывает различные сферы жизнедеятельности человека. Трудовое воспитание занимает главенствующее положение среди всех его сфер. В современных условиях воспитание не может не охватить противоречивый процесс глобализации общественной жизни. Конечная цель воспитания заключается в том, чтобы человек достиг понимания цели и смысла своего существования. Смысл существования человека заключается в его полезности не только для себя, для своей семьи, но также и для окружающего его общества, так как человек оставляя за собой благие дела, увековечивает себя благодаря обществу. Оценка достоинства человека также обретает свою реальность лишь в обществе.

**Ключевые слова**: Воспитание, цивилизация, многогранность, жизнедеятельность, противоречивость, процесс, достоинство, полезность, смысл, положение, реальность, глобализация.

## PROBLEMS OF THE NURTURE IN THE HISTORY OF CIVILIZATIONS

**KHABIBOV SUDOSHAN IZZATULLOEVICH**
*Senior Lecturer, Department of Philosophy and History, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Email: sudoshan@inbox.ru*

The problem of nurture has always been an important issue. The thinkers of all time, one way or another, have paid adequate attention to this issue. Nurture is a process of multi-faceted and covers various spheres of human livelihood. Labor nurture occupies a leading position among

all its spheres. In contemporary conditions nurturing can't stay away of covering the contradictory process of globalization of social life. The ultimate goal of nurturing lies in the fact that a person has to achieve the understanding of the purpose and significance of his existence. Significance of human existence lies in its helpfulness not only for himself and his family but also for the community he lives because a person leaving good doing behind him perpetuates himself throughout society. Assessment of human dignity also gains its reality in a society only.

**Keywords**: Nurture, civilization, diversity, livelihood, contradiction, process, dignity, helpfulness, significance, position, reality, globalization.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки мавзӯи тарбияи инсон дар ҳама давру замон аз мушкилаҳои мубрамтарин будааст ва ҳоло низ мубрамияти худро гум накардааст. Дорои чунин аҳамият будани тарбия ба он алоқамандӣ дорад, ки вай заминаи моҳиятан муҳими ҳама гуна ҷомеа ба шумор меравад. Ҷомеаи инсонӣ аз тамоми тӯдаи махлуқоти дигари зинда бо он фарқ мекунад, ки вай тӯда набуда, балки ҷомеаи муташаккил, муназзам, бошуур ва дар низоми идорашаванда мавҷудияти худро нигоҳдоранда маҳсуб меёбад.Бинобар ин тарбия ҳоло дар давраҳои аввалини ташаккули ҷомеаи инсонӣ таваҷҷуҳи мутафаккиронро ба худ ҷалб мекард. Вақте ба нахустин марказҳои тамаддуни бостонӣ муроҷиат мекунем, мушоҳида менамоем, ки ҳоло дар ҳамон давра солимии ҷомеаро мутафаккирони давр дар тарбияи инсон медиданд.

Мафҳуми «тарбия» дар фаҳмиши одии оммавӣ чандон муҳим ва мушкил арзёбӣ намегардад, вале дар фаҳмиши фалсафӣ ин масъала яке аз масъалаҳои хеле мураккаб буда, ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо дар робитаи мутақобилаи байниҳамдигариашон ба инсонсозӣ равона карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки муҳиммати тарбия аз инсонсозӣ иборат аст ва ин амал аз масъалаҳои саҳл иборат буда наметавонад.

Агар ба муҳтавои мафҳуми «тарбия» таваҷҷуҳ намоем ва онро дар муқоиса ба мафҳумҳои дар забонҳои дигар истифодашаванда таҳқиқ кунем, ба хулоса меоем, ки ин мафҳум ифодакунандаи тамоми роҳу усулҳои ба воя расонидани инсони комилро дар назар дорад.

Тарбия, пеш аз ҳама, меъёрҳои ахлоқии рафтори одамонро ташаккул медиҳад, вале чунин фаҳмиши масъала танҳо як ҷиҳати раванди тарбияро дар назар дорад. Аз нуқтаи назари таҳлили фалсафӣ тарбия на танҳо меъёрҳои ахлоқии рафтори одамон, балки дарбаргирандаи маҷмӯи соҳаҳои фаъолияти инсон ба шумор меравад. Меҳвари ҳама гуна фаъолият меҳнати самараноки инсон маҳсуб меёбад ва инсонро бе меҳнат тасаввур кардан имконнопазир аст. Беҳуда намегӯянд, ки меҳнат инсонро ба вуҷуд овардааст. Дар ҷараёни меҳнат қувваҳои моҳиятан муҳими инсон дар амал татбиқ мегарданд, сарвати ботинӣ ва маънавии инсон дар неъматҳои бавуҷудоварандаи инсон инъикос мегарданд. Инсон дар мурури он то ба кадом сатҳ такмилёфта буданашро дарк мекунад, ки ин ҳамаро махлуқоти дигар анҷом дода наметавонанд. Барои меҳнати самаранок рафтори муносиб зарур аст, ки онро дар раванди ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ нисбат ба меҳнат ва ҳама гуна фаъолиятҳои дигари инсонӣ созмон додан мумкин аст.

Бояд таъкид кард, ки на танҳо меҳнат, балки тарбия низ фаъолияти доимии инсон ба шумор меравад ва ҳамеша инсонро ҳамроҳӣ менамояд, яъне тарбия бо меҳнат тавъамият дошта, тақозои ҳамешагии инсон ва ҷомеа ба шумор меравад ва дар ҳама давру замон аз талаботи воқеийи зарурӣ иборат мебошад. Тарбия чунин равандест, ки он интиҳо надорад ва, ба қавли К. Маркс, «ҳаракати мутлақи такмилдиҳанда» [3, 476] маҳсуб меёбад.

Чунон ки дар боло қайд кардем, мавзӯи тарбия ҳоло дар давраҳои пешофалсафа, дар афкори мутафаккирон мақоми махсус дошт, ки хайрияти ҷомеаро бо он алоқаманд мекарданд.

Масалан, вақте ба осори мутафаккирони марказҳои тамаддуни бостонӣ, аз ҷумла Конфутсий муроҷиат мекунем, ба назар мерасад, ки дар маркази фалсафаи ӯ масъалаи тарбияи инсон, ахлоқи ӯ, инсондӯстӣ, муҳаббат ба таълим, тарбия ва ташаккули оилаи солим ҳамчун заминаҳои муҳими ҷомеасозӣ нақши асосӣ мебозанд [7, 277].

Мутафаккири номбурда маҷмӯаеро ба унвони «Муҳокимаҳо ва мусоҳибаҳо» ба авлоди башар мерос мондааст, ки дар он тамоми соҳаҳои таълимоти файласуф гирд оварда шудаанд. Аз гуфторҳои дар асари мазкур овардашуда ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки Конфутсий, пеш аз ҳама, ба масъалаи таълим таваҷҷуҳи хоса доштааст. Ӯ чунин ақида изҳор мекунад, ки инсон танҳо дар натиҷаи пайваста ба таълим машғул шуданаш ба камолоти ҳақиқӣ мерасад. Чунончи, дар боби «Магар омӯзиш пазиро набудааст …» Конфутсий машварат медиҳад, ки инсон бояд ҳамеша биомӯзад ва пайваста машқ кунад [2, 5].

Ташаккули фарҳанги инсондӯстӣ яке аз масъалаҳои муҳими тарбияи инсон ба шумор меравад. Роҷеъ ба ин мавзӯъ Конфутсий қайд менамояд, ки эҳтиромгузории фарзандона нисбат ба волидайн ва муҳаббати бародаронаи миёни одамон решаасоси инсондӯстӣ мебошанд [2,5]. Инсондӯстиро мутафаккир қонуни муҳаббат ва хосияти ҷудонопазири қалби инсон маънидод менамояд ва инсонҳоро ба он даъват мекунад, ки ба ҳамдигар муҳаббат дошта бошанд ва ҳамин хулқи худро ҳамеша мавриди назар қарор диҳанд. Дар ин хусус ӯ менависад, ки «Ман ҳамарӯза худро дар се муносибат таҳқиқ менамоям: барои дигарон мақсадеро гузошта, оё ман бо онҳо содиқ будам, оё ман дар муносибат ба дӯстонам садоқат доштам ва оё ман ҳар он чизе, ки Устод омӯзонида буд, аз худ кардаам?» [2, 6].

Яке аз мавзӯъҳои муҳими тарбия дар фалсафаи мутафаккир масъалаи идораи ҷомеа ба шумор меравад, ки дар ин бора ӯ менигорад: «Дар умури идора … бояд ба ҳамаи соҳаҳои фаъолият диққат дод, дар муносибат бо мардум ихлосманд, дар хароҷот муътадил бояд буд, муҳаббат ба халқро бояд дар истифодаи он дар корҳои гуногун исбот кард» [2, 6].

Давраи Антиқа яке аз марҳилаҳои муҳимтарини заминагузори фарҳанги инсоният ба шумор меравад. Мутафаккирони ин давра ба бисёр соҳаҳои фаъолияти ҳаёти маънавии инсон асоси боэътимод гузоштанд, донишҳои арзивуҷудкардаро ба низоми муайян даровар-данд, аз ҷумла тарбияи инсонро яке аз соҳаҳои муҳими на танҳо рушди инсон, балки ҷомеа маънидод карданд. Тарбия ҳамчун соҳаи дарбаргирандаи маҷмӯи унсурҳои рафтору кирдори одамон ба соҳаи илми мустақил табдил ёфт, ки онро Арасту бо категорияи «этика» ифода кард.

Маълум аст, ки давраи Антиқа марҳилаи ҷомеаи ғуломдорӣ буд ва меъёрҳои тарбиявӣ низ мебоист ҷавобгӯи тақозоҳои ин марҳила бошанд. Масалан, вақте ба осори мутафаккирони ин давра муроҷиат менамоем, мушоҳида мекунем, ки дар осори мазкур ҳам мавзӯъоти умумитарбиявӣ ва ҳам меъёрҳои тарбияи хоси табақоти гуногуни ҷомеа мушоҳида карда мешавад. Чунончи, чунин меъёрҳои тарбиявӣ, ба мисли мардонагӣ, хирадмандӣ, таҳаммулпазирӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва маънавиро Афлотун ба мавзӯъҳои умумитарбиявӣ дохил мекард. Вале, вақте сухан дар бораи ба кадом табақаҳои ҷомеа тааллуқ доштани онҳо мерафт, мутафаккир хирадмандиро ба табақаи файласуфон-ҳокимон, мардонагиро ба табақаи ҷанговарон, аммо муътадилӣ ва таҳаммулпазириро ба шаҳрвандони озоди заҳматкаш алоқаманд маънидод менамуд. Бояд қайд кард, ки азбаски табақаи ғуломон дар он давра ҳамчун мол маънидод мегардид, ба ин табақа ҳеҷ як навъи тарбия раво дониста намешуд.

Тамаддуни асримиёнагӣ низ хусусиятҳои хоси тарбияи худро дошт, ки он бештар дар зери таълимот ва муқаррароти динӣ сурат мегирифт, зеро дар ин марҳила дар тамоми манотиқи олам идеологияи динӣ салтанат мекард, ки он ҳаёти мавҷудаи инсонро бо тамоми тазодҳояш ҳамчун сарнавишти пешакӣ ва аз тарафи Худованд муқаррargardida маънидод менамуд. Моҳияти тарбия дар ин давра аз итоатоварии аҳли заҳмат ба хӯҷаинони худ иборат буд, инсонро аз ҳама ҳуқуқ ва озодиҳо маҳрум мекард.

Аз давраи Эҳё ва Нав сар карда, то кунун масъалаи меҳварии тарбия аз таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз ташаккули инсони созанда, инсони эҷодгар, инсони мустақил ва масъули ҳар як фаъолият ба шумор меравад. Арзишҳое, ки раванди тарбияи инсони муосир онҳоро дар худ таҷассум менамояд, ба сохтмони на зоҳири он, балки ба сохтмони ботини инсон, ба созандаи чунин инсоне равона карда шудаанд, ки он бояд, дар ҳақиқат, омили ҳаракатдиҳандаи рушди пайвастаи ҷомеа бошад.

Чунон ки маълум аст, ҳеҷ як воқеият дар олами ҳастӣ бе тазод намешавад. Марҳилаҳои таърихии гуногуни тамаддуни инсоният низ дорои тазодҳои хоси худ буданд

ва ҳастанд. Марҳилаи муосири тамаддуни инсоният низ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки онҳо тарбияи инсони ҷавобгӯ ба тақозоҳои худро талаб менамояд. Шарҳи хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоийи муосирро дар тамоюли босуръат тавсеаёбандаи таҳаввули куллӣ ба сӯйи ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пайдо кардан мумкин аст. Раванди имрӯзаи ҷаҳонишавӣ дорои тазодҳое мебошад, ки ҳалли онҳо аз инсон ташаккули ҳам фарҳанги миллӣ ва ҳам умумибашариро талаб менамояд. Дар ташаккули чунин фарҳанг унсурҳои кӯҳнашуда аз байн меравананд ва ҷойи онҳоро унсурҳои нави эҷобӣ ишғол менамоянд. Ин қонуни ногузири рушди ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад, ки дар татбиқи он ҳам фарҳанги миллии халқҳои алоҳида ва ҳам умуми башар такмил меёбанд. Дар тарбияи инсони муосир дарки ин воқеият муҳим аст, зеро ҳар давру замон аз тарбияи инсон сатҳи муайяни ба талаботи воқеияташ мувофиқро ҳам талаб мекунад ва ҳам танҳо ҳамонро мепазирад.

Тамаддуни имрӯзаро тамаддуни татбиқи таҳаввулоти куллии сифатӣ дар ҳаёти башарият маънидод кардан мумкин аст, зеро инсони муосир, сарфи назар аз он ки ба миллат, забон, мазҳаб, давлат ва фарҳанги муайян мансубият дорад, вале вай, дар айни ҳол ба тамоми башарият низ алоқаманд аст. Халқҳову миллатҳои мухталифи олам дар равобити мутақобилаи байниҳамдигарӣ буда, инсонияти яклухти якпорчаро ба вуҷуд оварда истодаанд. Бинобар ин инсони мутамаддини имрӯза худро мутобиқи ҳамин воқеияти арзивуҷудкарда тарбия мекунад. Агар чунин воқеият ба эътибор гирифта нашавад, инсон аз тамоюли воқеиятии раванди инкишоф ақиб мемонад ва агар миллатҳо низ дар доираи фарҳанги миллӣ маҳдуд гарданд, рушд намекунанд, зеро бе мубодилаи байниҳамдигарии фарҳангҳои мухталиф инсоният рушди бояду шояди миллатҳо ва, умуман, ҷомеаи башариро таъмин карда наметавонад.

Тарбия ба мақсад ва моҳияти зиндагӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Мақсад ва моҳияти зиндагии инсон, ба назари мо, аз он иборат аст, ки вай ҳамеша дар руҷӯъ ба фаъолияти худтакмилдиҳӣ бошад. Худтакмилдиҳӣ баҳри судманд будан на танҳо барои худ, барои оила, балки, пеш аз ҳама, барои ҷомеаро дар назар дорад. Барои исботи ифодаи ахирӣ мисол задан лозим аст, ки ҳувияти инсон на барои худ ва на барои оила, балки барои ҷомеа ва дар ҷомеа ташаккул меёбад ва ҳар осоре, ки инсон ба мерос мегузорад, онро барои истифодаи ҷомеа мерос мегузорад. Мероси гузоштаи инсон баъди мамот ҳам инсонро зиндаву ҷовидон мегардонад.

Тарбия ҳамчун худтакмилдиҳӣ ба ташаккули инсони фаъоли эҷодгар мусоидат менамояд. Чун инсон ба ин сатҳ такмил ёфт ва амал кард ба мақсад ва моҳияти зиндагӣ мерасад. Чунон ки асосгузори фалсафаи классикии Олмон Иммануил Кант менигорад, зиндагии инсон «дар худии худ мақсади олие дорад, ки вай, қадри тавонаш, тамоми олами муҳитро ба худ тобеъ мегардонад» [1, 469].

Ҳама гуна тарбия, чунон ки қайд кардем, ба мақсади зиндагӣ низ зич алоқамандӣ дорад, зеро дар ҷараёни тарбия инсон ба дарки дурусти мақсади зиндагӣ мерасад ва онро барои худ дуруст муайян мекунад. Агар инсон мақсади зиндагиашро дуруст муайян карда натавонад, дар ҳаёт муваффақ ҳам намешавад.

Доир ба масъалаи мақсади зиндагӣ дар таърихи фалсафа ақоиди мухталиф вуҷуд доштанд ва доранд. Чунончи, дар таълимоти мутафаккирони илоҳиётшинос чунин ақида пешниҳод карда мешавад, ки мақсади зиндагӣ пешакӣ аз тарафи Худованд ҳамчун сарнавишт муайян карда шудааст, ки онро тағйир додан имкон надорад. Мазмуни асосии чунин ақида аз он иборат аст, ки инсон бояд ҳамеша кӯшиш намояд, то рӯҳи абадзиндаи худро аз ҳама гуна гуноҳ озод кунад. Албатта, ин ақида дар заминаи тасаввуроти козиб ба вуҷуд омадааст, зеро ҳеҷ гуна нахустасоси рӯҳӣ, мувофиқи таълимоти илмӣ, вуҷуд надорад.

Ақидаи дигар мақсади зиндагиро аз зиндагии инсонҳои мушаххас ба берун мебарорад ва даъват ба амал меоварад, ки инсон барои татбиқи ормонҳои адолатпеша барои наслҳои минбаъда зиндагӣ бояд кунад. Дар натиҷаи татбиқи чунин ақида инсонҳо ба воситаи дар амал татбиқ кардани ҳадафи мазкур табдил дода мешаванд, ки он, албатта, чандон дуруст нест.

Ақидаи дигар аз он иборат аст, ки гӯё зиндагӣ ҳеҷ гуна мақсаде надорад, вай бесарусомон аст ва, умуман, ҳеҷ маъние низ надорад. Ингуна ақида, албатта, аз зиндагӣ ноумед буданро дарак медиҳад, ки пайравони он ҳатто то ба худкушӣ мерасанд.

Таҳлили илмии мавзӯи зиндагӣ ба чунин хулоса расидааст, ки маънӣ ва мақсади зиндагии инсон аз дар амал татбиқ гардидани тавони шахсии инсон дар ҷомеа иборат аст. Аз он иборат аст, ки «ҳадафҳои муайянкардаи ҳар як инсон, мавқеи шахсияти вай бо тамоюлҳои умумии рушди ҷомеа мувофиқат намояд» [5, 732].

Замони муосири мавҷудияти инсон, сарфи назар аз ҳама бартариҳои бавуҷудовардааш барои рифоҳият ва зиндагии бофароғат, бе тазод набуда, балки дорои тазодҳои хоси худ мебошад. Бинобар ин мавзӯи тарбия дар ин давра низ яке аз масъалаҳои доғи рӯз дар ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мавзӯи мазкур дар муҳимтарин ва умдатарин санади сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаде, ки самтҳои гуногуни дурнамои ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷии кишварро муайян менамояд – Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти омилҳои муҳимтарини ташаккулдиҳандаи тарбияи инсони муосир инъикоси таҳлилии ҳамаҷонибаи худро ёфтааст, ки ба онҳо Пешвои миллат, қабл аз ҳама, пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи он расидан ба сатҳи миллати соҳибхирад ва соҳибкасб имконпазир мегардад, дохил намудааст. Пешвои миллат таъкид кардааст, ки «… танҳо миллати басавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд» [4].

Чунон ки ба ҳамагон маълум аст, инсони имрӯзаро бе фарҳанги муносиби сиёсӣ тасаввур кардан мумкин нест. Вазъи ҷомеаи муосир чунин аст, ки омилҳои гуногуни манфии дар сатҳи ҷаҳонӣ бавуҷудомада, ба мисли терроризм, экстремизм ва дигар ҳаракатҳову ҷунбишҳои мазҳабиву сиёсӣ ба он бе таъсир набудаанд ва нестанд. Бинобар ин аз тамоми сатҳҳои таҳсилот тақозо карда мешавад, ки омилҳои манфии мазкур дар раванди таълиму тарбия ҳамаҷониба таҳлил гардида, ҷавонон дар рӯҳияи хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба дастовардҳои феълии кишвар дар замони Истиқлолият, муҳаббат ба меҳан ва давлати миллии худ тарбия карда шаванд. Доир ба ин масъала дар Паёми Пешвои миллат қайд карда шудааст, ки «Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнидавлативу байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ ҳимояи марзу буми кишвар ва ҳифзи амнияти давлату миллат барои мо масъалаи аввалиндараҷа ва ҳаётан муҳим ба шумор меравад» [4].

Дар хотимаи муҳокимаҳо бояд ба он ишора кунем, ки фишурдаи ҳама гуна тарбия муҳаббати соф ба меҳан, ба миллат ба зиндагии пурсамар буда, меҳвари онро муҳаббат ба инсонҳо ташкил мекунад [7, 720].

## АДАБИЁТ

1. Кант И. Соч. в 6 т. Т. 5. М.: Мысль, 1996.

2. Конфутсий. Суждения и беседы / Конфутсий: пер. с кит. П. С. Попова. – СПб.: Азбука-Аттикус, 2015.

3. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. т.46, ч. 1.

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016.

5. Спиркин А. Г. Философия: учебник для вузов / А. Г. Спиркин. – М., 2001.

6. Философия: учебник для вузов / под ред. В. Н. Лавриненко, В. П. Ратникова. – 4-е изд., перераб и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2008.

7. Философский энциклопедический словарь. – Москва «Советская энциклопедия», 1983.

8. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94 тасдиқ гардидааст.

9. Назариев Р.З. Фалсафа. Китоби дарси барои донишҷӯёни мактабҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2023. – 508 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост! – Душанеб, 2000. – 160 саҳ.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе, Эр-граф, 2016. – 364с.

УДК 323.1

## АҲАМИЯТИ ҶАҲОНИИ СУЛҲИ БА ДАСТДАРОВАРДАИ ТОҶИКОН

**ҲОТАМОВ НАМОЗ БАСАРОВИЧ**
*д.и.т., профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: anush.h96@gmail.com.*

**ҲАЙДАРОВ АБДУСАМАД АЛИФБЕКОВИЧ**
*н.и.п., дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: avsamad@bk.ru*

**Аннотатсия.** Дар мақолаи худ муаллифон менависанд, ки сулҳи ба дастовардаи тоҷикон аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Дар таърихи инсоният ҷангҳои зиёди шаҳрвандӣ ба амал омадаанд, вале аксари онҳо бо сулҳи миёни тарафҳо анҷом наёфтаанд. Аз ин рӯ, дар Симпозиуми байналмилалии «Таҷрибаи таърихии сулҳ дар Тоҷикистон», ки 26–27 апрели соли 2001 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид шуд, ки сулҳи Тоҷикистон барои халқҳои ҷаҳон дарси таърихӣ мебошад. Муаллифон дар асоси далелҳои овардашуда исбот менамоянд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бо хатари ҷони худ аз нобудшавии давлати миллии мустақили тоҷикон пешгирӣ намуда, миллатро аз парокандагӣ наҷот дод. Ҳамчунин онҳо қайд менамоянд: «Дабири кулли собиқи СММ Кофи Аннан дар яке аз мулоқотҳояш бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нақши сулҳи тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ таъкид намуда, зикр кардааст, ки Тоҷикистон ба бисёр кишварҳои ҷаҳон дар самти ҳалли низоъҳои дохилӣ таҷрибаи нодир пешниҳод намудааст».

**Калидвожаҳо:** ваҳдати миллӣ, оштии миллӣ, таҷрибаи таърихии сулҳ, давлати миллии мустақил, сулҳи ба дастовардашуда, таҷрибаи нодир, ҳалли низоъҳо.

## МИРОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ ДОСТИГНУТОГО ТАДЖИКАМИ МИРА

**ХОТАМОВ НАМОЗ БАСАРОВИЧ**
*д.и.н., профессор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: anush.h96@gmail.com*

**ХАЙДАРОВ АБДУСАМАД АЛИФБЕКОВИЧ**
*к.п.н., доцент кафедры истории и философии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: avsamad@bk.ru*

**Аннотация.** В своей статье авторы пишут, что мир, достигнутый таджиками, имеет глобальное значение. В истории человечества было много гражданских войн. Но большинство из них не закончились миром между сторонами. Таким образом, на Международном симпозиуме «Исторический опыт мира в Таджикистане», состоявшемся в Душанбе 26-27 апреля 2001 года, было отмечено, что мир в Таджикистане является историческим уроком для народов мира. Авторы на основе приведённых фактов доказывают, что Основатель мира и единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахман рискуя своей жизнью, предотвратил исчезновение национального независимого государства таджиков и спас нацию от раскола. Они также отмечают: «Бывший Генеральный секретарь ООН Кофи Аннан на одной из встреч с Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном подчеркнул роль мира среди таджиков на международной арене: Таджикистан

предоставил многим странам мира уникальный опыт в разрешении внутренних конфликтов».

**Ключевые слова:** национальное единства, примирение, исторический опыт мира, национальное независимое государства, достигнутый мир, уникальный опыт, разрешение конфликтов.

## THE GLOBAL SIGNIFICANCE OF THE PEACE ACHIEVED BY THE TAJIKS

**HOTAMOV NAMOZ BASAROVICH**

*doctor of Historical Sciences, Professor of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: anush.h96@g.mail.com.*

**HAIDAROV ABDUSAMAD ALIFBEKOVICH**

*Ph.D., Associate Professor of the Department of History and Philosophy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: avsamad@bk.ru*

**Annotation.** In their article, the authors write that the peace achieved by the Tajiks has global significance. There have been many civil wars in human history. But most of them did not end in peace between the parties. Thus, at the International Symposium "Historical Experience of Peace in Tajikistan," held in Dushanbe on April 26-27, 2001, it was noted that the peace in Tajikistan serves as a historical lesson for the peoples of the world. Based on the presented facts, the authors argue that the Founder of Peace and Unity, the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, risking his life, prevented the disappearance of the nationally independent Tajik state and saved the nation from division. They also note: "Former UN Secretary-General Kofi Annan, at one of the meetings with the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, emphasized the role of peace among the Tajiks on the international stage: Tajikistan provided many countries of the world with a unique experience in resolving internal conflicts".

**Keywords:** national unity, reconciliation, historical experience of peace, nationally independent state, achieved peace, unique experience, conflict resolution.

Соли оянда (соли 2027), мардуми шарифи тоҷик ва кулли тоҷикистониён, чи дар дохили кишвар ва чи берун аз марз 30-солагии Ваҳдати милли Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тантана ҷашн хоҳад гирифт. Зеро Ваҳдати миллии мардуми тоҷик беназир аст.

Дар таърихи инсоният ҷангҳои зиёде шудааст. Вале дар байни онҳо яке аз фоҷеавитарин ин ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар дохили як мамлакат рух медиҳад, ба ҳисоб меравад. Яъне, чунин ҷанг дар байни мардумоне рух медиҳад, ки дар як мулк асрҳо боз зиндагӣ мекунанду бо якдигар хешу бародар гардидаанд. Бо ҳамин сабаб чунин ҷангро ҷанги бародаркушӣ ҳам меноманд. Чунин ҷанги бемаъниро солҳои 1992-1997 мардумони ҷумҳурии мо аз сар гузаронидаанд.

Дар солҳои ҷанг, агарчанде он аввал дар шаҳри Душанбе оғоз гардид (яъне, 5 майи соли 1992 дар гардиши Олӣ Совети шоҳроҳи Душанбе-Ёвон аввалин маротиба хуни одамӣ рехту ва он зуд Душанбешаҳр ва водии Ҳисорро фаро гирифт), аммо, минбаъд бештар воқеаҳои фоҷеавии хунин дар водии Вахш ба амал омадаанд. Бояд дар хотир дошт, ки ин алангаро мамолики ғайр ибтидо гузоштанд ва бар сари мардуми маҳали дигари тоҷик нисбат доданд. Дар натиҷа, ин водии зархез ба харобазор табдил ёфт.

Оқибати ин ҷанги бародаркушӣ он гардид, зиёда аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳалок гардидаанд, зиёда аз як млн. нафар мардум гуреза шуданд, бисёр шаҳру шаҳракҳо ва махсусан деҳаҳо хароб гардиданд. Бисёр мутахассисони касбу кори гуногун ҷумҳурии моро тарк карда рафтанд. Сафи ятимону бепарастон дар мамлакат хело афзуд. Молу мулки мардум, аз он ҷумла техникаҳои колхозу совхозҳо, маводҳои корхонаҳои давлатӣ тороҷ карда шуданд. Умуман, зарари иқтисодии ин ҷанг, бо андешаи Президенти

мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зиёда аз 10 млрд. доллари америкоиро ташкил мекунад [4]. Дар натиҷа ин ҷанги бемаънӣ мамлакати моро даҳсолаҳо қафо партофт.

Ҳангоми авҷи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат, ҳар ду тарафи муқобил оқибати ин ҷангро барои миллату давлат бо зудӣ фаҳмиданд ва майл ба созиш-сулҳ карданд. Аммо ин сулҳи байни тоҷикон ба осонӣ ба даст наомадааст. Қариб тамоми 8 даври гуфтушуниди байни тоҷикон бо душвориҳои зиёд гузаштанд. Махсусан, баъди он ки толибон пойтахти Афғонистон - –шаҳри Кобулро гирифтанд, гуфтушуниди байни тоҷиконро хавфи қатъгардӣ таҳдид мекард. Зеро, толибони Афғонистон бо мухолифини тоҷик шартнома доштанд, ки баъди гирифтани ҳокимияти Кобул, ба мухолифини тоҷик, барои гирифтани ҳокимият кумак мерасонанд. Хайрият, шермарди тоҷикони Афғонистон, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд нагузошт, ки чунин нақша амалӣ гардад. Маҳз ӯ ва Президенти ҳамонвақтаи Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, ки низ тоҷик буд, барои вохӯрии бевоситаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ шароит муҳайё намудаанд.

Декабри соли 1996 вохӯрии Президент Эмомалӣ Раҳмон бо Саид Абдуллои Нурӣ дар қароргоҳи Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд, дар Хосдеҳи Шимоли Афғонистон барпо гардид. Он лаҳза дар Афғонистон ҳанӯз ҷанг идома дошт, аммо Президенти мамлакати мо ба тамоми хавфу хатарҳо нигоҳ накарда, зарурияти сулҳро дар мадди аввал гузошта, ба Хосдеҳи Афғонистон рафтанд.

Ниҳоят, 11 декабри он сол, ҳангоми суҳбати байни Президент Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ, масъалаи минбаъда идома додани гуфтушуниди байни тоҷиконро дида, инчунин зарурияти баъди итмоми ҷанг ташкил намудани комиссияи оштии миллӣ ба миён гузошта шуд. 23 декабри ҳамон сол тарафҳо ҳатто протоколеро, ки вазифаҳои ин комиссияро муайян мекунад, имзо карданд. Ҳамон вақт муайян шуда буд, ки аъзоёни ин комиссия бояд аз 26 нафар иборат буда, аз ҳар ду тараф 13 нафарӣ дохил шаванд ва худи комиссия баробари бунёди парламенти касбӣ фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳамин тавр бо душвориҳои зиёд, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва сулҳи байни тоҷикон имзо гардид ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба итмом расид. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ "Тоҷикон дар оинаи таърих..." ба натиҷаи гуфтушуниди байни тоҷикон дар солҳои 1994-1997 таваққуф намуда, таъкид намуданд, ки "... барои расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар тӯли се солу се моҳ ҷараёни гуфтушунидҳои басо мураккаб, доманадор ва мушкилро паси сар намудем. Зиёда аз 21 маротиба ба таври расмӣ ва даҳҳо маротиба ба таври ғайрирасмӣ музокирот ва вохӯрию мулоқот баргузор намуда, дар ҷараёни онҳо паҳлуҳои мухталифи низоми давлатдорӣ ва фарҳанги сулҳро кашф кардем. Мо қабл аз ҳама сабру таҳаммул, эҳтироми ҳарифи сиёсиро омӯхтем, санъати баҳсу андеша ва муҳокимарониро дар заминаи далелҳои муътамад аз бар намудем, фазои боварию эътимодро фароҳам овардем, ҷустуҷӯйи роҳи алтернативии ҳалли мушкилот, стратегияи доманадори расидан ба сулҳу ризоияти миллиро пеш гирифтем. Дар натиҷа фазои хусумат, шубҳа ва ноумедӣ аз байн рафта, ба ҷойи он эътимоду боварии тарафҳои мухталиф ба ҳамдигар афзуд, ҳалли масъалаҳои баҳснок дар асоси Конститутсияи мамлакат ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ танзим гардид.

Таҷриба нишон дод, ки дар роҳи расидан ба сулҳу салоҳ ва ризоияти миллӣ монеаҳои бартарафнашаванда қариб вуҷуд надоранд. Ба шарте, ки дар мадди аввал манфиати миллат, манфиати давлат ва манфиати кулли сокинони ҷумҳурӣ қарор дошта бошад" [5, с. 139-140].

Комиссияи оштии миллӣ бо фармони Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон 4 июни соли 1997 бунёд карда шуд. Мақсади комиссияи оштии миллӣ – ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдор нигоҳ доштани сулҳ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, вазифаи он ба инобат гирифтани чунин талабу дархости тарафҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои расмии гуфтушунидҳо (протоколҳо) акс ёфтаанд, ё худ тарафҳо пешниҳод намудаанд, ба монанди: ба ҳокимият ҳамроҳ намудани тарафи мухолифин, ҳалли масъалаи гурезаҳо, ҳалли масъалаи

силоҳбадастони тарафи мухолифин ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафт. Барои фаъолияти он меҳмонхонаи «Вахш» - и шаҳри Душанберо интихоб намуданд.

Машварати нахустини комиссия дар шаҳри Москва, аз 7 – то 11 июли ҳамон сол барпо гардид. Дар шаҳри Душанбе аввалин машварати он 15 сентябри он сол ба амал омад. Сарвари комиссия, роҳбари иттиҳоди мухолифини тоҷик, Саид Абдуллои Нурӣ таъин гардид. Комиссия аз 4 зеркомиссияҳои зерин иборат буд: сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва оиди гурезагон.

Бо мақсади ба амал баровардани кор дар байни Комиссияи оштии миллӣ бо ҳукумат, гурӯҳи ҳамкорӣ низ таъсис ёфта буд, ки ба он намояндаи Созмони Милали Муттаҳид роҳбарӣ мекард.

Мувофиқи қайди иштирокчии ҷаласаи комиссияи оштии миллӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои аввали комиссия, дар ҳузури ҳамаи аъзоёни он таъкид кардаанд: Шумо, аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ, ҳимоятгари сулҳи деринтизор мебошед. Ояндаи дурахшони Тоҷикистон аз кори шумо вобастагӣ дорад. Шумо узв ё худ асос мебошед, ки он бунёди ҳаёт ва сулҳро амалӣ менамояд [6, с. 19].

Ҳар қароре, ки бо мувофиқа бо Президенти мамлакат комиссияи оштии миллӣ ба он меомад, яъне қабул мекард, иҷрои он аз тарафи тамоми ташкилотҳои ҳокимиятӣ ҳатмӣ буд [10].

Мувофиқи протоколи дар байни иттиҳоди мухолифини тоҷик ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки 18 майи соли 1997 дар Москва имзо гардид, баъди имзои сулҳ, дар давраи гузариш, яъне солҳои 1997-2000, Ҳукумат 30%-и вазифаҳоро аз ҳукумати марказӣ сар карда, то ҳукумати маҳаллӣ бояд ба манфиати тарафи мухолифин гузашт мекард [10].

Комиссияи оштии миллӣ дар давраи фаъолияти худ масъалаҳои зеринро ҳал намуд:

1) Роҳҳои назорати иҷроиши амалии бандҳои «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ дар Тоҷикистон»-ро якҷоя бо дигар ташкилотҳои марбута муҳайё намуд;

2) Андешидани чораҳои зарурӣ; а) оиди бехатарии баргаштани гурезагон ва ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат; б) оиди аз нав барқарор намудани мулкҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида, аз ҷумла: хонаҳои истиқоматии валангоргардида ва сӯзонидашуда; ба кор даровардани корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда; аз нав барқарор намудани ташкилотҳои хароб ва тороҷ намудаи кишоварзӣ ва ғайраҳо;

3) Пешниҳод намудани таклифҳо аз хусуси тағйир додани қонунҳои амалкунанда оиди ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва матбуоти даврӣ;

4) Омода намудани таклифҳо оиди тағйир додани баъзе бандҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ ва илова ба онҳо, инчунин пешниҳоди ин таклифҳо ба райъпурсии умумихалқӣ;

5) Барои давраи гузариш муайян намудани ҳайати комиссияи марказии интихоботӣ ва райъпурсии умумихалқӣ. Ба ҳайати он дохил намудани 25% намояндагон аз тарафи мухолифини тоҷик;

6) Аз тарафи комиссия қариб 6 ҳазор нафар ҷанговарони тарафи мухолифин ва зиёда аз 2 ҳазор адад аслиҳаи онҳо ба қайд гирифта шуд;

7) Аз Афғонистон ба Тоҷикистон баргаштани иттиҳоди мухолифини тоҷикро ба итмом расонид;

8) Аз Афғонистон ба Тоҷикистон пурра баргаштани гурезагон ва ҷо ба ҷо намудану ба ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат дохил шудани онҳоро назорат намуд;

9) Мувофиқи квотаи 30%-и барои мухолифин ҷудо гардида номзадҳоро ба сохтори ҳукумати иҷроия, органҳои судӣ ва муҳофизати қудратӣ пешниҳод намуд [7, 470-471].

Аз ҷумла ба ҷумҳурӣ баргардонидани қувваҳои мусаллаҳи иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҷаласаи комиссияи оштии миллӣ борҳо муҳокима гардид. Дар давраи ҳалли ин масъала 6440 нафар аз қайд гузаштанд. Аз тарафи зеркомиссия 1431 адад автомат, 16 адад пистолет, 13 адад пулемёт, 12 адад БТР, 43 адад минамёт ва пушка (тӯп), 5 адад танк, 153 адад гранатамёт, 1 адад БМП(мошини ҷангии пиёданизомиён) ва ғайраҳо ба қайд гирифта

шуданд. Дар муддати ду моҳ зиёда аз 6 ҳазор нафар ҷанговарони иттиҳоди мухолифини тоҷик аз қайд гузаштанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ 20 октябри соли 1997 амнистияи умумӣ (авфи умумӣ) эълон кард ва дар натиҷа он садҳо нафар озод гардиданд. 14 майи соли 1999 Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ лоиҳаи қарорро "Дар бораи амнистияи умумӣ" дида баромад ва дар натиҷа 5377 нафар ҷанговарони тарафи мухолифин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданд. Дар натиҷаи мувофиқаи байни Комиссияи оштии миллӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар муддати солҳои 1997-2000 аз 6079 нафар ҷанговарони тарафи мухолифин 5061 нафар, дар натиҷаи аттестатсия, ба сафи қӯшунҳои миллии ҷумҳурӣ қабул карда шуд. Ниҳоят, иттиҳоди мухолифини тоҷик эълон кард, ки қуввaҳои мусаллаҳи худро пароканда менамояд [6].

Маҳз дар асоси ҳамин квота, яке аз лидерҳои тарафи мухолифин – Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода соҳиби мансаби ҷонишини сарвазири мамлакат гардид.

Дар баргардонидани гурезагон, махсусан аз хоки Афғонистон ва аз нав барқарор намудани манзили зисти онҳо, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, мавқеи бузургро бозид. Дар натиҷа, танҳо дар ҳудуди вилояти Хатлон 38 ҳазор адад хонаҳое, ки дар солҳои ҷанг хароб гардида буданд, аз нав барқарор карда шуд. Баъдтар, аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба собиқ деҳқонони гуреза илова 25 ҳазор гектар замин, барои беҳтар намудани дараҷаи зиндагӣ ҷудо гардид [6, с. 18].

Фаъолияти комиссия дар замоне мегузашт, ки ҳанӯз ҳам дар баъзе гӯшаҳои ҷумҳурӣ, ҳатто шаҳри Душанбе ва атрофии он муқовиматҳо ба амал меомаданд. Аз ҷумла, чунин муқовиматҳои танҳо соли 1998 ба амал омада, ба монандӣ: моҳҳои март – май дар маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Ваҳдат (ҳамон вакт ноҳияи Кофарниҳон), 22 сентябр дар шаҳри Душанбе кушта шудани раиси зеркомиссияи ҳуқуқии комиссияи оштии миллӣ, намояндаи мухолифини тоҷик, яке аз рӯзноманигори замони Шуравӣ - Отахон Латифӣ, 4 – 7 ноябр ҳуҷуми полковник Маҳмуд Худойбердиев ба вилояти Суғд ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Аммо ба ҳамаи онҳо нигоҳ накарда, комиссия фаъолияти худро давом дод.

Дар давоми фаъолияти комиссия, то ин ки тарафҳо бо ҳам наздиктар шаванд, баъзе кӯшишҳои ҷиддӣ карда шуд. Аз ҷумла, бо талаби тарафи мухолифин 26 сентябри соли 1999 бо роҳи райъпурсии умумихалқӣ, ба қонуни асосӣ – Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироту иловаҳо даровaрда шуд. 28 сентябри соли 1999 Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ба тарзи расмӣ, номнавис карда шуд. Ҳол он ки аз моҳи ноябри соли 1997 то моҳи марти соли 1998 ҳангоми муҳокимаи «Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолият ба ҳизбҳое, ки дар асоси принсипҳои динӣ бунёд гардидаанд, иҷозати фаъолият карданро надода буд. Баъди чунин тағйиртҳо 6 ноябри соли 1999 интихоботи Президенти ҷумҳур гузаронида шуд, ки дар он ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон низ номзади худ Давлат Усмонро гузошта буд. Пирӯзӣ нисбати Эмомалӣ Раҳмон гардид.

27 феврали соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Намояндагон гузаронида шуд, ки дар он аз 6 ҳизбҳои сиёсии дар ҷумҳурӣ номнавис шуда, 3 ҳизбҳои зерин шарти 5% - ро иҷро намуда, ба он ширкат варзиданд: ҳизби халқӣ – демократии Тоҷикистон, ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон. Дар натиҷаи ин интихобот аз 63 намоянда, 60 нафарашон интихоб шуданд. Се нафари дигар баъдтар, интихоб шуданд.

23 марти соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Дар натиҷаи он 34 нафар аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ба мӯҳлати 5 сол таъин гардиданд.

Ҳамин тавр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти касбӣ, дар шакли Маҷлиси Намояндагон ва Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ, яъне ду палатагӣ ташкил ёфт. Дар натиҷа комиссияи оштии миллӣ вазифаи худро иҷро намуд. Бо назардошти ин 1 апрели соли 2000, дар асоси Указͅ Президенти ҷумҳурӣ, комиссияи оштии миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро қатъ намуд. Ин комиссия дар натиҷаи фаъолияти 998 рӯзаи худ (ё худ 2 солу 8 моҳу 25 рӯза) тавонист барои амалӣ намудани натиҷаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон

кӯшишҳои ҷиддӣ намояд ва бо ин барои пойдории сулҳи тоҷикон ҳиссаи босазое гузорад. Барои бо муваффақият анҷом ёфтани кори комиссия, ташкилотҳои байналхалқӣ, махсусан Созмони Милали Муттаҳид (СММ - ООН), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ - ОБСЕ) ва дигарон ҳиссаи худро гузоштанд.

Сулҳи ба дастдаровардаи тоҷикон аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Зеро, чуноне таъкид намудем, дар таърихи инсоният ҷангҳои зиёди шаҳрвандӣ ба амал омадааст. Аммо аксари кулли онҳо бо сулҳи тарафҳо ба итмом нарасидааст. Аз ин рӯ, дар Симпозиуми байналмилалии “Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон, ки 26-27 апрели соли 2001 дар шаҳри Душанбе барпо гардид, қайд карда шуд, ки сулҳи Тоҷикистон барои мардуми ҷаҳон ибрат ва сабақи таърихӣ мебошад.

Собиқ котиби генералии Созмони Миллали Муттаҳид Кофӣ Аннан дар яке аз вохӯриҳояш бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, оиди мавқеи сулҳи байни тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ, таъкид кардааст: Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, оиди ҳалли муноқишаҳои дохилӣ, таҷрибаи беҳамторо дод[6, с. 18].

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Э. Ҳадафи мо – ваҳдати миллӣ. / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 72 с.
2. Раҳмонов Э. Роҳи тӯлонӣ ба сӯи сулҳ. / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1998. – 100 с.
3. Раҳмонов Э. Ҳадафи мо – ваҳдат, ризоият ва созандагӣ. / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 160 с.
4. Раҳмон Э. Понздаҳ марҳилаи истиқлолият // «Рӯзномаи халқ». – 2006. – 20 сентябр.
5. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориёиҳо то сомониён. Чор китоб. – Душанбе, 2009. – 132 с.
6. Саидуллоев И. Нақши Комиссияи оштии миллӣ дар барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1997–2000). Автореферати рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих. – Душанбе, 2006. – 21 с.
7. Таърихи халқи тоҷик. Ҷилди VI. Таърихи муосир (1941–2010). Таҳти таҳрири умумии академик Раҳим Масов. – Душанбе, 2011. – 471 с.
8. Зиёев Т. Ошти миллӣ дар Тоҷикистон дар партави таҷрибаи байналмилалӣ. / Т. Зиёев // Маводи форуми илмӣ-амалӣ – «Раванди сулҳофарӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе, 1997. – 332 с.
9. Юсуфов З. Н. Низои тоҷикон аз дидгоҳи анъанаҳои мардумӣ. / З. Н. Юсуфов // Маводи форуми илмӣ-амалӣ – «Раванди сулҳофарӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе, 1997. – 147 с.
10. Сатторзода А., Усмонов И. К. Хабарҳо дар бораи сулҳ (ҳуҷҷатҳо). / А. Сатторзода, И. К. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 1998. – 120 с.
11. Хотамов Н. Б. Таърихи навини Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. - 378 с.

**УДК 32.01**

# ҶАНБАИ ФАЛСАФИЮ СИЁСИИ МАСЪАЛАИ ЗӮРОВАРӢ ВА АДАМИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАКИРОНИ АСРҲОИ МИЁНАИ ФОРСУ ТОҶИК

**ДАВЛАТОВА ОЗОДАМОХ САФОМУДИНОВАНА**
*кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры истории и философии Международный университет туризма и предпринимательства Таджкистана. Адрес: г. Душанбе, проспект Борбад 48/5, Тел: 933746374*

Дар мақола ҷанбаи фалсафию сиёсии масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ дар таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ, аз қабили Ибни Муқаффаъ, Абунасрӣ Форобӣ, Низомулмулики Тусӣ, Насируддини Тусӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин давра афкори фалсафию сиёси ба таври фаъол ташаккул ёфт, дар қатори дигар масъалаҳо дар таълимоти фалсафӣ ва сиёсии ислом, масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта буд. Абунасрӣ Форобӣ яке аз барҷастатарин мутафаккири ин давр мебошад, дар таълимоти худ дар бораи масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ андешаҳои худро баён намудааст. Ба андешаи ӯ, вақте, ки роҷе ба адами зӯроварӣ сухан мегӯянд, радди зӯроварӣ дар назар аст. Насируддини Тусӣ дар китоби машҳури худ "Ахлоқи Носирӣ" ба масъалаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ таваҷҷӯҳ намуда менависад, ки инсонҳо барои таъмини зиндагии инфиродӣ ва дастаҷамъии худ ниёз ба ҳамкориҳои мутақобила доранд.

**Калидвожахо:** зуроварӣ ва адами зуроварӣ, фалсафию сиёсӣ, ҷомеа ва давлат, иҷтимоӣ, неку бад.

# ФИЛОСОФСКО-ПОЛИТИЧЕСКОЕ ИЗМЕРЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ НАСИЛИЯ И НЕНАСИЛИЯ В УЧЕНИИ СРЕДНЕВЕКОВЫХ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

**ДАВЛАТОВА ОЗОДАМОҲ САФОМУДИНОВНА**
*номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Нишонӣ: хиёбони Борбад 48/5, Душанбе, Тел: 933746374*

В статье обсуждается философско-политический аспект проблемы насилия и ненасилия в учениях средневековых мыслителей, таких как Ибн Мукаффа, Абунасри Фараби, Низамулмулик Туси, Насируддин Туси. В этот период активно формировалась философско-политическая мысль, наряду с другими вопросами философского и политического учения Ислама, обсуждалась проблема насилия и ненасилия. Абунасри Фараби один из самых выдающихся мыслителей этого периода, в своем учении он выразил свое мнение о проблеме насилия и ненасилия. По его мнению, когда речь заходит об ненасилия, речь идет об отказе от насилия. Насируддин Туси в своей знаменитой книге "Насировая этика" фокусируется на социально – политических вопросах и пишет, что люди нуждаются во взаимном сотрудничестве, чтобы обеспечить свою индивидуальную и коллективную жизнь.

**Ключевые слова:** насилие и ненасилия, философия и политика, общество и государство, сотциальное, добро и зло.

# THE PHILOSOPHICAL AND POLITICAL DIMENSION OF VIOLENCE AND NON-VIOLENCE IN THE TEACHINGS OF MEDIEVAL PERSIAN-TAJIK THINKERS.

**DAVLATOVA OZODAMOH SAFOMUDINOVNA**
*candidate of Philosophy, senior lecturer at the Department of History and Philosophy International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.*

This article discusses the philosophical and political aspects of violence and non-violence in the teachings of medieval thinkers such as Ibn Muqaffa, Abunasri Farabi, Nizamulmullik Tusi, and Nasir al-Din Tusi. During this period, philosophical and political thought was actively developing, and the issue of violence and non-violence was discussed alongside other issues of Islamic philosophical and political doctrine. Abunasri Farabi, one of the most prominent thinkers of this period, expressed his views on the issue of violence and non-violence in his teachings. According to him, non-violence refers to the rejection of violence. Nasiruddin Tusi in his famous book "Nasir Ethics" focuses on socio-political issues and writes that people need mutual cooperation to ensure their individual and collective life.

**Key words:** violence and non-violence, philosophy and politics, society and state, social, good and evil.

Афкори фалсафию сиёси дар даврони асрҳои миёнаи исломи ба таври фаъол ташаккул ёфт. Дар замони асрҳои миёна се гурӯҳ барои пешниҳоди таърифҳои истилоҳот ва асоснок кардани мафҳумҳои бунёдини афкори сиёсии исломӣ талош карданд: маъмурону дабирони форс; файласуфон; уламою фақеҳон. Бешак, дар ин маврид накши асосиро донишамдону файласуфоне мебозиданд, ки аксаран аз тарафи руҳониён ва ҳокимон мавриди таъқибу озор қарор мегирифтанд.

Дар қатори дигар масъалаҳо дар таълимоти фалсафӣ ва сиёсии ислом, масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ бештар аз он ҷиҳат мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирифт, ки ин мафҳумҳо ба унвони масоили ба ҳам муқобилу мухолиф якдигарро истисно мекунанд. Гузашта аз ин, дар пажуҳишҳо гоҳ ба як мафҳум афзалият дода мешуд ва гоҳ ба мафҳуми дигаре. Аксаран гуфта мешуд, ки зӯроварӣ метавонад ба адами зӯроварӣ «мубаддал» шавад ва баръакс; яъне як навъ раванди мантиқисозии мафҳумҳо анҷом мешуд.

Яке аз барҷастатарин мутафаккири ин давр Абунасри Форобӣ (870-950), файласуфи маъруфи мактаби машшоия, ки асолатан аз Осиёи Миёна буд, таълимоти амиқу асосноке дар бораи «*мадинаи фозила*», яъне дар бораи давлт, ҳамчун ҷомеаи комил, таҳия кард, ки дар он якпорчагии хирадварзона ва рафтори дуруст василаи расидан ба саодати олӣ маҳсуб мешуд. Мисли ҷисми инсон, ки узвҳои гуногун дорад ва ҳар кадоме аз онҳо мувофиқан вазифаҳои мухталифро иҷро мекунанд, бадани сиёсӣ низ тақсимоти самарабахши меҳнатро тақозо менамояд. Ҳамон гуна ки бадан сар, яъне барои идора кардани худ ҳоким дорад, ҷомеа низ сарваре дорад, ки онро идора мекунад ва онро ба як ҷомеаи ормонии фазилатҳо табдил медиҳад. Дар ин шаҳр ҳоким инсони комил аст. Дар чаҳорчӯби равобити миёни инсонҳо, қавмҳо, шаҳрҳо ва миллатҳо дар заминаи ҷаҳони ислом ва равобити уммати исломӣ бо дигар гурӯҳҳои мазҳабӣ, Форобӣ аз «раҳбари фозил» тақозо мекунад, ки ӯ аз зӯроварӣ, ки шакли олии он ҷанг аст, ба унвони василаи "саодати иҷборӣ" истифода ба амал орад: «Ӯ (яъне ҳокими ҳақиқӣ) сарвари сатҳи аввал аст, ва дар вуҷуди ӯ бояд шаш шарти муҳим ба таври мутаносиб таркиб шуда бошанд: хирадмандӣ, мулоҳизакории комил, [қобилияти] ба волотарин наҳв мутақоид сохтан, [тавони] ба таври олӣ тасаввур кардан, қобилияти ҷисмонии роҳандозии ҷанги муқаддас; ва ҷисми ӯ шомили чизе набошад, ки монеи роҳандозии ҷанги муқаддас гардад. Фарде, ки ин ҳамаро дар худ муттаҳид мекунад, намунаест барои касоне, ки бояд дар ҳама кору кирдор ба ӯ пайравӣ кунанд ва ба суханону насиҳатҳояш гӯш фаро диҳанд». [1. С. 218.]

Зимни таҳлили таноқузи «зӯроварӣ – адами зӯроварӣ» Форобӣ аз тарзи таҳлили худ истифода мекунад. Ба андешаи ӯ, вақте, ки роҷе ба адами зӯроварӣ сухан мегӯянд, радди зӯроварӣ дар назар аст, ва на танҳо ба маънои интиқод ва рад кардани истифода аз он ё ба хотири он, ки мо бо назардошти паёмадҳои марбут ба хисорот ва ранҷи инсонҳо ва омилҳои зидди арзишие, ки он ба бор дорад, мухолифи зӯроварӣ ҳастем, балки инчунин бо он сабаб, ки зимини суханронӣ дар боари зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ омӯзаи назарию ахлоқие манзур аст, ки аз радди одии зӯроварӣ комилан фарқ мекунад. Дар ин ҳолат омӯзаи мазкур дар яке мафҳумҳо дар бораи ҷанги одилона ва ё ноодилона таҷассум меёбад. Форобӣ панҷ навъи ҷанги одилонаро мушаххас кардааст: 1) барои дифоъ аз душмане, ки аз берун ба муқобили шаҳр омадааст; 2) ба даст овардани фоидае, ки шаҳр ба дарёфти он ҳақ дорад, ва

ба сокинони шаҳр баргадонидани ҳаққи онҳо, ки ба дасти бегонагон афтода буд; 3) мардумро маҷбур кардан ба он коре, ки барояшон беҳтар ва муносибтар аст, дар ҳоле ки худашон аз он огоҳ нестанд ва ба касоне, ки аз он огоҳанд, итоат намекунанд ва онҳоро ба ширкат дар ин ҷанг даъват наменамоянд; 4) маҷбур [ба фаъолият] кардани ононе, ки аз манофеи худ огоҳ нестанд, вале ба ғуломӣ ё асорат тан дар намедиҳан; 5) ҷанг бо афроде, ки ба аҳолии шаҳр тааллуқ надоранд ва бар гардани онҳо мардумони шаҳр ҳуқуқи мукарраршуда доранд. [1. с. 230]  Дар ин ҷо аз ду чиз сухан меравад: ба даст овардани неъматҳои шаҳр ва таъмини адолату баробарӣ. Дар мавриди ҷанги зидди аҷнабиён метавон гуфт, ки онҳо бояд нобуд ва ихроҷ карда шаванд, зеро идомаи ҳузури онҳо метавонад ба сокинони шаҳр зиён расонад, ва ин гуна ҷанг маънои ба даст овардани хайр барои сокинони шаҳрро дорад.

Ӯ чӣ гуна ҷангро (яъне зӯровариро) ноодилона медонад? Форобӣ менависад: «Ҳар гоҳ ҳоким бо бархе аз мардум ҷанг кунад, то ба ӯ итоат  кунанд ва зердасташ бошанд, ҳамаи фармонҳояшро риоят кунанд, розӣ бошанд, ки ӯ ҳар тавре ки хоҳад, онҳоро сарварӣ ва идора кунад ва дар ҳар коре ба фармонҳои ӯ мувофиқат кунанд, ин ҷанг беадолатона аст. Ҳамчунин, агар танҳо бо ҳадафи ягонаи ба даст овардани бартарӣ [бар касе] ҷанг кунад, ин ҳам ҷанги ноодилона  хоҳад буд. Айнан ҳамин тавр, агар ӯ на барои чизи дигаре, балки барои фурӯ нишондани хашмаш ва ё ба хотири чашидани лаззати пирӯзӣ ҷангро роҳандозӣ намуда, даст ба куштор занад, ин ҳам ноадолатӣ аст». [1. с. 231] Мутафаккир инчунин ба ин намуди бархурдҳо ва ҷангҳо ҷангеро мансуб медонад, ки дар натиҷаи беадолатии ҳоким сар зада,  аз ҷониби ҳоким «адолати шоиста» дар шакли таъқиб ё куштор дониста мешавад ва боиси хашми омма мегардад.

Тамоми мавридҳоеро, ки баршумурдем, метавон дар чаҳрорчӯби ду шакли зерини зӯроварӣ баён кард: зӯроварии мустақим (фаъол ва ҷисмонӣ) ва он чӣ, ки “зуроварии фарҳангӣ” унвон мешавад. Ин навъшиносӣ акнун дар чаҳорчӯби пажуҳиши масоили сулҳ ба таври васеъ мавриди эътироф қарор гирифтааст. Зери мафҳуми “зӯроварии мустақим” бар асоси таснифоти Форобӣ фаҳмиши классикии зӯроварӣ, яъне амалҳое (ва беамалие) дар назар дошта мешаванд, ки муҷиби хисорот, ранҷ ва ҳатто марги инсонҳо мегарданд: мисли куштор, одамрабоӣ, шиканҷа ва ҷанг. Аниқтараш ин навъи хушунатро метавон чунин тавсиф кард: зӯроварӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки ҳоким бар хилофи хоҳиш ва иродаи мардум даст ба чунин коре мезанад; вақте ки ҳоким ин амалро қасдан анҷом медиҳад; вақте ки амали мазкур бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ анҷом мешавад. Амали бидуни зӯроварӣ дар чунин шаклҳо зоҳир мешавад: сулҳталабӣ (дурӣ ҷустан аз ҷанг), эътирози мардум бар зидди куштор аз номи давлат ё бо фармони давлат ва ғайра. Таҳти ибораи «зӯроварии фарҳангӣ» мо метавонем он ҷанбаҳои тамаддун, маориф ва ҷомеашиносиро дар таълимоти ал-Форобӣ дар назар дошта бошем, ки дар чаҳорчӯби дин, ҳунар, идеология, илм ва ғайра зуҳур мекунанд, ва метавонанд барои тавҷеҳ ё машруъияти зӯроварии мустақим ё сохторӣ хидмат кунанд. Дар мубориза ба муқобили ин гуна зӯроварӣ фарҳанги пархошҷӯӣ ва таҳоҷумӣ, мисли мусаллаҳшавӣ, милитаризм, қавмгароӣ, равобити харобиовар ва ғайра маҳкум карда шуда, фарҳанги аз тарафи умум эътирофшуда (якдилӣ, мубориза барои беҳбуди зиндагонӣ, ҳаққи сулҳ ва ғайра) барқарор, таблиғ ва таҳким карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳифзи ободии мадинаи фозила, муборизаи он барои бахту саодати олӣ, ба қавли А. Форобӣ, ҳадафи асосии ҷанг мебошад.

Намунаи ҳалли масъалаҳои сиёсӣ дар таълимоти асрҳои миёнаи исломӣ «Сиёсатнома», китоби машҳури сиёсатмадор ва мутафаккири форсизабон, вазири аъзами ҳокимони Салҷуқӣ, ҳаким Низомулмулки Тусӣ (1018-1092), мебошад, ки дар осори худ андешаҳои табақаи рӯҳониёнро баён кардааст. «Сиёсатнома» дар баробари «Қобуснома», ки соли 1082 аз ҷониби Унсуралмаолии Кайковус таълиф шуда буд, намунаи барҷастаи жанри адабии «насиҳат-ул-мулук» (насиҳат ба подшоҳон) мебошад. Ҳам Низомулмулк ва ҳам Кайковус ба раҳбарони сиёсии замони худ дар масъалаҳои ҳукумат ва дипломатия маслиҳат медоданд. Ин жанр, ки муддати беш аз ҳазор сол арзи ҳастӣ дошт, дар рисолаҳои файласуфони мусулмон ва мутафаккирони дарборӣ дар иртибот бо зарурати шаклгирии

мавозини ахлоқӣ дар ҳаёти сиёсӣ идомат ёфт. Воқеан, дар рисолаи «Сиёсатнома» меъёрҳои рафторӣ ва мавозини ахлоқие, ки подшоҳон дар гузашта бояд риоя мекарданд ва аз ҷониби Султон Маликшоҳи Салҷуқӣ (465-485/1072-1092) низ риоя мешуданд, сабт шудаанд. Ин асар баёни назарияи воқеъгароёнаест, ки аз ботини вазъи сиёсии воқеӣ бармеояд, ва аз ин ру ба мо барои дарки он матлаб, ки вазъи тараққиёти давлати мусулмонӣ дар асри XI дар чӣ сатҳе қарор дошт, ва сиёсати он нисбат ба одамон дар шароити вуҷуди дуроҳаи «зуроварӣ — адами зӯроварӣ» чӣ гуна буд, ёрӣ мерасонад. Низомулмулк дар бораи мақоми халифа, салоҳият, тахассус ва шеваи интихоби ӯ, дар бораи мақоми вазир, аҳамияти закот, ҷизя, хироҷ ва бисёр дигар ниҳодҳои дорои хусусияти динию сиёсӣ муфассал навиштааст. Вай дар мулоҳизоти худ роҷеъ ба ниҳоди подшоҳӣ кушиш мекунад, ки аз халифа ба унвони сарвари ҷамъияти сиёсии мусулмонон ёдовар нашавад ва ҳамчунин аз мизони равобити ҳокимони Салҷуқи бо халифаҳои Аббосӣ дар навиштаҳояш сарфи назар кунад. Вай зимни ишора ба ҳокимони Салҷуқӣ вожаи «султон»-ро хеле кам ба кор бурда, аз ҳокимонаш бо истифода аз вожаи форсии «падшоҳон» ёдовар мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки Низомулмулк дидаву дониста аз ҳар гуна баҳсе, ки метавонад ба муносибатҳои ҳуқуқии халифа ва шоҳ иртибот дошта бошад, канорагирӣ мекунад, то равобити ду сулолаи арабӣ ва туркиро тезу тунд нагардонад.

Дар «Сиёсатнома» гуфта мешавад, ки Худованд дар ҳама давру замон як намояндаи насли башарро интихоб мекунад, ва ба ӯ мартабаи подшоҳӣ ато мефармояд. Ҳамзамон ин баргузида бояд барои таъмини сулҳу осоиши бандагони Худо талош кунад: «Вай метавонад ба ин шахс он чиро ато фармояд, ки дарҳои фасод ва фитнаву ихтилофро ба рӯяш бибандад ва ӯро дар чашму қалби мардум чунон бузургӣ ва иззату шаъну шараф арзонӣ дорад, ки таҳти ҳукмронии одилонаи ӯ мардум дар амну амонии доимӣ ба сар баранд ва хоҳони идомаи ҳукмронии ӯ бошанд». [8. с. 13] Муҷозоти Худо барои саркашӣ ё беэътиноӣ ба қонуни илоҳӣ (аз ҷониби бандагонаш, аз ҷумла, аз ҷониби подшоҳ) фурӯпошии комил ё аз байн рафтани салтанат ва инчунин оғози ноором иҳои шаҳрвандӣ ва вайронию харобиҳо мебошад. Пас подшоҳи нав пайдо мешавад: ба хости Илоҳӣ инсони баргузидае ба шукуфоию қудрат даст меёбад. Худованд, ба ӯ бахту доноӣ ва хирад мебахшад ва имкон медиҳад, ки зердастонашро куллан ва ҳар якеро дар алоҳидагӣ, мувофиқи лаёқаташон истифода барад ва ҳар якро ба мақоме муносиби шоистагиаш расонад.

Дар назари аввал таваҷҷуҳи Низомулмулк дар заминаи назарияаш роҷеъ ба қудрати шоҳони ба Эрони қабл аз ислом нигаронида шудааст, аммо аслан вай як фарди мазҳабиест, ки ба арзишҳои исломии марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ эътиқод дорад. Аммо назарияи сиёсии ӯ созгорӣ миёни армонҳои қадимии форсӣ ва идеологияи сиёсии исломро дар назар дорад. Далел бар дурустии чунин мулоҳизот ин аст, ки Низомулмулк ҳангоми таҳлили вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ бештар ба таҷрибаи шоҳони пешазисломии Эрон, чун Баҳроми Гур ва Анӯширвон, ишора мекунад. Масалан, дар бахши чорум дар бораи Баҳроми Гур, ки вазираш Ростравшан дар ғайбати подшоҳ нисбат ба тобеонаш худсарӣ ва зӯроварӣ нишон додааст, нақл мекунад: «Баҳром ба Ростравшан рӯй оварда пурсид: «Ин чӣ ноором иҳоест, ки дар кишвар барпо кардаӣ ва лашкари моро беғизо гузоштаӣ? Ту зердастони моро хор ва саркӯб кардӣ! Ба ту фармон шуда буд, ки мардуми моро сари вақт бо нони ҳаррӯза таъмин созӣ ва аз ҳоли вилоят огоҳ бошӣ, ба ҷуз он миқдор, ки зарур бошад, андози нагирӣ ва хазинаро дар ҳолати хуб нигоҳ дорӣ. Ҳоло мебинам, ки хазина холӣ аст, артиш бидуни маводи ғизоӣ буда, тобеон дар ҳоли фақр қарор доранд»».[8. с. 27]

Зӯроварӣ дар ин ҷо на бо истифода аз зӯрӣ ё расонидани зарари ҷисмонӣ, балки аз тариқи таҳдиди ахлоқӣ ва равонӣ, тарсонидани тобеон, тавассути абзорҳои ҳокимият, ки хоси сиёсати ҳокимон аст, амалӣ мегардад, ки ин боиси буҳрони иқтисодӣ дар кишвар, хатари гуруснагии эҳтимолӣ дар артиш ва тарс аз холӣ шудани хазина мешавад. Ин таҳдидҳо қасдан роҳандозӣ шуда, ба пешрафти ҷамъият, ба ҳаёт ва фаъолияти ҳар як узви ҷомеа таъсири ниҳоят манфӣ мерасонанд.

Низомулмулк муътақид аст, ки "зӯроварӣ хушунатро ба вуҷуд меорад". Ҳамин тариқ, посухи Баҳром ба рафтори қасдан таҳдидомези Ростравшан низ ҷанбаи зӯроварӣ дошта буд:

«Вай [Баҳром] фармон дод, ки ҳар чизе, ки вазир ва тамоми тобеонаш аз худ карда буданд, аз шумори чорво ва дигар ашёе, ки аз мардум бо зӯрӣ ва ба шакли ришва гирифта буданд, ба хазина ва ба мардум баргардонида шавад. Ва фармуд, то дар назди дарвозаи бошишгоҳаш чӯби дор гузошта, аввал Ростравшанро ба дор овезанд ва сипас онҳоеро, ки дар ин дасиса бо ӯ ҳамроҳ буданд».[8.С.30.] Ба андешаи Низомулмулк, идеали истибдоди хайрхоҳона мавҷудияти як подшоҳи некманишеро дар назар дорад, ки на ба манфиати худ, балки ба манфиати тамоми кишвар ҳукумат мекунад; ва ҷавҳари зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ дар заминаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ маҳз дар ҳамин аст.

Насируддини Тусӣ, ситорашинос, файласуф ва фақеҳи маъруфи тоҷику форс дар китоби машҳури худ «Аҳлоқи Носирӣ» ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ бобҳои алоҳида (дурусттараш, муколимот) бахшидааст, ки онҳо куллан ба ду қисм ҷудо мешаванд: дар қисми аввал (миқиёси хурд) масъалаҳои дохилӣ ё хонаводагӣ баррасӣ мешаванд, ва онҳо “Дар тадбири манзил” унвон гирифтаанд; ва дар қисми дуюм масъалаҳои «миллӣ» ё тартиботи ҷомеа (шаҳр) (миқёси калон) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин бора унвони муколимоти қисми дуюм, яъне «Дар сиёсати мудун» («Дар бораи идораи шаҳрҳо»), низ гувоҳӣ медиҳад.

Дар муколамаи аввал Носируддини Тӯсӣ менависад, ки инсонҳо барои таъмини зиндагии инфиродӣ ва дастаҷамъии худ ниёз ба ҳамкориҳои мутақобила доранд: “Азбаски мардум аз ҳар табақа, ҳоким ё тобеъ, лоиқ ё вобаста ба ин гуна иттиҳод ва низом ниёз доранд, пас ҳар кас мувофиқи мавқеъи худ, масъули корҳои ҷомеа аст, ки дар он ӯ чӯпон буда, гурӯҳе рамаи ӯянд”. [7. С. 218.]

Бахши сеюми муколамаи дуюм ба баррасии навъҳои ҷомеаи инсонӣ ё шаҳр бахшида шудааст. Ин навъҳо аз тариқи рафтори нек ё бади инсон муайян мешаванд ва мувофиқан метавон дар бораи мадинаи фозила (шаҳри некӯкор) ва мадинаи ғайрифозила (шаҳри ғайрифазила) сухан гуфт: «Аммо мадинаи фозила, иттиҳоди мардумонест, ки ормонашон ба даст овардани некиву дур кардани бадӣ аст; ногузир аст, ки онҳо (мардум) дар ду чиз мушорикат дошта бошанд – дар дидгоҳ ва дар амал. Ваҳдати дидгоҳҳояшон ба он маъност, ки эътиқоди онҳо дар мавриди оғозу анҷоми зиндагии мардум ва аъмоли онҳо дар ҳолати мобайнии ин ду маврид ба ҳақиқат наздик буда, ба якдигар мувофиқат мекунад”. [7.С. 299.] Мақулаҳои нек ва бад дар муайян кардани зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ – ба унвони амал ва фаъолияти одамон дар ҷомеа (ё шаҳр) ҷанбаи бунёдин доранд. Сарвари шаҳр, пешвои ин мардумон ба ҳар як гурӯҳ мунсифона ва мувофики шаъну эътибораш муносибат мекунад. Аммо Насируддини Тӯсӣ таъкид мекунад, ки агар мардум «аз пайравӣ ба сарвари шаҳр сарпечӣ кунанд, нерӯи ғазаб дар вуҷуди онҳо бар тавоноии ақлӣ ғолиб мегардад, ва он гоҳ дар байнашон таассубу бадгумонӣ, зиддият ва ихтилофоти динӣ ба вуҷуд меояд. Агар онҳо фикр кунанд, ки дар шаҳр қудрати ҳоким вуҷуд надорад, пас ҳама даъвои қудрат хоҳанд кард. Ҳар як шакли хаёлӣ ва ё маҷозие, ки эшон онро гиромӣ медоранд, барояшон ба бут табдил ёфта, як гурӯҳро ба тобеияти худ мекашад ва боиси ихтилофу тафриқа мегардад».[7. С. 303.] Хулоса, мадинаи фозила ҷамъиятеро таҷассум мекунад, ки дар он муносибати ҳоким ба тобеонаш ва муносибати сокинонаш ба ҳамдигар бар пояи адами зӯроварӣ ва як навъ сулҳпарварӣ қарор гирифта, ҳадафи он таъмини беҳбуди сокинон ва рушду ободии ҷомеа (шаҳр) аст.

Аммо шаҳрҳое, ки фозила нестанд, сокинонашон, ба ақидаи Н. Тӯсӣ, ё ҷоҳиланд, ё фосиқ ва ё гумроҳ. Мутафаккир дар асоси ҳамин гуна хусусиятҳо шаҳрҳои ҷоҳила ва фосиқаро ба шаш намуд таксим мекунад: ҷамъияте, ки ба зарурат асос ёфтааст; ҷомеаи бадҷинс; ҷамеаи паст; ҷомеаи ашрофият; ҷомеаи бартаридошта; ҷомеаи озод. Дар ҳар яке аз ин шаҳрҳо аломатҳои зӯроварӣ мушоҳида мегарданд, аммо онҳо бештар дар шаҳри бартаридошта, ё ҷомеае, ки сокинонаш кумаки мутақобиларо қувват меҳисобанд, ба назар мерасанд. Н. Тӯсӣ мегӯяд, ки онҳо ба хотири фаровонӣ майл ба пирӯзӣ доранд, ки мақсад аз он вобаста ба хостаҳои ин сокинон гуногун аст: «... Масалан, афроде ҳастанд, ки мехоҳанд ҳукмронӣ кунанд, бо вуҷуди он, ки ташнаи хунанд; бархе дигар ба хотири дороӣ мехоҳанд даст ба чунин коре зананд; ва баъзе афроди дигар ҳадаф доранд, ки рӯҳияи одамонро тасхир

кунанд, то онҳоро мубаддал ба бардагон (ғуломон) намоянд. Ба ин тартиб, ихтилоф миёни сокинони ин шаҳр вобаста ба зиёдаравӣ фасод дар ин хостаҳо аст, оммо онҳо ба хотири ба даст овардани бартарӣ бо ташнагони хун, ё ҷӯяндагони дорой ва ё тасхиркунандагони рӯҳи одамӣ муттаҳид мешаванд».[7.С. 218.] Ба ибораи дигар, лаззати онҳо на танҳо дар пирӯзӣ, балки дар зӯроварӣ ва таҳқири мағлубшудагон ва ба ғулом табдил додани онҳо низ аст.

Онҳо нисбат ба мардуми тасхиршуда зӯроварӣ намуда, онҳоро таҳқир мекунанд, ки ин аз тариқи дағалӣ, бераҳмӣ, хашму ғазаб, такаббур, кинаварзӣ; ҳирсу тамаъ ба фаровонии мол, ғизо ва майли шаҳвонӣ зоҳир мешавад; қисми дигари сокинони ин гуна шаҳр «бо роҳи фиреб ва тақаллуб соҳиби дорой шуданро афзалтар медонанд; гуруҳи сеюм майл ба зӯроварӣ ва хусумати ошкоро доранд; гурӯҳи чорум ҳам қаллобӣ ва ҳам фиребу зӯровариро бо хусумати ошкоро истифода мебарад. Ваҳшатноктарин бераҳмӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар ин шаҳр боз як гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки «мехоҳанд хун ва мол ба даст оранд. Онҳо одами хуфтаеро пайдо намуда, ӯро бедор мекунанд, зеро куштани инсонро дар ҳолате афзалтар медонанд, ки ӯ имкони муқовимат кардан дошта бошад; ва чунин пирӯзӣ барояшон руҳафзотар аст».[7. С. 313.]

Аломати ифротгарой дар миёни сокинони ин шаҳр пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки ҳарчанд онҳо табиатан ба тасхири мутлақ майл доранд, аммо аз он худдорӣ мекунанд; пеш аз ҳама, танҳо ба он хотир, ки зарурати ҳамкориро барои зинда мондан, ҳукмронӣ кардан, ба даст овардани сарват ва ҳаловату лаззат бурдан эҳсос мекунанд ва аз он огоҳӣ доранд. Аҷиб ин аст, ки Насируддини Тӯсӣ ҳангоми тақсимбандии ҳокимон (ё арбобон) аз рӯи сифатҳояшон дар иртибот бо тавону маҳорати идоракунии шаҳр ва тамоюл ба тасхири сарзаминҳои нав, ба гурӯҳи дуюм он афродеро мансуб медонад, ки ҳамчунон “тасхири сарзаминҳоро барои лаззат бурдан истифода мебаранд; вале агар лаззат бидуни зӯроварӣ мумкин бошад, аз футуҳот худдорӣ мекунанд».[7. С. 315.] Аммо ин чизе бештар аз зӯроварӣ дар шакли воқеии он аст. Насируддини Тусӣ сокинони ин шаҳрро чунин тавсиф мекунад: «... аҳолии ин се шаҳр мутакаббир мешаванд, нисбат ба дигарон нафрат нишон медиҳанд, ҳарфҳои беҳуда мезананд, мутакаббиранд ва худситоиро дӯст медоранд; ба худ тахаллусҳои зебо интихоб мекунанд; онҳо худро меҳрубону зариф мешуморанд, аммо ба дигарон ҳамчун ба одамони беақл ва бемаърифат назар мекунанд" [7. С. 334].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ҷанбаи фалсафӣ ва сиёсии масъалаи зӯроварӣ ва адами зӯроварӣ дар таълимоти асрҳои миёнаи исломи бояд дар доираи равобитиривоҷёфтаи давлат ва ҷомеа ва тавассути таҳлили сохторӣ, ки барои омӯзиши низоъ ва мушкилоти иҷтимоъию сиёсӣ қобили қабул аст, баррасӣ шавад.

## АДАБИЁТ


1. Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. /Пер. с араб. – Алма-Ата, 1973. С. 399.
2. Ал – Фараби. Философские трактаты. Алма-Ата, 1972. – 430с.
3. Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина. – Душанбе, 1990. – 88с
4. Гусейнов, А.А. Ненасилие как правда жизни // Опыт ненасилия в XX столетии: Социально – этические очерки / Под ред. Р.Г.Апресяна. – М.: Аслан, 1996. – С. 236 – 265.
5. Ибн аль-Мукаффа. Калила и Димна. /Пер. с араб. Б.Шидфар. - М.: «Художественная литература», 1986. С. 304.
6. Ибн Халдун. Ал-Мукаддима. - Бейрут: Дар ал-фикр, б.г. /Составление, перевод с арабского и примечания А.В. Смирнова / Историко-философский ежегодник 2007 / Ин-т философии РАН. – М.: Наука, 2008. С. 201-202.
7. Насируддин Тусӣ. *Ахлоқи Носирӣ,* - Душанбе, 2014. С. 404.
8. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 1969, с. 200
9. Содиқов А.С. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. – Душанбе. 1989
10. Смирнов А.В. Ибн Халдун и его новая наука // Историко-философский ежегодник 2007 / Ин-т философии РАН. – М.: Наука, 2008. С. 168 - 186.
11. Усанов Р.Т. Этика ненасилия в нравственных учениях таджикских мыслителей (X-XII вв.). – Худжанд, 2006.

**УДК 316.42**

# ҶАҲОНИШАВӢ, ТАҲДИДҲО ВА ИМКОНИЯТҲО ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

**ШАРИПОВ АБДУЛВАҲОБ МАҲДИЕВИЧ**
*муаллими калони кафедраи фалсафа ва таърих Донишгоҳи Байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: 985085842, e-mail: vahob.mahdy@mail.ru*

Дар мақолаи мазкур моҳият ва хусусиятҳои раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла диссертатсияҳои иқтисодӣ ва фалсафӣ, таъсири духӯраи ин равандро ба истиқлолияти давлатӣ ва рушди миллӣ таҳлил намудааст. Дар кор масъалаҳои мубрами рӯз, аз қабили таҳдидҳои геополитикӣ, бӯҳронҳои молиявӣ, вазъи бозори меҳнат ва пайомадҳои муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ шуда, нақши "иқтисодиёти сабз" ва рақамикунонӣ ҳамчун роҳҳои алтернативии рушд нишон дода шудаанд. Диққати махсус ба тағйирёбии шуури иҷтимоӣ ва хатарҳои "макдоналдизатсия"-и фарҳангӣ дода шуда, зарурати ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити бархӯрди тамаддунҳо таъкид мегардад. Таҳлили вазъи ҷанги Украина, низоъҳои Шарқи Наздик ва рақобатҳои геостратегӣ дар Арктика ҳамчун нишондиҳандаҳои бӯҳрони системавии ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба марҳилаи фрагментатсияи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудаанд. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои мӯътамад, хулоса карда мешавад, ки барои Тоҷикистон модели оптималии рушд – ин сиёсати "дарҳои боз" дар якҷоягӣ бо таҳкими истеҳсолоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди сармояи инсонӣ мебошад. Мақола роҳкардҳои амалиро оид ба диверсификатсияи иқтисодиёт, ислоҳоти маориф ва истифодаи самараноки мавқеи транзитии кишвар пешниҳод менамояд, ки барои таҳияи стратегияҳои давлатӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо, имкониятҳо, Тоҷикистон, таъсир, сиёсат, ҷамъиятшиносӣ, ҷаҳон, Ғарб, Русия, иқтисодиёт, ғизо, экология, шуур, таҳлил, таҳқиқ, стратегия, рушд, устувор, миллӣ, истиқлолият.

# ГЛОБАЛИЗАЦИЯ, УГРОЗЫ И ВОЗМОЖНОСТИ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

**ШАРИПОВ АБДУЛВАҲОБ МАҲДИЕВИЧ**
*муаллими калони кафедраи фалсафа ва таърих Донишгоҳи Байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: 985085842, e-mail: vahob.mahdy@mail.ru*

В данной статье всесторонне рассматривается сущность и характеристики процесса глобализации, как сложного политико-экономического и культурного феномена в современных условиях Республики Таджикистан. На основе фундаментальных работ отечественных и зарубежных ученых, включая экономико-философские диссертации, автор анализирует двойное воздействие этого процесса на государственную независимость и национальное развитие. В работе рассматриваются актуальные вопросы современности, такие как геополитические угрозы, финансовые кризисы, состояние рынка труда и последствия трудовой миграции, а также показана роль «зеленой экономики» и цифровизации как альтернативных путей развития. Особое внимание уделяется изменению общественного сознания и опасностям культурной «макдонализации», подчеркивая необходимость сохранения национальной идентичности в контексте столкновения цивилизаций. Анализ ситуации в Украине, конфликтов на Ближнем Востоке и геостратегической конкуренции в Арктике рассматривается, как индикаторы системного кризиса глобализации и перехода к этапу глобальной фрагментации. На основе изучения

достоверных источников делается вывод о том, что оптимальной моделью развития Таджикистана является политика «открытых дверей» в сочетании с укреплением отечественного производства, обеспечением продовольственной безопасности и развитием человеческого капитала. В статье предлагаются практические подходы к диверсификации экономики, реформированию образования и эффективному использованию транзитного положения страны, имеющие научно-практическое значение для разработки государственных стратегий.

**Ключевые слова:** глобализация, угрозы, возможности, Таджикистан, влияние, политика, социальные науки, мир, Запад, Россия, экономика, продовольствие, экология, сознание, анализ, исследования, стратегия, развитие, устойчивое развитие, национальная независимость.

## GLOBALIZATION, THREATS AND OPPORTUNITIES IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN

**SHARIPOV ABDULVAHOB MADIEVICH**

*Senior Lecturer, Department of Philosophy and History, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: 985085842, e-mail: vahob.mahdy@mail.ru*

This article comprehensively examines the essence and characteristics of the globalization process as a complex political, economic and cultural phenomenon in the modern conditions of the Republic of Tajikistan. Based on the fundamental works of domestic and foreign scientists, including economic and philosophical dissertations, the author analyzes the dual impact of this process on state independence and national development. The work discusses topical issues of the day, such as geopolitical threats, financial crises, the state of the labor market and the consequences of labor migration, and shows the role of the "green economy" and digitalization as alternative ways of development. Special attention is paid to the changing social consciousness and the dangers of cultural "McDonaldization", emphasizing the need to preserve national identity in the context of the clash of civilizations. The analysis of the situation in Ukraine, the conflicts in the Middle East and geostrategic competition in the Arctic are considered as indicators of the systemic crisis of globalization and the transition to a stage of global fragmentation. Based on the study of reliable sources, it is concluded that the optimal development model for Tajikistan is the "open door" policy in combination with the strengthening of domestic production, ensuring food security and the development of human capital. The article proposes practical approaches to diversifying the economy, reforming education and effectively using the country's transit position, which are of scientific and practical importance for the development of state strategies.

**Keywords:** globalization, threats, opportunities, Tajikistan, impact, politics, social science, world, West, Russia, economy, food, ecology, consciousness, analysis, research, strategy, development, sustainable, national, independence.

Дар оғози асри XXI ва махсусан дар даҳсолаи сеюми он, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳассоси рушди таърихии худ қарор дорад. Ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ҳамчун раванди фарогири ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ, сарҳадҳои анъанавии давлатҳоро шаффофтар гардонида, ба истиқлолияти миллӣ мазмуни нав мебахшад. Тавре дар китоби **"Тоҷикон дар оинаи таърих"** Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: *"Таърих гувоҳ аст, ки танҳо он миллатҳое дар арсаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонанд, ки тавонанд арзишҳои миллии худро бо дастовардҳои тамаддуни башарӣ ҳамоҳанг созанд"* [1, с. 12].

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили ҳаматарафаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба амнияти иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳувияти фарҳангии Тоҷикистон, инчунин пешниҳоди роҳкардҳои илмӣ барои истифодаи самараноки имкониятҳои ҷаҳонишавӣ мебошад.

Т.Н. Назаров дар асараш **"Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат, ҳамкориҳои байналмилалӣ"** ҷаҳонишавиро на танҳо ҳамчун таҳдид, балки ҳамчун "равзанаи имкониятҳо" барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ муаррифӣ мекунад [10, с. 145]. Ҳ. Умаров дар асари худ **"Глобализатсия ва иқтисодиёти миллӣ"** ҷанбаҳои манфии ин равандро таъкид намуда, ҳушдор медиҳад, ки "ҷаҳонишавии беназорат метавонад кишварҳои хурдро ба замимаи ашёи хоми давлатҳои абарқудрат табдил диҳад" [16, с. 56]. Ин баҳси илмӣ заминаи методологии таҳқиқоти моро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсияи Ҷонибек Эшбоев **"Хусусиятҳои ташаккули бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ"** (2024) қайд шудааст, ки тамоюли нави муҳоҷират ба самти кишварҳои Халиҷи Форс ва Аврупо мушоҳида мешавад, ки ин диверсификатсияи ҷуғрофиро талаб мекунад [18, с. 80;]. Эшбоев таъкид мекунад, ки "рақобат дар бозори ҷаҳонии меҳнат дигар на танҳо бо қувваи ҷисмонӣ, балки бо сатҳи дониши рақамӣ ва малакаҳои технологӣ муайян мешавад". М.И. Ҳасанова дар таҳқиқоти худ исбот мекунад, ки **рақобатпазирии иқтисодиёт** танҳо тавассути татбиқи кластерҳои саноатӣ ва коркарди амиқи ашёи хом (масалан, пахта ва алюминий) имконпазир аст [17, с. 45]. Воридшавии молҳои арзони хориҷӣ истеҳсолкунандаи ватаниро зери фишор мегузорад, ки инро мо дар мисоли саноати сабук равшан мебинем.

Ҳадаф гузошта шудааст, ки Тоҷикистон то соли 2037 бояд ба як "кишвари сабз" табдил ёбад. Ин як посухи стратегӣ ба чолишҳои экологии ҷаҳонишавӣ аст. Таҳлили мо нишон медиҳад, ки содироти "энергияи сабз" (CASA-1000) ва маҳсулоти кишоварзии органикӣ ду самти асосие мебошанд, ки Тоҷикистон метавонад дар онҳо мавқеи ҷаҳонӣ пайдо кунад. Дар шароити ноустувории занҷираҳои таъминоти ҷаҳонӣ, масъалаи амнияти озуқаворӣ ба масъалаи амнияти миллӣ табдил меёбад. З.Ф. Раҳмонзода дар мақолаи худ қайд мекунад, ки тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавӣ хавфи норасоии маводи ғизоиро зиёд мекунанд [12, с. 6].

Мо чунин мешуморем, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавӣ имконият медиҳад, ки кишвар ба технологияҳои нав, сармояи хориҷӣ ва бозорҳои байналмилалӣ дастрасӣ пайдо кунад. Тавре иқтисоддон М.И. Ҳасанова дар таҳқиқоти диссертатсионии худ қайд мекунад, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бевосита аз дараҷаи ҳамгироии он ба занҷираи арзиши иловагии ҷаҳонӣ вобаста аст [17, с. 45].

Аммо, ин раванд таҳдидҳои ҷиддиро низ ба бор меорад. Н. Қаюмов ҳушдор медиҳад, ки кушодашавии аз ҳад зиёди бозорҳо метавонад ба истеҳсолкунандагони ватанӣ, ки ҳоло иқтидори рақобати пурраро надоранд, зарба занад [7, с. 23]. Илова бар ин, таҳқиқоти профессор Ҳ. Умаров нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ метавонад боиси амиқтар шудани тафовути иҷтимоӣ ва муҳоҷирати қувваи корӣ гардад [16, с. 56].

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба соҳаи фарҳанг ва шуури ҷамъиятӣ назаррас аст. З.А. Бобоева дар таҳлили сотсиологӣ-фалсафии худ нишон додааст, ки ташаккули "шуури иқтисодӣ"-и нав дар ҷомеаи Тоҷикистон зери таъсири стандартҳои ҷаҳонӣ сурат мегирад, ки ин ҳам ҷанбаҳои мусбат (прагматизм, масъулиятшиносӣ) ва ҳам манфӣ (истеъмолгароӣ) дорад [2, с. 88]. Ин метавонад ба мафкураи ҷавонон таъсири манфӣ расонад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки ҷаҳонишавӣ набояд ба суботи сиёсӣ ва арзишҳои миллӣ халал расонад [5, с. 11].

